**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 001:378(575.34)**

ЯТИМОВ АМИРХОН ҶУРАХОНОВИЧ

# ТАШАККУЛ ВА ТАКМИЛИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

(дар мисоли вилояти Хатлон)

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва
рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Файзуллоев М.Қ.

Бохтар – 2022

# МУНДАРИҶА


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО........................................................................ 3**
**МУҚАДДИМА................................................................................................ 4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА............................ 13**
1.1 Мафҳуми иқтидори илмӣ-техникии минтақа ва хусусиятҳои таркибии он........................................................................................................ 13
1.2 Методҳои арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа.................................................................................................... 29
1.3. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ........................................................................ 41
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ВАЗЪИЯТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.............................................................................................. 61**
2.1. Вазъи ҳозира ва тамоюлоти рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон................................................................ 61
2.2. Таҳлил ва арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон........................................................................................................ 77
2.3.Мушкилоти асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон.................................................................... 97
**БОБИ 3. ТАКМИЛДИҲИИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН..................... 120**
3.1. Таъмини инкишофи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон.................................................................................................. 120
3.2. Интихоби самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон.................................................................. 136
3.3. Роҳҳои такмили идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон.................................................................................... 147

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ........................................................................ 164**
**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо.............................................. 166**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ........................................................................................ 171**
**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия....... 187**
**ЗАМИМАҲО ....................................................................................................... 189**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО:

1. ВМКБ – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.
2. ДАП – Дафтари Аврупоии Патентӣ
3. ДДТТ – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
4. ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
5. ИИТ – Иқтидори илмӣ техникӣ.
6. ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.
7. КИТТК – Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию-конструкторӣ
8. МИҶ – Маркази инноватсионии ҷавонон.
9. МОМИ – Маркази омодагии менеҷерҳои инноватсионӣ.
10. ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ.
11. МММ – Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ.
12. МТМК – Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ
13. МТОК – Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
14. СПАО – Созмони Патентии АвроОсиё
15. САЗ – Созмонҳои Африқои Зеҳнӣ
16. JSPS – Ҷамъияти ҷопонии пешбурди илм (JSPS, Нихон гакудзютсу синкекай).

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд»[1]. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо равона намудани захираҳои молиявӣ ва моддию техникиро ба рушди илм, техника ва инноватсия, тақвияти пажӯҳишҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотӣ, коркардҳои таҷрибавию конструкторӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва корхонаҳои алоҳида, табдил додани неруи илмию техникӣ ба яке аз захираҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муҳим мебошад. Татбиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла андешидани тадбирҳои дахлдорро дар самти баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии ҳудудҳои алоҳида талаб менамояд, ки ба эътирофи олимони маъруфи иқтисоддон таҳрикдиҳандаи асосӣ ва суръатбахши пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, ташаккул ва идоракунии бояду шояди он имкон медиҳад, ки ҳамчун замина барои воридшавии бомуваффақияти минтақа ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ зикр гардидааст, ки «...марҳалаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо солҳои 2026-2030 мебошад»[2]. Дар ҳамин ҳол шарти зарурии рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ - ин беҳтар намудани иқтидори илмию техникии инноватсионӣ дар минтақаҳо мебошад. Татбиқи онҳо дар таҷрибаи хоҷагидории

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 21.12.2021, шаҳри Душанбе *[Захираи электронӣ]:* https://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- С.25.

минтақа метавонад рушди иқтисод ва рақобатпазирии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолиро таъмин намояд.

Аммо, айни замон дар рафти омӯзиши адабиёти иқтисодии олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ возеҳ мегардад, ки асосҳои назариявӣ, муайян намудани мавқеи минтақаҳо аз лиҳози иқтидори илмӣ-техникӣ, арзёбӣ ва рейтинги муассисаҳои олӣ, мавҷудияти мушкилотҳо ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар минтақаҳо аз ҷумла вилояти Хатлон ба қадри имкон ҳалли худро наёфтаанд.

Вобаста ба ин, роҳҳои нави идоракунии иқтидори илмӣ-техникиро ҷорӣ намудан зарур аст, ки ба инкишофи инноватсионӣ дар вилояти Хатлон нигаронида шуда бошанд. Маҳз ҳамин масъалаҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи моро ташкил медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аксари асарҳои бахшида ба масоили арзёбии иқтидори инноватсионии илмӣ ва техникӣ шомили таҳлили унсурҳои сохтории он мебошанд.

Масъалаҳои таҳқиқоти нишондиҳандаҳои илмӣ-техникӣ, арзёбӣ ва рушди илмӣ-техникии минтақа, моделҳои идоракунии сиёсати илмию техникӣ ва инноватсионӣ, таҳлили муқоисавии фаъолияти патентӣ, ташаккули кадрҳои муассисаҳои таълимӣ дар таҳқиқоти олимони рус ба монанди А.А. Савелев, В.А. Жамин, В.А. Демидов, В.Е. Тонкал, Г.М. Добров, *И.А., Кондаков,*Е.Е. Румянсева, Е.И. Платонова, *К.А., Задумкин,* Л. К. Шамина, М.А. Бендиков, Н.Н. Лебедева, О.С. Олейник, П.А. Кулветс, С.В. Захаров, С.А. Кузубов, Т.В. Берглезова, *Т.А. Гревсева* оварда шудааст.

Дар байни олимони хориҷӣ, ки ба омӯзиши масъалаи дастгирии системавии илм ва инноватсия дар сатҳи давлат машғуланд, стратегияҳои миллӣ барои рушди технопаркҳо, таҷрибаи таъсис ва идоракунии паркҳои илмӣ машғуланд, метавон ба таҳқиқотҳои олимоне ба монанди А.Н. Авдулов, А.С. Власенко, А.Э. Никифорова, А.С. Сакун, А.А. Муфтахина, В.И. Громека, И.Е. Фридрих, П.Ф. Харбисон, С.М. Татаринова, Ю.В. Будавей истинод кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаи иқтидори илмӣ - техникии инноватсионӣ корҳои олимон-иқтисоддонҳои ватанӣ, ба мисли: А.Б. Мирсаидов, И.С.Ашуров, А.Ҷ. Ҷабборов, З.С. Султонов, З.С. Бурҳонзода, Ҳ.Б. Раҳматзода, Р.К. Раҷабов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, М.Қ. Файзуллоев, Е.Ш. Мирзоева, Н.Т. Мирзораҳимов, П.У. Бобомуродов, Р.И. Самадов, С.Ҷ. Комилов, У.М. Ҷумаев, Б.К. Шарипов, Ф.Т. Шодиев, Ф.М. Рустамов, Ш.А. Муҳаммадюсупова ва дигарон бахшида шудаанд.

Аммо дар адабиёти илмӣ ба мисли пешина масоили ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии як минтақаи алоҳида, таҳлили ҷузъҳои таркибии он, монеаҳои асосӣ ва омилҳои мусоидат ба рушди иқтидори мазкур, алалхусус афзалиятҳо ва роҳҳои такмилдиҳии он дар вилояти Хатлон ба таври нокифоя омӯхташуда боқӣ мемонанд, ки ин интихоби мавзуи пажӯҳиши илмиро аз қабл муайян кардааст.

**Робитаи кор бо барнома (лоиҳа)-ҳои мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи моҳияти иқтидори инноватсионии илмӣ-техникии минтақаи мавриди баррасӣ, ҷанбаҳои ташаккулёбии он, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он, инчунин роҳҳои такмилдиҳии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа зоҳир мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Дар татбиқи ин ҳадаф, ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- омӯзиш ва таҳқиқи **асосҳои назариявии** иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии он, инчунин муайян кардани имкониятҳои истифодаи он дар вилояти Хатлон;

- таҳлил ва арзёбии ҳолати имрӯза ва тамоюлоти рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа;

- ошкор намудани мушкилоти асосии рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилоят;

- пешниҳоди роҳҳои муносибтарини бартафнамоии мушкилотҳои ошкоршуда барои баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон;

- муайян ва интихоб кардани самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори илмӣ-техникии минтақа;

-пешниҳоди роҳҳо ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати такмили идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** иқтидори илмӣ-техникии минтақа, равандҳо ва механизмҳои рушди амалкарди он дар вилояти Хатлон мебошанд.

**Предмети таҳқиқотро** равандҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ марбут ба ташаккул ва такмили инкишофи иқтидори илмӣ–техникӣ бо мақсади таъмини рушди инноватсионии вилояти Хатлон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Татбиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, андешидани тадбирҳои дахлдорро дар самти беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон талаб менамояд. Чунки айни ҳол иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ яке аз омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ба ҳисоб рафта, ташаккул ва идоракунии он имкон медиҳад, ки ҳамчун замина барои воридшавии бомуваффақияти минтақа ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба назария ва амалияи ташаккули инноватсионии иқтидори илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ таъсири он дар рушди иқтисодиёти минтақа ташкил дода, маълумоти марказҳои таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда, ҳамчун асоси пойгоҳи назариявии ин таҳқиқот хизмат кардаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаҳои иттилоотии диссертатсияро асарҳои илмии олимони ватанию хориҷии марбут ба мавзуи таҳқиқотӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи расмии созмонҳои байналмилалӣ, маводҳои шабакаи «Интернет» ва инчунин мушоҳидаву таҳқиқоти худи муаллиф, ташкил медиҳад.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия дар кафедраҳои «Технологияи иттилоотӣ» ва «Менеҷмент»-и МДТ «Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар давоми солҳои 2016-2021 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** ин дар асоси таҳлилу арзёбии ҳолати имрӯзаи иқтидори илмӣ-техникии минтақа муайян намудани роҳҳо ва механизмҳои ташаккулу такмили он дар рушди инноватсионии минтақа мебошад. Натиҷаҳои назаррасе, ки унвонҷӯ дар натиҷаи омӯзишу таҳлили дурударози масъалаи мазкур мустақиман ба даст овардааст ва навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсияро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд:

- асоснок карда шудааст, ки иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа - ин маҷмуи сохторҳои ташкилӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техникӣ-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтирооту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд, инчунин, таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ омӯхта шуда, механизмҳои истифодабарии онҳо дар вилояти Хатлон муайян гардидаанд;

- вазъи муосир ва тамоюлоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи теъдоди муассиса ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон, кормандони илмӣ, нашрҳо, патент ва шаҳодатномаҳои навоварӣ, диссертатсияҳои ҳимояшудаи муассисаҳои илмӣ, рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои

таҳсилотӣ олӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ шуда, таъсиси чор муассисаҳои таҳсилоти олии дигар дар вилояти Хатлон тавсия карда шудаанд;

- мушкилоти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа ошкор карда шудаанд, ки асосан ба таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддиву техникии илм, ташаккули нокифояи заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, норасоии кадрҳои илмӣ, набудани робитаи зарурии маориф, илм бо истеҳсолот, ҷалб нагардидани неруи соҳибкорӣ ба рушди иқтидори илмӣ-техникӣ ва нокифоягии маълумоти оморӣ дар минтақа алоқаманд аст;

- роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби иловагии грантҳо барои пажӯҳишҳои илмӣ, гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳияи стратегияи роҳандозии асосҳои моддию техникӣ барои ин корҳо барои солҳои 2022-2030, пурзӯр намудани назорат аз болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули иттилооти муосир дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон ва дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия пешниҳод карда шуданд.

- самтҳои асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ аниқ ва муайян карда шуда, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, маориф, нақлиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод карда шуданд.

- роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа тавассути таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони

инноватсионӣ, фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, маркази инноватсионии ҷавонон ва такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон пешниҳод карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Андешаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, ки муҳтавои асосии навигариҳои илмии диссертатсияро ошкор намуда, дар диссертатсия моҳияти илмии онҳоро муттаҳид мекунад.

- муқаррароти илмию назариявии **иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа** ва таърифи **иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ** пешниҳод карда шудааст;

- ошкор кардани тамоюли рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа, рейтинги муассисаҳои олии вилоят арзёбӣ ва таъсиси чор муассисаҳои олӣ дар вилояти Хатлон тавсия карда шудаст;

- мушкилотҳои асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа бо назардошти таҳлили омилҳои монеъшаванда ошкор карда шудаанд;

- коркард ва асоснок намудани роҳҳои бартараф намудани мушкилотҳои ошкоршудаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон;

- таҳия ва асоснок намудани самтҳои асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа;

- пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба роҳҳои такмили идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон ва самаранокии истифодаи он.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои ассоснокшудаи диссертатсия ба инкишофи назарияи идоракунии инноватсияҳо дар минтақа мусоидат мекунад. Хулосаҳои илмӣ ва андешаҳои пешниҳодшуда дар қайдҳои илмии диссертант оид ба масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ, ки аз тарафи институтҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон қабул карда шудааст, инъикос ёфтаанд. Инчунин, аз лиҳози назариявӣ метавонад барои ҳалли масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникӣ дар вилояти Хатлон истифода гардад. Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан, метавонанд ба мақсади баланд

бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон, баъдан ба мақсади такмили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои зерин ба монанди: «Назарияи иқтисодӣ», «Менеҷменти инноватсионӣ», «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Соҳибкории инноватсионӣ» мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд ва аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон (Маълумотномаи №3/24 аз 25.01.2022), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Маълумотномаи №1/85, аз 18.02.2022), барои истифода дастгирӣ ёфтааст, инчунин санад оид ба татбиқи амалии онҳо замима гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: 2.1. Рушди нуқтаҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмили шаклҳо ва методҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар системаҳои иқтисодӣ; 2.6. Коркарди методҳо ва механизмҳои ҳамгироии илмии мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди методҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 2.15. Таҳқиқоти самтҳо ва воситаҳои рушди тарзи нави технологии системаҳои иқтисодӣ; 2.17. Инкишофи назария, методология ва методҳои маблағгузории венчурӣ барои навсозии илмӣ-техникӣ ва ташкилии системаҳои хоҷагидорӣ; 2.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва методҳои арзёбии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ; 2.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ба манфиатҳои рушди инноватсионӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ,

асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла «Масоили мубрами математика ва таълими он" бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов» (Бохтар, 2020), «Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) баҳои мусбат гирифтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, 32 ҷадвал, 9 расм, 3 диаграмма, хулоса ва рӯйхати адабиёти шомили 173 номгӯй иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 192 саҳифа оварда шудааст.

# БОБИ 1.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА

## 1.1. Мафҳуми иқтидори илмӣ-техникии минтақа ва хусусиятҳои таркибии он

Роҳи инноватсионии рушд, ки ба дастовардҳои илму техника ва технологияҳои пешрафта такя мекунад, дар тамаддуни муосир рӯз то рӯз афзалият пайдо карда истодааст. Ҳамин аст, ки консепсияи иқтисоди инноватсионӣ аз тарафи аҳли тамоми сармоядорони кишварҳои пешрафта ва кишварҳои дар ҳоли тараққӣ, дастгирӣ пайдо кардааст. Хусусияти асосии чунин иқтисод аз он иборат аст, ки равандҳои сохтан, паҳну пахш ва татбиқи донишҳои нав барои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он моҳияти ҳалкунанда касб карда, ҳамоҳангии муназзами рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити табиӣ ва пешрафти иҷтимоиро таъмин мекунанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бахши тавлидкунандаи донишҳо ва табдилдиҳандаи онҳо ба маҳсулоти истеъмолии инсон бо суръати баланд пеш рафта истодааст. Масалан, зарфияти бозори ҷаҳонии маҳсулоти технологии пешрафта 3,3 трлн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ин нишондод дар тӯли 15 соли баъдӣ ба 10 трлн. доллари ИМА хоҳад расид[3]. Теъдоди зиёди таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки тайи даҳсолаҳои охир дар доираи коҳиш ёфтани моҳияти омилҳои анъанавии рушди иқтисодӣ (қувваи корӣ, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ) саҳми корҳои инноватсионӣ ба рушди ММД-и кишварҳои пешрафта бидуни тағйир афзоиш ёфтааст. Агар дар охири асри XX ҳиссаи донишҳои нав, ки ба технология, таҷҳизот ва ташкили истеҳсолот табдил ёфтаанд, ба 4,5% ММД рост меомад (масалан, Фаронса – 58%, Финландия ва Шветсия – 63%, Австрия ва Германия – 67%), пас имрӯзҳо бошад, наздик ба 50 %

---

[3] Махзани электронӣ – Дастрасии маълумот аз сомониаи: http://www.rian.ru/rian/rtf.cfm?prd_id= 61&msg_id=4329963

рост меояд. Дар як қатор  давлатҳо саҳми инноватсионӣ ба рушди ММД аллакай то ба 70 – 85% расидааст[4].

Ба андешаи мо, инноватсия дар шароитҳои муосир яке аз муҳаррики рушди интенсивии иқтисод мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаи инноватсия корҳои олимон-иқтисоддонҳои ватанӣ, ба мисли: Файзуллоев М.Қ., Комилов С.Ҷ., Ашуров И.С., Султонов З., Алиева Г.Ш. Ҷумъаев У.М., Шодиев Ф.Т., Самадов Р.И. ва дигарон назаррас мебошанд, ки андешаҳои ҳар яки онҳоро мо мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ба андешаи Файзуллоев М.Қ. «...яке аз шартҳои асосии фаъолияти самарабахши низоми миллии инноватсионӣ ин ҳамкорӣ, ҳолат ва муҳити навоварӣ мебошад. Ин бояд як шабакаи ягонаеро ташкил диҳад, ки ҷараёни озоди дониш, ғоя, таҷриба, иттилоот ва навовариро дар дохили низоми инноватсионии миллӣ ва берун аз он таъмин намояд»[5].

Тибқи гуфтаи Комилов С.Ҷ. ва Алиева Г.Ш. «… инноватсияро ҳам динамикӣ ва ҳам оморӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Дар ҳолати охирин, инноватсия ҳамчун натиҷаи ниҳоии давраи илмӣ ва истеҳсолӣ, дар натиҷаи навигарӣ ва қонеъ кардани талаботи муайяни инноватсионӣ пешниҳод карда мешавад ... » [6] .

Султонов З.С. қайд мекунад, ки «...фаъолсозии омилҳои инноватсионии технологӣ бештар аз фаъолияти хизматрасонии иттилоотии ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир,  саривақт ошно шудани корхонаҳо бо сатҳи муосири рушди илми ватанӣ вобаста аст... »[7].

Ба гуфти Ҷумъаев У.М. «...инноватсияҳоро дар мафҳуми умумии иқтисодӣ, ҳамчун таҷдиди капитали асосӣ (фондҳои истеҳсолӣ) ё маҳсулоти истеҳсолшуда дар асоси ҷорӣ намудани навовариҳо - дастовардҳои илм, техника, технология ё

---

[4] Дар ҳамон ҷо.

[5] Файзуллоев М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (методологические подходы и механизм управления). // Автореферат дис. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. – М., 2012. - С.19.

[6] Комилов С.Дж., Алиева Г.Ш. Основы инновационного менеджмента. Душанбе: ТГНУ, 2004, с. 6

[7] Султанов З.С. // Вестник Белгородского Университета кооперации, экономики и права/ Султанов З.С., 2015г. С 166.

ин ки ин як раванди табиӣ, объективии такмил додани истеҳсолоти ҷамъиятӣ аст ... »[8], ҳисобидан мумкин аст.

Таҳқиқгари ватанӣ Шодиев Ф.Т. иқтидори илмӣ-техникии инноватсониро чунин мешуморад, «...инноватсия натиҷаи ниҳоии фаъолияти илмиест, ки татбиқи он дигаргуниҳои назарраси иқтисодиро дар рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити пешрафти илмӣ-техникӣ ва ташаккули иқтисоди инноватсионӣ бо дарназардошти ба даст овардани даромади иловагӣ дар бар мегирад... »[9].

Ба андешаи Самадов Р.И. «...дар шароити муосир пешрафти илмӣ-техникӣ боиси рушди некуаҳволии ҷомеа гардида ва тағйироти технологӣ бошад, омили муайянкунандаи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад... »[10].

Дар маҷмуъ, аз гуфтаҳои олимони ватанӣ метавон хулоса намуд, ки таъиноти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ аз он иборат аст, ки дар натиҷаи истифодаи фаъолнокии он рушди илм, такмили таҷҳизоти техникии истеҳсолот дар минтақа таъмин карда шуда, тавассути он баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати иҷтимоӣ, афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёт ва таҳкими бехатарии он, беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ ва амсоли инҳо таъмин карда мешаванд.

Дар баробари ин объети омӯзишии мо, ки ба иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ рабт дорад, мехостем каме таваҷҷуҳро оид ба иқтидорӣ инноватсионӣ ҷалб намоем. Зеро бедарк намудани ин мафҳум, оид ба иқтидори илмӣ-техникии минтақа андеша байён намудан бисёр кори мушкил мебошад.

Мафҳуми «Иқтидори инноватсионӣ» бори аввал аз ҷониби иқтисоддони англис Кристофер Фриман дар миёнаҳои солҳои 70-ум пешниҳод шуда буд. Вай дар асарҳои худ қайд кардааст, ки инноватсия низоми чорабиниҳо оид ба

[8] Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан// Автореф.дисс. на соиск. Уч. Степ. Канд. Экон. наук. – М., 2010.-с. 7

[9] Шодиев Ф.Т. Роль инновационной деятельности в увеличении доходности предприятия сферы услуг/ Ф.Т. Шодиев, П.Д. Ходжаев //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук – Душанбе: «СИНО», 2016. №2/10(219), -С.144-146.

[10] Самадов Р.И. Управление процессами формирования инновационного потенциала национальной экономики/ диссертация. -Душанбе – 2018.-С.28.

инкишоф, истифода ва ба кор андохтани неруи истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию ташкилӣ, асоси навовариҳо мебошад[11].

Питер Фердинанд Друкер мафҳуми «иқтидори инноватсионӣ»-ро ин– «навоварӣ аз таҳлили иқтидори мавҷуда барои истифодаи самараноки он оғоз мешавад»[12] маънидод намудааст.

Б.К.Лисин «...маҷмуи имкониятҳои илмӣ, техникӣ, технологӣ, инфрасохторӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайра барои таъмини дарк ва татбиқи инноватсия, яъне ба даст овардани навоварӣ»[13] шарҳ додааст.

Данко М. «...ҷамъоварии миқдори муайяни маълумот дар бораи натиҷаҳои корҳои илмию техникӣ, ихтироот, коркардҳои лоиҳакашӣ (конструкторӣ), намунаҳои таҷҳизот ва маҳсулоти нав»[14] мебошад.

Мувофиқи моддаи 1, банди 5-и қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» чунин шарҳи иқтидори инноватсиониро нишон додааст. «Иқтидори инноватсионӣ – маҷмуи шаклҳои гуногуни захираҳои зеҳнӣ, молиявӣ, истеҳсолию технологӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра, ки барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ заруранд»[15] мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки дар айни замон тафсирҳои зиёди муаллифон оид ба моҳияти иқтидорӣ инноватсионии минтақа мавҷуд аст. Дар ҳамин адабиёт мо иқтидори инноватсионалиро дар минтақа чунин дарк намудем:

–асосҳои илмию техникӣ дар шакли кашфиёт, ихтироот, таҳқиқот;

–сатҳи илмию техникие, ки барои ҳалли проблемаҳои нав имкон медиҳад;

–имкониятҳои иқтисодии корхона барои ҷалби самараноки технологияи нав.

---

[11] П. М. Гуреев, В. Н. Гришин, Инновационный потенциал: проблемы определения и оценки / Инновационная экономика/ С.90

[12] П. Ф. Друкер. Бизнес и инновации. М.: ООО «И.Д. Вильямс», 2009.

[13] Б. К. Лисин, В. Н. Фридлянов. Инновационный потенциал как фактор развития. Межгосударственное социально-экономическое исследование//Инновации. № 7. 2002.

[14] Данько М. Инновационный потенциал в промышленности Украины // Экономист. 1999. № 10. С. 26—32.

[15] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ ш. Душанбе, 16 апрели соли 2012.- № 822.

Аз нишондодҳо метавон, байён намуд, ки иқтидори илмӣ-техникӣ, ҷузъи асосии иқтидори инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, ки мо сохтори онро дар расми 1.1.1. пешниҳод менамоем.




**Расми 1.1.1. - Сохтори иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа**
**Манбаъ: Таҳияи муаллиф.**

Тавре ки аз расми 1.1.1 дида мешавад, унсури асосии иқтидори инноватсионии минтақаро иқтидори илмӣ-техникӣ мебошад, ки ҷузъҳои дохилии иқтидори инноватсионии он ҳангоми арзёбӣ ва таҳлил ҷузъҳои асосӣ мебошанд. Ҷудо кардани 4 иқтидори илмӣ-техникӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад аст, ки ҳар яки онҳо як қатор нишондиҳандаҳоро дар бар мегиранд, ки имкон

медиҳанд, ки дар маҷмуъ дараҷаи омодагӣ ва қобилияти минтақаро барои амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ муайян кунанд.

Ба назари мо, ироаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ба унвони система афзалиятноктар мебошад, чунки унсурҳои он бо ҳам алоқаманд буда, ба якдигар вобаста мебошанд. Барои мисол, норасоии иттилоотии илмӣ-техникӣ, набудани таҷриба ё тахассуси лозимаи ҳайат, ҳатто дар мавриди кофӣ будани мавҷудияти дигар захираҳо метавонад, ба бесамарии истифодаи онҳо оварда расонад.

Сарфи назар аз таваҷҷуҳи калон ба омӯзиши ҳамаҷонибаи иқтидори илмӣ-техникӣ, то ба ҳол дар адабиёти илмӣ назарияи ягонаи аз тарафи умум эътирофшуда нисбат ба таърифи он мавҷуд нест. Дар доираи тағйир ёфтани нақши илм, техника ва технологияҳои пешрафта дар ҳаёти инсон масъалаҳои омӯзиши иқтидори илмӣ-техники (ИИТ) хусусияти муҳим ва мубрамият касб кардааст. Дар ҳоли ҳозир таҳқиқоте аз ҷониби олимони рус (Демидов В.А., Лебедева Н.Н., Олейник О.С., Шамина Л.К., Бендиков, М.А., Бляхман Л.С. ва Хрусталев Е.Ю., Фоломева А.Н., Василевский Е.Г., Жамин В.А., Абдулов А.Н., Кулкин А.М., Будавей Ю.В., Кулветс П.А., Громека А.И. ва диг.), бурда шуда истодаанд, ки ҷанбаҳои гуногуни арзёбӣ ва таҳлили иқтидори илмӣ-техникӣ, муайян кардани равияи рушди он, инчунин шаклҳо ва механизмҳои татбиқро дар сатҳҳои гуногун дар бар мегиранд.

Фарқияти назаррас дар шарҳу тафсири он ба ин хотир аст, ки муҳаққиқон хусусиятҳои онро ҷудо карда мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар баъзе шарҳу тафсирҳо ба мазмуни ин категория таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар мавридҳои дигар бошад, ба хусусиятҳои амалкарди он ва дар мавриди сеюм бошад, ба хислати истифода ва алоқаи мутақобила бо дигар соҳаҳои фаъолияти инсон ва монанди инҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Мо ба таҳлили муфассали теъдоди зиёди тафсирҳо дода нашуда, интихоби методӣ ва баррасии баъзе таърифҳои характерноки иқтидори илмӣ-техникиро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Тарҷумаи таҳтуллафзии калимаи «иқтидор» аз забони лотинӣ (лот. potentio – неру) он қувваҳоеро (воситаҳо, захираҳо, сарчашмаҳо) мефаҳмонад, ки онҳо

метавонанд, ба кор даровaрда шаванд ва ё барои дастрасӣ ба мақсади мушаххасе сафарбар карда шаванд[16]. Дар шароити ташаккули иқтисодиёти донишҳо тавассути он олоте, ки метавонанд ба хотири дастрасӣ ба мақсадҳои рушди минтақа, қабл аз ҳама, тахияҳои илмӣ-техникӣ (технологияҳои нав, истеҳсолот ва истеъмолот, шаклҳои ташкилӣ, сохтусози техникӣ, системаҳои иттилоотӣ, навъҳои нави маводи хом) фаъол гардонида шаванд. Татбиқи онҳо дар таҷрибаи хоҷагидории минтақа қодир ба таъмини рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ва дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ ва инфиродӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа ба унвони яке аз муҳимтарин бахшҳои ташкилдиҳандаи иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақа, баромад мекунад. Дар айни ҳол дар назарияи муосири иқтисодӣ ва таҷриба ягонагӣ дар фаҳмиши моҳият ва сохтори иқтидори инноватсионӣ ва илмӣ-техникии минтақа вуҷуд надорад ва гоҳо онҳоро бо ҳам шабеҳ медонанд ё баръакс аз якдигар фарқ мегузоранд, ки ин ҳама садди роҳи такмили системаи идоракунии раванди инноватсионӣ дар минтақа мегардад.

Ба андешаи мо, иқтидорро ҳамчун қудрати таъмин кардани натиҷаи муайяни фаъолияти мувофиқ дар асоси истифодаи самараноки зарурӣ барои ба амал баровардани захираҳо ҳангоми шароитҳои додашуда, фаҳмидан зарур аст. Яъне, маънои ин истилоҳро чунин фаҳмидан мумкин аст, ки захираҳои мавҷударо метавон ба таври оқилона дар ҳолатҳои муносиб истифода кард, ки он натиҷаи мусбат ба бор орад ва метавонанд ғайри самаранок истифода шаванд ва ё комилан истифода нагарданд.

Дар ин ҷо ба эҳтимоли қавӣ бояд дар масъалаи шарҳи моҳияти мафҳумҳои «иқтидори илмӣ-техникӣ» ва «иқтидори инноватсионӣ», ки ба ҳам хеле наздиканд ва аксаран онҳоро шабеҳи якдигар медонанд, истода гузаштан лозим аст.

Дар охирҳои қарни XX фаъолияти инноватсиониро аз фаъолияти илмӣ-техникӣ фарқ мекардагӣ шуданд, зеро ба эҳтимоли қавӣ онҳо гуногунмаъноии навъҳои иқтидори минтақавии тадқиқшавандаро дар назар доштанд. Дар айни ҳол

---

[16] Большая советская энциклопедия. – М.: Советская энциклопедия, 1975. – Т. 20 с.

маънои истилоҳи «иқтидор»-ро бо истилоҳи «инноватсия» ба ҳисоб гирифта, метавон ба хулосае омад, ки иқтидори илмӣ-техникӣ ҳамчун «эҳтимоли иқтидор» фаҳмида мешавад, ки имконияти принсипиалии дар минтақа ба амал баровардани фаъолияти лозима маҳсуб ёфта, натиҷаи он метавонад дастоварди илмӣ-техникӣ бошад.

Пас, иқтидор ҳангоми омилҳои муайян яъне дохилӣ - берунӣ ва шароитҳо – мавҷуд будани механизми даркории идоракунии иқтидори илмӣ-техникии минтақа, системаи ташаккулёфтаи минтақавии инноватсионӣ ва инфрасохторҳои он, пеш бурдани сиёсати самараноки илмӣ-техникӣ ба амали татбиқшуда мубаддал мегардад. Ба ақидаи Демидов В.А., Лебедева Н.Н., Олейник О.С. дар айни ҳол ба омилҳои дохилии истифодаи иқтидори минтақавии илмӣ-техникӣ ба мақсади табдил додани он ба иқтидори инноватсионӣ нисбат додани мавридҳои зерин зарур аст[17]:

а) сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дараҷаи иттилоотрасонӣ ва компютеркунонӣ;

б) омилҳои захиравӣ (маърифатӣ, меҳнатӣ, илмӣ, техникӣ, молиявӣ ва ғ.), ки барои ташаккули онҳо сиёсати муносиби минтақавӣ, муҳити ҳуқуқӣ, фазои сармоягузорӣ зарур мебошад;

в) омилҳои ташкилию идоракунӣ ба монанди инфрасохтори инноватсионӣ, механизмҳои молиявию иқтисодӣ ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолнокии инноватсионӣ ва ғ.;

г) омилҳои бозорӣ, мавҷуд будани инноватсияҳои минтақавии мутобиқи бозор, инчунин дархости қобили пардохт ба маҳсулоти инноватсионӣ.

Дар байни омилҳои берунаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ бошад, мо мавридҳои зерин ҷудо намудем:

а) хусусиятҳои зуҳури муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;

б) равияҳои байналмилалии рушди инноватсионӣ;

в) дархост ба натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии ватанӣ дар бозорҳои

---

[17]Демидов В.А., Лебедева Н.Н., Олейник О.С. Региональная инновационная система: потенциал и тенденции. С. 174.

ҷаҳонӣ ва ғ.

Аммо сарфи назар аз муҳиммияти таъсири омилҳои зикршуда ба ташаккул ва истифодаи иқтидори илмӣ-техникии минтақа, бахусус он (на балки иқтидори инноватсионӣ), ба андешаи мо, бояд дар системаи «илм-инноватсия» аввалӣ бошад, чунки бидуни заминаи назарраси илмӣ-техникӣ дар шакли идеяҳо, донишҳои нави илмӣ-техникӣ, пойгоҳи моддии илмӣ, кадрҳои илмии баландихтисос ва монанди инҳо таҳия ва татбиқи навгониҳо аз имкон берун аст.

Дигар ин, ки иқтидори илмӣ-техникӣ, ба ҳайси яке аз муҳимтарин унсурҳои ташкилдиҳандаи иқтидори иҷтимоиву иқтисодии минтақа (дар баробари иқтидори захиравию табиӣ, истеҳсолӣ, истеъмолӣ, сармоягузорӣ, инфрасохторӣ ва амсоли инҳо) рушди прогрессивӣ ва рақобатпазирии минтақаро таъмин мекунад. Навгониҳои ташкилӣ, технологӣ, идоракунӣ, молиявию иқтисодӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа пайдо шуда, тағйироти сифатии онро муайян карда, пойдевори устувори рушдро барои дурнамои дарозмуддат бунёд мекунад.

Муносибатҳои назарраси назариявӣ нисбат ба таҳлили моҳият ва муҳтавои иқтидори илмӣ-техникии минтақа дар расми 1.1.2 оварда шудаанд.

Дар таҷрибаи хориҷӣ истилоҳи «иқтидори илмӣ-техникӣ» (scientific and technological capacity) мавриди истифода қарор мегирад. Дар Эъломияи аз тарафи ЮНЕСКО қабул гардида бошад, дар бораи илм ва истифодаи донишҳои илмӣ зарурати «сохтани иқтидори муносиби баробартақсимшавандаи илмӣ ва технологӣ бо кумаки барномаҳои мувофиқи маърифатӣ ва таҳқиқотӣ ба унвони пояи асосӣ барои рушди бехатари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ» қайд карда мешавад (моддаи 10), дар ин робита дар Эъломия (моддаи 37) омадааст, ки шароитҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иқтисодиро барои таҳкими иқтидори илмӣ-техникӣ дар бахши давлатӣ ва хусусӣ таъмин намуда ва ба ҳамкорӣ дар байни онҳо мусоидат бояд кард.

Дар айни ҳол худи иқтидори илмӣ-техникӣ мутобиқ ба шарҳи ЮНЕСКО ҳамчун маҷмуи «захираҳои мавҷуда, ки давлат барои ихтироти илмӣ ва навигариҳои техникӣ доро мебошад, инчунин барои ҳаллу фасли масъалаҳои байналмилалӣ, дар баробари илм ва замимаҳои он пешниҳод мегардад» шарҳ дода

мешавад[18].




**Расми1.1. 2.- Тавсифи муфассали иқтидори илмӣ-техникии минтақа**
**Манбаъ: Таҳияи муаллиф**

Ҳамаи гуфтаҳои болоро хулоса карда, қайд кардан зарур аст, ки мафҳумҳои «иқтидори илмӣ-техникӣ» ва «иқтидори инноватсионӣ»-ро набояд ба ҳам мушобеҳ ҳисобид, чунки минтақае, ки дорои маҷмуаи илмӣ-маърифатии пешрафта буда (ба таври кофӣ дониш ва технологияҳои навро, ки метавонанд дар навгониҳои иҷтимоию фоидаовар истифода шаванд пешниҳод кардаанд), аммо

[18]Declaration on science and the use of scientific knowledge: принята Всемирной конференцией ЮНЕСКО «Наука для XXI века: новые обязательства», Будапешт, 26 июня – 1 июля 1999 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: www.unesco.org/science/wcs/eng/declaration_e.htm#knowledge.

сатҳи кофии иқтидори инноватсиониро таъмин накардааст (шароити даркорӣ бунёд накардааст – қабл аз ҳама, системаи инкишофёфта ва самараноки инноватсионии минтақа), наметавонад ба таври кофӣ фаъолнокии инноватсиониро ба роҳ монад. Ба андешаи Шамина Л.К. иқтидори инноватсионӣ дар муқоиса бо иқтидори илмӣ-техникиро метавон «хусусияти зичии ҷараёни навовариҳо, суръати расонидани навовариҳо то ба бозор»[19] ҳисобид.

Ба ақидаи Фоломева А.Н. иқтидори илмӣ-техникӣ-ин «ягонагии дуто хусусияти асосӣ мебошад: 1) маҷмуи захираҳои марбут ба соҳаи илмӣ-техникӣ; 2) натиҷаҳои фаъолият, аз ҷумла дар ҷанбаи таъсир ба иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмуъ»[20].

Дар шарҳу тафсири Бляхман Л.С. иқтидори илмӣ-техникӣ ин «натиҷаи тадиқотҳо ва таҳияҳое мебошад, ки бо теъдоди илмӣ-техникӣ муайян карда мешавад»[21].

Бендиков М.А. ва Хрусталев Е.Ю. қайд мекунанд, ки «иқтидори илмӣ-техникӣ ин маҷмуи шароитҳои ба ҳам алоқаманд ва захираҳое мебошад, ки аз як тараф, бозтавлиди донишҳои санҷидашударо, аз суйи дигар бошад, бозтавлиди шароитҳои мавҷуда (шомили шаклҳои ташкилию иқтисодии мавҷуд будани коллективи илмӣ) ва имконоти таҳияи навигариҳои техникиро дар муддати муайянгашта таъмин мекунад»[22].

Мутобиқ ба нишондодҳои Василевский Е.Г. ва Жамин В.А. иқтидори илмӣ-техникӣ «системаи мураккабе мебошад, ки шомили иқтидори илмӣ (таҳқиқот ва бозёфтҳо), маърифатӣ ва техникӣ мебошад»[23]

---

[19] Шамина Л. К. Инновационный потенциал предприятия // Инновации. - 2007. - № 9 (107). - С. 58-60.

[20]Научно технический потенциал: структура, динамика, эффективность / Г.М. Добров, В.Е. Тонкаль, А.А. Савельев [и др.]. – Киев:Наукова Думка, 1987. – 347 с.

[21] Бендиков, М.А. Методологические основы исследования механизма инновационного развития в современной экономике / М.А. Бендиков, Е.Ю. Хрусталев // Менеджмент в России и за рубежом. – 2007. – №2. – С. 3 14.

[22]Жамин, В.А. История экономических учений / В.А. Жамин,Е.Г. Василевский. – М.: МГУ, 2002.

[23] Авдулов, А.Н. Показатели научно технического потенциала.Методы сравнительного анализа / А.Н. Авдулов, А.М. Кулькин // Курьер российской академической науки и высшей школы. – 2001. – №12.

Абдулов А.Н. ва Кулкин А.М. *дар* зери мафҳуми иқтидори илмӣ-техникӣ «маҷмуи кадрҳо, захираҳои моддӣ, молиявӣ ва иттилоотии соҳаи миллии илму техника ва инчунин сохторҳои ташкилӣ ва идоракунӣ, ки фаъолияти ин соҳаро таъмин мекунанд, мефаҳманд»[24].

Аз таърифи Будавея Ю.В. бармеояд, ки «иқтидори илмӣ-техникӣ шомили фақат натиҷаҳои он навъҳои фаъолияти илмӣ ва таҳқиқотие мебошад, ки бевосита ба техникаи нав, таҳияи лоиҳаҳои нави илмӣ-техникӣ ва барномаҳо алоқаманд мебошад»[25].

Ба ақидаи Кулветс П.А. дар зери мафҳуми иқтидори илмӣ-техникӣ «маҷмуи захираҳои корӣ, техникӣ, моддӣ, иттилоотӣ ва захираҳои ташкилӣ ва идоракунии ҷавобгӯ ба талаботи ин марҳалаи инқилоби илмӣ-техникӣ ва таъйиншуда барои тавлид ва такмили маҳсулоти истеҳсолӣ, рушди интенсивии истеҳсолот ва дар ин асос таъмини тағйири шароит ва хислати кор, баланд бардоштани истеҳсолоти иҷтимоӣ»[26]-ро фаҳмидан лозим аст.

Громека А.И. иқтидори илмӣ-техникиро ҳамчун бахши муҳимтарини иқтидори иқтисодии мамлакат, ки «ягонагӣ ва ҳамкории илмӣ, маърифатӣ, идоракунӣ ва бахши замонавии иқтидори техникиро ифода мекунад»[27], муайян кардааст.

Таҳлили моҳияти иқтидори илмӣ-техникии овардашуда дар сарчашмаҳои зикршуда ва дигар сарчашма имкон медиҳанд, ки якчанд муносибатро нисбат ба таърифи он ҷудо кунем (рас. 1.1.3). Ҳар яке аз онҳоро ба таври муфассал дида мебароем.

I. **Муносибат аз мавқеи муҳтавои иқтидор:**

1. Шарҳу тафсири индустриалӣ (Бляхман Л.С., Добров Г.М., Кулветс П.А.) –

---

[24]Авдулов, А.Н. Показатели научно технического потенциала.Методы сравнительного анализа / А.Н. Авдулов, А.М. Кулькин // Курьер российской академической науки и высшей школы. – 2001. – №12

[25]Будавей, Ю.В. Долгосрочные народнохозяйственные программы / Ю.В. Будавей. – М.: МЫСЛЬ, 1980. – 207 с.

[26] Кульвец, П.А. Научно технический потенциал: сущность, оценка, эффективность использования: учеб. пособие / П.А. Кульвец. –Вильнюс: МВССО ЛитССР, 1980. – 55 с.

[27] Громека, В.И. США: научно технический потенциал. Социально экономические проблемы формирования и развития / В.И. Громека. – М., 1977.

дар ин ҳолат муҳаққиқон иқтидори илмӣ-техникро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.




**Расми 1.1.3- Муносибат ба таърифи иқтидори илмӣ-техникӣ бо дарназардошти вазъият ва рушди он фақат дар раванди фаъолияти илмӣ-техникӣ**
**Манбаъ: Таҳияи муаллиф**

**II** – шарҳ, пешниҳоде, ки ҳангоми таҳқиқот ба он такя хоҳем кард.

Шарҳи постиндустриалӣ (иттилоотӣ) (Е.Г. Василевский, В.И. Громека, В.А. Жамин, П.Г. Олдак) — ҳангоми муайян кардани ИИТ, ба ғайр аз раванди фаъолияти илмӣ-техникии ин самт аҳамияти муҳити маърифатӣ ва иттилоотию коммуникатсиониро ҳамчун унсурҳои муҳимтарини бунёдгузор барои ташаккул ва фаъолияти иқтидорӣ қайд кардаанд.

Мо дар кор ба андешаи дуюм такя хоҳем кард, ки ба назари мо нисбатан пурра моҳияти равандҳои рушди иқтидори илмӣ-техникиро дар ҳоли ҳозир, вақте, ки иттилоот ва донишҳо ба захираҳои асосии стратегии ҷомеа ва давлат дар маҷмуъ мубаддал мегарданд, инъикос мекунанд.

**II. Муносибат аз мавқеи фаъолияти иқтидор:**

1. Пешниҳоди захиравӣ (М.А. Бендиков, Л.Э. Миндели, Е.Ю. Хрусталев) – дар ин маврид иқтидор бо захираҳои дар ихтиёри иштирокчиёни фаъолияти илмӣ-техникӣ мавҷудбуда (кадрӣ, молиявӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва амсоли инҳо) муайян карда мешавад.

2. Пешниҳоди натиҷа (Л.С. Бляхман, Ю.В. Будавей)-ҳангоми баррасии иқтидор натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ дар навъи донишҳои нав ва истифодаи ин донишҳо дар амал ба ҳисоб гирифта мешавад.

3. Варианти ҳамгиро (А.Е. Варшавский, А.О. Ладний, В.Л. Макаров, А.Н. Фоломев) ба арзёбии ҳам захираҳои илмӣ-техникӣ ва ҳам натиҷаҳои истифодаи амалии онҳо дар маҷмуъ асос ёфтааст.

Мо бештар ҷонибдорӣ варианти ҳамгиро мебошем, зеро ин вариант на танҳо вазъият, балки самаранокии татбиқи захираҳои мавҷударо характернок мекунад.

**III. Муносибат аз мавқеи рушди иқтидор:**

1. Шарҳи мухтасар (А.Н. Авдулов, Л.С. Бляхман, А.М. Кулкин, Ю.В. Яковетс) - ИИТ ба таври истисноӣ дар чаҳорчӯби системаи муносибатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон дар бунёд, тақсим ва истифодаи донишҳо дар ҳамаи соҳаҳои илм ва техника ё ба таври дигар, дар соҳаи илмӣ-техникӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

2. Шарҳи муфассал (В.И. Громека, Ю.М. Канигин, П.Г. Олдак)-шарҳи иқтидор тавассути таъсири он ба рушди қаламрав, дар маҷмуъ, муайян карда мешавад.

3. Варианти ҳамгиро (И.О. Калинников, П.А. Кулветс) вазъияти ИИТ-ро дар ҳудуди соҳаи илм ва техника ва мутобиқати он ба талаботи қаламрав инъикос мекунад.

Дар шароитҳои муосир вақте дастовардҳои илм ва техника на танҳо ҳаллу фасли масъалаҳои инкишофи қаламравро таъмин мекунанд, балки ба унвони омили интенсивии инкишофи иқтисодии он баромад мекунанд, аз ин рӯ, варианти ҳамгироии дарки иқтидори илмӣ-техникӣ нисбатан мазмунноктар мебошад. Мо дар таҳқиқоти хеш ба ин вариант ҷонибдор мебошем.

IV. **Муносибат аз мавқеи ташкили иқтидор:**

1. Пешниҳоди фрагменти (А.И. Анчишкин, Ю.В. Будавей, А.О. Ладний) - иқтидор ҳамчун унсурҳои ҷудогонаи таркибии бо ҳам алоқаманд набуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

2. Пешниҳоди системавӣ (Е.Г. Василевский, В.А. Жамин, Л.Э. Миндели, А.Н. Фоломев)-иқтидор ҳамчун маҷмуи унсурҳое, ки дар муносибат қарор доранд ва алоқаи байни якдигарии онҳо якпорчагии муайян ё ба таври дигар гӯем, системаро ташкил медиҳад, шарҳ дода мешавад.[28].

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, самтҳои интихобшуда дар чаҳорчӯби чор адад муносибатҳои баррасишуда мо таърифи зеринро пешниҳод кардем. Иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа - ин маҷмуи сохторҳои ташкиллӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техники-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтирооту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд.

Таърифе, ки мо пешниҳод намудем, моҳияти дилхоҳ объект ба таври кофӣ ба воситаи унсурҳое, ки онро ташкил медиҳанд ва бо ҳам алоқаманд мебошанд, ошкор карда мешавад. Аз ин рӯ, сохтори иқтидори илмӣ-техникии минтақа, ки мутобиқ ба таърифи дар боло ифода шуда метавонад, се таркиби он дар шакли воҳид пешниҳод гардад: захиравӣ, натиҷавӣ, идоракунӣ, ки онҳоро ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Таркиби захиравӣ, асоси фаъолият ва рушди иқтидори илмӣ-техникии минтақа мебошад. Вай аз унсурҳои зерини ба ҳам алоқаманд, ки таъиноти гуногуни функсионалӣ доранд, ба мисли, ташкилӣ, кадрӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотию молиявӣ иборат мебошад. Ҳар кадом аз унсурҳоро муфассалтар дида мебароем.

1. Ташкилӣ — ин маҷмуи таҳқиқоти илмии иҷрошаванда ва бозёфтҳои ташкилии минтақа, аз рӯйи намуд, шакли моликият, бахшҳои фаъолият, тарзҳои

---

[28]Новая экономическая энциклопедия / Е.Е. Румянцева. – М.: ИНФРА М, 2005. – 724 с.

маблағгузорӣ ва монанди инҳо мебошанд, ки фарқ мекунанд.

2. Кадрӣ – шомили ҳамаи намудҳои кадрҳои илмӣ-техникии минтақа мебошад, ки қодир ба генератсия ва татбиқи идеяҳои нави илмӣ-техникӣ, ичроиши корҳои илмӣ, педагогӣ, техникӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва дигар корҳое мебошад, ки ҳам миқдор ва ҳам тахассусро инъикос мекунад.

3. Моддӣ-техникӣ – воситаҳо ва мавзӯъҳои кори илмие мебошанд, ки шароитҳои лозимаро барои ба амал баровардани фаъолияти илмӣ-техникӣ дар минтақа пешниҳод намуда, ҳаҷм ва сифати таркиби онҳоро инъикос мекунад.

4. Иттилоотӣ – шомили ҳаҷми донишҳои то ба ин замон андӯхташуда ва ба система даровардашуда мебошад, ки ҳам хабардории олимони минтақаро дар бораи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳам мавҷуд будани ғояҳои оригиналии худӣ, методика ва бозёфтҳо ва амсоли инро инъикос мекунад.

5. Унсури молиявӣ-ин маҷмуи фонди маблағҳои пулие мебошад, ки дар ихтиёри соҳаи илм ва техникаи минтақа қарор дорад. Дар айни ҳол як қисмати воситаҳои молиявӣ барои такмили унсурҳои соҳаи илмӣ-техникӣ ва бахши дигараш бошад, барои фаъолият намудани он ва бахши сеюмаш, хароҷот карда мешавад.

Таркиби натиҷа-ин натиҷаи фаъолияти соҳаи илм ва техника буда, татбиқи захираҳои мавҷудбудаи минтақа ва имкониятҳоро инъикос мекунад.

Таркиби идоракунӣ - қобилияти соҳаи илмӣ-техникии минтақа бо он характернок аст, ки дар асоси принсипҳои тиҷоратии натиҷадор захираҳоро барои ташаббус, сохтан ва интиқоли навъҳои гуногуни бозёфтҳо, инчунин метод ва тарзҳои идоракунӣ аз болои ин равандҳо ҷалб намояд.

Бо назардошти маҳдуд будани захирахои иқтидори илмию техникӣ вазифа гузошта мешавад, ки самтҳои афзалиятнок интихоб карда, хароҷоти тараққиёти илмию техникӣ оптимизасия карда, сикли илмию техникӣ барои ба даст овардани натиҷаи инноватсионӣ тезонда шавад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки сохтори иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар сурати ҳамкории зичи байни унсурҳо ва такмили якдигар унсурҳои захиравӣ, натиҷавӣ ва идоракунӣ худро ҳамчун як воҳиди

якпорча нишон медиҳанд, ки боиси такон хӯрдан ба самти тағйироти нави сифатӣ ва микдорӣ, яъне инноватсионӣ хоҳад шуд.

## 1.2. Методҳои арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа

Зарурати арзёбии иқтидори илмӣ-техникӣ минтақаҳои мамлакат аз талаботи ба даст овардани иттилооти объективӣ дар бораи сатҳи ИИТ-и мамлакат барои шиносоии манотиқи кишвар, ки дар он ҷойҳо субъектҳои пурсамари фаъолияти инноватсионӣ ва ҳадафҳои зиёди дигаре ташкил додан мумкин аст, бар меояд.

Гузариши иқтисоди мамлакат ба роҳи инноватсионии рушд, солҳои охир мушаххас шуд, аммо сарфи назар аз ин моҳияти ИИТ-и минтақаҳои ҷумҳурии мо хеле вақт аст, ки омӯхта шуда истодааст. Дар ҳар сурат то ба ҳол масъалаи назариявию методологии таҳлили ИИТ-и минтақаҳои мамлакат ба натиҷаи тадқиқотҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиши моҳияти ИИТ-и ва муайян намудани методикаи арзёбии маҷмуӣ ва сатҳи он то ба ҳол мубрам мебошад.

Барои ҳаллу фасли ин масъала қабл аз ҳама аз такмили муносибати назариявӣ, ки асосҳои заминаи худи методикаро ташкил медиҳанд, оғоз намудан зарур аст.

Мутобиқ ба андешаҳои илмӣ ва таҳқиқотҳо системаҳои инноватсиониро ҳадди ақал ба ду гурӯҳи калон - рушдкунанда ва системаҳои инноватсионии рушдёфта ҷудо кардан зарур аст. Ин амал имкон медиҳад, ки худи назарияи иқтисоди инноватсиониро рушд диҳад ва муносибатҳои назариявию методологӣ, ки методикаи арзёбии сатҳи ИИТ-ро ба шакл медароранд такмил дод.

Барои мо зарурати гурӯҳҳои пешниҳодшудаи системаи инноватсионӣ ҳам аз мавқеи назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ маълум аст, чунки ин тасниф имкон медиҳад то ба натиҷаҳои зерин ноил гардем:

- ба ҳисоб гирифтани раванди рушди объекти тадқиқот;
- баланд бардоштани саҳеҳияти таҳқиқотҳои гузаронидашаванда.

Сабабе, ки ин қабил тақсимкунии системаҳои инноватсионӣ боиси баланд шудани саҳеҳияти таҳқиқотҳои илмӣ мегардад аз он иборат аст, ки системаҳои

инноватсионии тараққикунанда ва тараққиёфта дорои фарқиятҳои объективӣ дар равандҳои дохилӣ, ки дар ҳар кадом аз марҳилаҳои рушди онҳо ба амал меоянд, мебошанд. Ин равандҳо бисёр мураккабанд, аз рӯйи дараҷаи интенсивият, сатҳи рушди алоқаҳо, инчунин таъсири онҳо ба худи системаи инноватсионӣ ва инчунин ба иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмуъ, фарқ мекунанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки методҳо ва муносибатҳои мувофиқро барои арзёбии сатҳи ИИТ-и ҳар як шакли системаи инноватсионӣ таҳия карда, олотеро муайян кардан лозим аст, ки вай имкон диҳад, вазифаҳои гузошта шуда ба таври максималӣ самаранок ҳаллу фасл карда шаванд.

Дар даҳсолаҳои охир аз ҷониби муҳаққиқони илми иқтисод оид ба муайян намудани методикаи арзёбии иқтидорӣ илмӣ-техникии минтақа муайян карда шудаанд, ки мо онро дар ҷадвали 1.2.1 пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 1.2.1.-Методҳои арзёбии иқтидори илмӣ-техникии минтақа**

| Методики арзёбии минтақа | Шарҳи мухатассар |
|---|---|
| Методологияи баҳодиҳии интегралии неруи илмӣ-техникии кишвар (Ҷопон); | Усули баҳои интегралии неруи илмӣ ва техникии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон дар Китоби Сафед аз рӯи ҳашт нишондиҳанда пешниҳод шудааст.<br>1. шумораи олимон ва муҳандисоне, ки дар соҳаи рушди илмӣ ва техникӣ кор мекунанд;<br>2. хароҷоти миллӣ барои илм;<br>3. шумораи патентҳое, ки дар кишвар ба қайд гирифта шудаанд;<br>4. шумораи патентҳои, ки дар хориҷа ба қайд гирифташуда;<br>5. ҳаҷми савдои технологияҳо (ба ҳисоби арзишӣ);<br>6.ҳаҷми содироти маҳсулоти илмталаб;<br>7. ҳаҷми арзиши иловашуда дар саноати истеҳсолӣ;<br>8.ҳаҷми содироти технологияҳо. |
| Методология барои арзёбии ҳамаҷонибаи потенсиали илмӣ-техникии кишвар (ИМА); | Усули баҳодиҳии ҳамаҷонибаи потенсиали илмӣ - техникии кишвар дар Донишкадаи Технологии Ҷорҷия (Атланта) таҳти сарпарастии Бунёди Миллии илми ИМА аз рӯи чор нишондиҳандаи мураккабро сохта шудааст.<br>1) тамоюли миллӣ;<br>2) инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ;<br>3) инфрасохтори технологӣ;<br>4) ҳосилнокӣ . |
| Методи ҳисобкунии индекси дониш (Бонки Ҷаҳонӣ); | Методологияи Бонки Ҷаҳонӣ ки дар он индекси дониш ҳамчун нишондиҳандаи ҷудонашаванда амал мекунад, ки ба ҳисоби миёна ба се нишондиҳандаи таркибии он баробар аст: а) системаи инноватсионӣ; б) маълумот ва неруи инсонӣ; в) инфрасохтори иттилоотӣ. |
| Методи ҳисобкунии индекси умумии инноватсия (Нидерланд); | Методологияи ҳисобкунии индекси умумии инноватсия аз ҷониби Институти Маастрихт оид ба таҳқиқоти иқтисодии инноватсия ва технология (MERIT, Нидерланд) барои арзёбӣ ва муқоисаи дастовардҳои инноватсионии кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо барои муайян кардани Индекси умумии минтақавии инноватсияҳо аз рӯи 12 нишондмиҳанда пешниҳод шудааст: 1.аҳолии дорои маълумоти олӣ (фоизи аҳолии 25 - 64 сола);2.иштирок дар таҳсилоти муттасил (% аҳолии 25 - 64 сола);3.шуғл дар истеҳсолоти технологияҳои миёна ва сатҳи олӣ (% шумораи умумии қувваи корӣ);4.шуғл дар соҳаи хизматрасонии технологияҳои |

| Методики арзёбии минтақа | Шарҳи мухатассар |
|---|---|
| | олӣ (% шумораи умумии қувваи корӣ); 5. хароҷоти давлатӣ барои таҳқиқот ва рушд (% ММД);6.хароҷоти соҳибкорӣ барои таҳқиқот ва рушд (% ММД);7.ба Идораи патентии Аврупо пешниҳод намудани дархостҳо барои гирифтани патентҳои баландтехнологӣ (ба як миллион аҳолӣ);8.ҳиссаи корхонаҳои инноватсионӣ (% аз ҳамаи корхонаҳои саноатӣ);10.ҳиссаи корхонаҳои инноватсионӣ (% аз ҳамаи корхонаҳо дар соҳаи хизматрасонӣ);9. хароҷоти навоварӣ (% аз гардиши умумии саноат);11.хароҷоти навоварӣ (% аз гардиши умумии бахши хизматрасонӣ);12. фурӯши маҳсулоте, ки барои корхона нав аст, аммо барои бозор нав нест (% аз гардиши умумии саноат). |
| Методологияи таҳлили сохтории фаъолияти инноватсионии қаламрав (С.В. Кортов); | С.В. Кортов методологияи таҳлили сохтории фаъолияти инноватсионии қаламравро дар заминаи соҳавӣ, ки бо нишондиҳандаҳои стратегия дар соҳаи таҳқиқот ва инноватсия мебошад аз рӯи 3 нишондиҳанда таҳия намудааст: 1. Индекси шадиди илмии соҳа - таносуби ҳаҷми хароҷот барои илм ва хариди технологияҳо дар доираи мубодилаи байналмилалии технологӣ (бо роҳи воридот) ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар қаламрави муайян;2. Коэффитсиенти мустақилияти технологии соҳа - таносуби хароҷоти дохилӣ барои таҳқиқот ва таҷриба дар соҳа ба технологияҳои воридшаванда;3. Индекси мубодилаи технологӣ - таносуби даромадҳо ва пардохтҳо дар гардиши савдои технологияҳо ва натиҷаҳои КИТТК |
| Методологияи таҳлили регресси фаъолияти инноватсионии қаламрав (Т.А. Штерсер); | Усули муайян кардани фаъолияти инноватсионии қаламрав, ки аз ҷониби Т.А. Штерсер муайян карда шудааст. Методологияи мазкур ба омӯзиши омилҳое, ки ба татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳо таъсир мерасонанд, усули таҳлили регрессияро дар бар мегирад. Дар асоси маводи омории объектҳои таҳқиқшаванда як қатор муодилаҳои регрессионӣ сохта мешаванд. масалан, муносибати байни дархостҳоро барои ихтироот ва омилҳои асосии ба фаъолияти инноватсионӣ таъсирбахш (тавсеаи талабот, арзиши сармояи инсонӣ, ҳаҷми маблағгузорӣ барои таҳқиқот ва рушд, фаъолияти сармоягузорӣ ва ғ.). Дар натиҷаи ҳисобҳо ва таҳлил омилҳое муайян карда мешаванд, ки ба сатҳи фаъолияти инноватсионии қаламрав таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд. |
| Методологияи таҳлили омилии иқтидори инноватсионии минтақа (Е.П.Амосионок, В.А.Бажанов); | Е.П. Амосенок ва В.А. Бажанов методологияи таҳлили омилии иқтидори инноватсионии минтақаро дар асоси усули ҷузъҳои асосӣ таҳия намудааст, ки аз шаш нишондиҳанда иборат аст: 1. Иқтидори таҳқиқотии аҳолӣ;2. Шиддатнокии арзиши маҳсулоти нохолиси минтақавӣ кори илмӣ; 3. "Шиддатнокии илмӣ" -и МММ аз ҷониби докторҳои илм; 4. "Шиддатнокии илмӣ" -и МММ аз ҷониби муҳаққиқони дараҷаҳои илмӣ; 5. Иқтидори ихтироъкории аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол;6. Сатҳи фаъолияти инноватсионии ташкилотҳо; |
| Методологияи гурӯҳбандии минтақаҳо ва нишондиҳандаҳои рушди системаи инноватсионӣ (А.Е. Варшавский); | А.Э. Варшавский барои арзёбии потенсиали илмӣ- техникӣ кластерсозии минтақаҳоро дар асоси шаш нишондиҳанда пешниҳод намудааст:1.таносуби сатҳи музди меҳнат дар соҳаи «Илм ва хизматрасонии илмӣ» ва дар маҷмуъ дар иқтисодиёти минтақа;2.таносуби хароҷоти дохилӣ барои таҳқиқот ва лоиҳакашӣ ва МММ;3.ҳиссаи содирот ба кишварҳои хориҷии дур дар МММ; 4.ҳиссаи кормандоне, ки ба корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ машғуланд, дар шумораи умумии одамоне, ки дар иқтисод кор мекунанд;5.шумораи патентҳои додашуда ва шаҳодатномаҳои ҳуқуқи муаллиф ба 1 миллион нафар. аҳолӣ;6. сатҳи миёна МММ ба ҳар сари аҳолӣ. |
| Методологияи ҳисобкунии индекси инноватсионии минтақаҳо (Институти мустақили сиёсати иҷтимоии Федератсияи Россия); | Методи ҳисобкунии индекси инноватсионии минтақаҳо , ки онро Институти мустақили сиёсати иҷтимоии Федератсияи Россия аз рӯи панҷ омил ё нишондиҳандаи зерин муайян намудааст: 1) шумораи кормандоне, ки ба корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ машғуланд, ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии одамоне, ки дар иқтисод кор мекунанд; 2) шумораи донишҷӯёни донишгоҳҳо, ба 10 ҳазор нафар. аҳолӣ; 3) шумораи патентҳои ба қайд гирифташуда, ба 1000 нафар аҳолӣ. дар иқтисод кор мекунанд; 4) хароҷоти навовариҳои технологӣ,; 5) сатҳи интернетизатсия,%. |

| Методики арзёбии минтақа | Шарҳи мухатассар |
|---|---|
| Методологияи рейтинги минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди инноватсионии онҳо (А.Б. Гусев). | А.Б. Гусев методологияи рейтинги минтақаҳоро аз рӯи сатҳи рушди инноватсионии онҳо, ба ду гурӯҳи омилҳо таҳия намудааст: Гурӯҳи якум - "ҳассосияти инноватсионӣ" - бо нишондиҳандаҳои зерини самаранокии технологии истеҳсолоти минтақавӣ муаррифӣ мешавад: а) ҳосилнокии меҳнат, ки ҳамчун таносуби МММ субъект ба шумораи миёнаи солонаи одамоне, ки дар иқтисодиёти минтақа машғули коранд, арзёбӣ карда мешавад; б) ҳосилнокии сармояи истеҳсолӣ, ки ҳамчун таносуби МММ субъект ба арзиши фондҳои асосӣ ҳисоб карда мешавад; в) тозагии экологии истеҳсолот, ки миқдори тақсимоти МММ субъект ба ҳаҷми партови моддаҳои зараровар ба атмосфера мебошад, ки аз манбаъҳои статсионарӣ бармеоянд.<br>Дар методологияи рейтинг нишондиҳандаҳои гурӯҳи дуюми омилҳо - «фаъолияти инноватсионӣ» бо чунин нишондиҳандаҳои мушаххас инъикос карда мешаванд: а) хароҷоти таҳқиқотӣ ва рушд барои як корманд; б) арзиши инноватсияи технологӣ ба як корманд; в) истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ ба ҳар сари аҳолӣ. |

**Коркард ва таҳияи муаллиф дар доираи маводҳои Задумкин К.А., Кондаков И.А. Методика сравнительной оценки научно-технического потенциала региона/ 4 (12) 2010. Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз**

Таҳлили маълумотҳои пешниҳодшуда дар корҳои дастраси илмӣ доир ба ин самти таҳқиқот, имкон доданд, баъзе каҷравиҳо дар рейтингҳои ҷамъбастӣ ошкор карда шаванд, ба ақидаи мо сатҳи онҳо ғайри қобили қабул мебошад, аз ин рӯ худи корҳоро ғайриқаноатбахш эътироф кардан зарур аст.

Сабаби ин каҷравиҳо дар набудани бақайдгирӣ дар муносибатҳо методикаҳои арзёбии сатҳи ИИТ-и, ҳамчун хусусиятҳои умумии системаҳои тараққикунанда ва унсурҳои онҳо ва инчунин хусусиятҳои алоқаманд ба вижагии худи системаи инноватсионӣ дар мамлакат мебошад, ки мутобиқ ба натиҷаҳои тадқиқоти мо ба қатори системаҳои инноватсионии тараққикунанда дохил мешавад.

Ошкор намудани ҳамаи хусусиятҳои объективии мавзӯъ ва объекти тадқиқот имкон доданд, заминаҳои зарурии методикаи арзёбии иқтидори илмӣ-техникии минтақа ва натиҷаи муносибати нави мукаммали назариявию методологӣ бо натиҷаҳои дурусти қобили қабул таҳия карда шаванд.

Мутобиқ ба тадқиқоти мо масъалаи асосие, ки ҳангоми муайян намудани методикаи арзёбии ИИТ-и ва параметрҳои ҳамрадифи инкишофёбандаи системаҳои инноватсионӣ пайдо мешаванд, тарзи муҳосибаи самараноки фаъолияти бахши инноватсионӣ маҳсуб меёбад.

Алгоритми ҷамъбастии методикаи арзёбии ИИТ-и минтақаҳои мамлакат ба тариқи зайл мебошанд:

**Марҳилаи 1.** Дар ин ҷо нишондиҳандаҳои асосӣ ва омилҳое, ки дар оянда ҳангоми муҳосибаи арзёбии ҷамъбастӣ барои ҳар як минтақа истифода мешавад, ҷудо карда шуда, инчунин системаи афзалиятҳо барои ин омилҳо мушаххас карда хоҳанд шуд.

Ҳамаи омилҳо ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1.Омилҳое, ки таркиби захираҳоро инъикос мекунанд.

2.Омилҳое, ки ба ҳайси арзёбии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ баромад мекунанд.

Ба гурӯҳи якуми омилҳо мавридҳои зеринро нисбат додан мумкин аст:

1) теъдоди кормандони машғул ба тадқиқотҳои илмӣ ва ихтироот (нафар);

2) теъдоди муҳаққиқони дорои дараҷаи илмӣ (нафар);

3) хароҷотҳои дохилӣ барои тадқиқотҳои илмӣ ва ихтироот (млн. сомонӣ);

4) хароҷотҳо барои инноватсияҳои технологӣ (млн. сомонӣ);

5) теъдоди ташкилотҳое, ки ба тадқиқотҳои илмӣ ва ихтироот машғуланд (теъдод).

Ҳамин тариқ, ба гурӯҳи дуюм мавридҳои зерин нисбат доранд:

1) теъдоди технологияҳои истеҳсолии пешрафтаи сохта шуда (теъдод);

2) теъдоди технологияҳои истеҳсолии пешрафтаи истифодашаванда (теъдод);

3) теъдоди патентҳо барои ихтироъ ва амсилаҳои муфид (теъдод);

Истифодаи ҳиссаи нишондиҳандаҳо ва дигар бузургиҳои нисбӣ дар сурате иҷозат дода мешавад, ки вақте пешакӣ таҳлили аниқи натиҷаҳо барои ҳар як нишондиҳандаи мушаххаси ҳамаи интихобҳо гузаронида шудааст. Дар ҷараёни таҳлил зарур аст, ки сатҳи каҷравии нишондиҳандаҳои генератсиякунанда, дар шароити системаҳои инкишофёбандаи инноватсионӣ, ки аз ифодаҳои муҷоз мегузаранд, шиносоӣ ва арзёбӣ карда шуда, имкониятҳои истифодаи минбаъдаи онҳо таҳлил ва хулоса карда шавад.

Истифодаи бузургиҳои нисбӣ дар сурате тавсия дода мешавад, ки вақте муҳаққиқон нисбати натиҷаи фақат ягон қисмати мушаххаси интихоби минтақаи

мушаххас манфиатдор бошанд. Пас агар дар ҷараёни таҳлил ошкор карда шуда бошад, ки качравиҳои генератсияшаванда ба муҳаққиқон дахолат надоранд, он вақт нишондиҳандаҳои баррасишавандаро ба методика шомил кардан мумкин аст.

Ба нишондиҳандаҳои нисбатан коршоям дар шароити системаҳои инкишофёбандаи инноватсионӣ нишондиҳандаҳои зерин нисбат доранд:

1. Ҳиссаи хароҷотҳои дохилӣ барои тадқиқот ва бозёфт (%).

2. Вазни қиёсии шахсони машғул ба тадқиқот ва ихтироот аз миқдори умумии дар иқтисод машғул буда (%).

3.Теъдоди муҳаққиқони дараҷаи илмӣ дошта аз ҳисоби дар иқтисод машғул будагон (%).

4.Теъдоди ҳуҷҷатҳои муҳофизатии содиршуда бобати ихтироот ва амсилаҳои муфид аз ҳисоби аҳолӣ (воҳид/ҳаз. наф.).

5.Теъдоди технологияҳои истеҳсолии пешрафтаи сохта шуда ба ҳисоби аҳолӣ (воҳид/ҳаз.нафр.).

Барои ҳолате, ки барои муҳаққиқон фақат як қисмати интихоб лозим аст, ба баррасӣ нишондиҳандаҳои зеринро ворид кардан мумкин аст:

1.Ҳиссаи хароҷотҳо барои инноватсияи технологӣ бо (%).

2.Теъдоди технологияҳои истеҳсолии пешрафтаи сохта шуда ба ҳисоби аҳолӣ (воҳид/ҳаз.нафр.).

3.Вазни хоси маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти боргиришуда (%).

4.Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионии боргиришуда бо МММ (%).

Марҳилаи 2. Нишондиҳандаҳои дар қадами боло интихоб карда шуда, дар ҷадвали ягона дар санаи мушаххас мутобиқ ба ҳамаи минтақаҳо муҷаддадан тавлид карда хоҳад шуд.

Марҳилаи 3. Дар асоси ин маълумотҳо доир ба ҳар кадом аз нишондиҳандаҳо мутобиқ ба ҳамаи интихоб гистограмма сохта мешавад.

Марҳилаи 4. Мутобиқ ба гистограммаи ба даст оварда шуда, таснифи тоқи моҳияти параметрҳои интихоб шуда ҷорӣ карда мешавад. Барои ин тағйироти

лингвистии «Сатҳи нишондиҳанда» ҷорӣ карда шуда ва панҷ маънои он муайян карда мешавад:

1) сатҳи баланди нишондиҳанда;
2) сатҳи миёна-баландӣ нишондиҳанда;
3) сатҳи миёнаи нишондиҳанда;
4) сатҳи миёна-пасти нишондиҳанда;
5) сатҳи пасти нишондиҳанда.

Ин панҷ омил, маънои моҳияти лингвистии тағйирёбандаи аксарияти «Сатҳи нишондиҳанда»-ро ташкил медиҳанд. Кластерҳои «паст», «миёна», «баланд» дараҷаи иқтидори минтақаро нисбат ба нишондиҳандаи мушаххас мефаҳмонанд. Барои ҳар кадом аз нишондиҳандаҳо мутобиқ ба сатҳи ҷорӣ ҳар кадом аз маъноҳои тағйирёбандаи «Сатҳи нишондиҳанда» муайян карда мешавад.

Марҳилаи 5. Пас аз таснифи маънои нишондиҳандаҳо ба дараҷабандии онҳо мутобиқ ба сатҳ мегузаранд. Мақсади ин қадам аз муайян кардани маънои нишондиҳандаҳо, иборат мебошад. Барои ин параметри «дараҷа», дараҷаи нисбат доштани маънои омили ҷории системаи сатҳи тоқҳо, ки қаблан сохта шуда буд ба тариқи зайл муҳосиба мекунад:

1. Барои маънои нишондиҳандаҳое, ки ба кластерҳои «паст», «миёна», «баланд» меафтанд, дараҷа ба воҳиди ин сатҳи омил ва сифр барои сатҳҳои боқимонда баробар мешавад.

2. Барои маънои нишондиҳандаҳое, ки ба минтақаи нобоварӣ меафтанд, дараҷаи ду адад кластерҳои ҳамсоя муҳосиба мешавад, миқдори умумии онҳо бояд ба воҳид баробар бошад. Пас аз ин ҳеҷ як маънои нишондиҳанда ба минтақаи нобоварӣ намеафтад, онҳое, ки ба он шомил буданд, ба синфҳои ҳамсоя бо лавозимоти муайяне нисбат дода шуданд.

Марҳилаи 6. Барои ҳар кадом аз нишондиҳандаҳо вазни худи он, мутобиқ ба системаи афзалиятҳои дар қадами якум ҷорӣ карда шуда муайян карда мешаванд. Он омилҳое, ки афзалият доранд, ба нархи ниҳоӣ дар қиёс бо нишондиҳандаҳои камафзалият таъсири ҷиддӣ хоҳанд расонид. Дар айни ҳол шарти зерин бояд иҷро карда шаванд:

$$\sum_{i=1}^{5} p_i, \qquad (1)$$

дар ин ҷо $p_i$ – вазни $i$- нишондиҳанда мебошад.

Шарти мазкур системаи аёнияти коэффитсиентҳои вазниро таъмин мекунанд.

Дар поён, дар фосилаи воҳид функсияҳои трапетсияшакли ба ҳақиқат наздики тағйироти лингвистии «Сатҳи нишондиҳанда» дода мешаванд.

Барои муайян намудани самаранокӣ ва рейтинги иқтидори илмии минтақа, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба сифати омили таҳлилӣ микдори омузгорони дорои дараҷаи илмидошта истифода бурда мешавад.

Ҳоло мо ба таҳлили моҳияти баҳодиҳии самаранокии иқтидори имлии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таваҷҷуҳ мекунем. Таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ имкон медиҳад, ки заминаҳои илмӣ дар маҷмуъ дар соҳаи идоракунии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва аз ҷумла ташкили фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои олӣ назаррасанд. Аммо ба баъзе масъалахои принсипиалӣ, мебошад, ки ба фикри мо, то имруз ҳалнашуда мондаанд, диққат надодан мумкин нест. Дар байни онҳо масъалаи методологияи баҳодиҳии иқтидори илмии таҳсилоти олӣ мебошад, ки аҳамияти ин тадқиқотро таъкид мекунад.

Бо ақидаи А.В.Сичев бояд розӣ шуд, ки «...неруи илмӣ на танҳо маҷмуи захираҳои мавҷудаи дараҷаи муайян, балки қобилияти самаранок истифода бурдани онҳо барои мақсадҳои илмӣ мебошад»[29].

Дар асоси ҳамин мо бояд баҳодиҳии иқтидори илмии донишгоҳҳои минтақаро бояд ба чунин принсипҳои методологӣ асос намоем:

- роҳ надодан ба омӯзиши баҳодиҳии омилҳои ташаккули неруи илмии таҳсилоти олӣ бо арзёбии шаклҳои амалисозии он, ки фарқи байни баҳодиҳии ибтидоӣ ва миёнаи неруи илмӣ;

---

[29] Сычев, А. В. Научный потенциал негосударственного вуза: содержание, факторы формирования, формы реа-лизации//Науковедение. 2014. № 4 (23).

- муносибати байни нишондиҳандаҳои мушаххаси арзёбӣ, гурӯҳҳо ва блокҳои онҳо, инчунин баҳодиҳии ҳамгирошуда;
- дар асоси ҷадвали 10-баллӣ ба ҳам овардани нишондиҳандаҳои сифатнок ва гуногуншакл, ки имкон медиҳад нишондиҳандаҳо ба индексҳо табдил дода, муқоиса карда шаванд;
- даст кашидан аз истифодаи коэффисиентҳои вазн бо мақсади нигоҳ доштани андозаи ягона;
- муқоисаи ҳар як нишондиҳанда бо мурури замон бо мақсади муайян кардани динамикаи онҳо;

Бояд қайд кард, ки ҳадафҳои асосии баҳодиҳии иқтидори илмии таҳсилоти олӣ муайян намудани қувваҳои ҳаракатдиҳанда, равандҳои ташаккул ва рушди он, инчунин сатҳи онро дар давраи ташаккули сиёсат пешбинишуда ва тартиб додани барномаҳои дахлдор мебошад.

Дар асоси ҳадафҳои пешбинишуда, инчунин сохтори иқтидори илмии таҳсилоти олӣ нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ибтидоӣ бояд ба гурӯҳҳои зерин гурӯҳбандӣ карда шаванд:

- нишондиҳандаҳои омилҳои институтсионалии ташаккули иқтидори илмии таҳсилоти олӣ;
- нишондиҳандаҳои омилҳои кадрӣ (яъне хусусиятҳои неруи кадрии муассисаҳои олии минтақа, аз ҷумла сатҳи дараҷаи кормандони илмию педагогӣ;
- омилхои иҷтимоӣ (пеш аз ҳама, нишондиҳандаҳои самарабахшии хавасмандгардонии моддию ғайримоддии раванди илмию техникӣ, инчунин дараҷаи нуфузи фаъолияти илмӣ-тадкикотӣ дар муассисаҳои олӣ);
- нишондиҳандаҳои таъмин бо захираҳои иттилоотӣ (пеш аз ҳама, дастрасӣ ба системаҳои китобхонаҳои электронӣ);
- нишондиҳандаҳои мавҷуд будани захираҳои моддию техникӣ (масалан, таъминоти миёнаи факултет бо асбобҳои лабораторӣ ва таҷҳизоти илмӣ);
- нишондиҳандаҳои мавҷудияти захираҳои молиявӣ (аз ҷумла хусусиятҳои хароҷоти ба нақшагирифтаи муассисаҳои олӣ барои фаъолияти илмӣ);

- нишондиҳандаҳои мутобиқати фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишгоҳҳо ба афзалиятҳои сиёсати давлатӣ (иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- нишондиҳандаҳои мутобиқати фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишгоҳҳо ба шароити бозори КИТТК;

- нишондиҳандаҳои ҳамгироии таҳсилоти олӣ ба системаи миллии илмию технологӣ ва ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ.

Дар қисми баҳодиҳии рейтингии иқтидори илмии минтақа дар муассисаҳои олӣ, таркибии захираҳо танҳо шумораи кормандоне, ки бо фаъолияти илмӣ машғуланд ва сохтори касбию тахассусии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Таҷҳизонидани воситаҳои муосири техникӣ, аҳамият ва сохтори онҳо аз таваҷҷуҳ дур мемонанд. Ба сифати нишондиҳандаҳои асосии таркиби самарабахши иқтидори илмию техникии мактабҳои оли тавсия дода мешавад, ки инҳо ба назар гирифта шаванд:

- китобҳо, мақолаҳои нашршуда, экспонатҳое, ки дар виставкаҳо гузошта шудаанд;

- коэффисиенти ҳатми тадқиқоти диссертатсионӣ, шумораи шуроҳои диссертатсионӣ, шумораи ҳимояи рисолаҳо;

- нишондиҳандаҳои эътирофи натиҷаҳои фаъолияти илмии донишгоҳҳо аз ҷониби ҷомеаи илмӣ;

- шумораи мукофотҳо, дипломҳо;

- нишондихандаҳои молиявӣ: ҳаҷми маблағгузорӣ барои тадқиқот аз рӯи грантҳо, маблағгузории корҳои шартномавӣ.

Таганова Н.В. дар тадқиқоти худ ба арзёбии иқтидори илмии комплексҳои донишгоҳӣ, ки дар онҳо ҷузъи кадрии неруи илмӣ нақши асосиро мебозад, таваҷҷуҳ кардааст[30].

Ба андешаи В.И.Аверченков, В.М.Кожухар, А.С.Сазонова «…иқтидори илмии минтақаро бисёр муаллифон ҳамчун маҷмуи пурраи захираҳои зеҳнӣ,

---

30 Таганова, Н.В. Современные методы оценки инновационного потенциала научной деятельности университетского комплекса: автореф. дис….канд.экон.наук / Н.В.Таганова.-М., 2007. - http://revolution.allbest/ru

институтсионалӣ ва моддии он мефаҳманд, ки қодиранд ё ба тавлид ва паҳн кардани донишҳои нав, инчунин ба таври муассир гирифтан ва азхуд кардани донишҳои аз дигарон гирифташуда мусоидат мекунанд»[31]. Вобаст ба ҳамин мо системаҳои рейтингии таъиншуда тақсимоти муассисаҳоро ба гурӯҳҳои шартӣ - қавӣ, миёна, заиф пешбинӣ менамоем.

Формулаҳо барои муҳосибаи арзёбии маҷмуӣ дар шакли зайл мебошанд:

$$A = \sum_{j=1}^{m} \alpha_j \sum_{i=1}^{n} p_i \lambda_{ij}, \qquad (2)$$

дар ин ҷо $i$ – индекси ҳар кадом аз нишондиҳандаҳои мушаххас,

$j$ – индекси сатҳи нишондиҳанда (теъдоди умумии сатҳҳо $M$=3),

$\lambda ij$ – дараҷаи $i$- нишондиҳанда аз рӯйи сатҳи $j$-ум, ки тавассути қадами панҷум муайян карда мешавад,

$\alpha_j$ – абсиссаи максимуми функсияҳо мутаалиқ ба терм-аксарияти тағйирёбии лингвистии «Сатҳи нишондиҳанда».

Пас аз табдилдиҳиҳои алгебравӣ ва ворид намудани ишоракуниҳо ҳосил менамоем.

$$z_i = \sum_{j=1}^{m} \alpha_j \lambda_{ij}, \qquad (3)$$

аз иҷо баробарии

$$An = \sum_{j=1}^{m} p_i z_i, \qquad (4)$$

дурст мебошад[32].

Дар натиҷа, доир ба ҳар ду қисми омилҳо арзёбиҳои маҷмуии фосилавии сатҳҳои онҳо: арзёбии захираҳои мавҷуда дар минтақа ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод мегардад. Қисмати арзёбиҳои ба даст омада

---

[31] В.И.Аверченков, В.М.Кожухар, А.С.Сазонова / Оценка научного потенциала региона **https://kk.convdocs.org/docs/index-173599.html**

[32] Рейтинг инновационного развития субъектов Российской Федерации. Выпуск 5 / Г.И. Абдрахманова, П.Д. Бахтин, Л.М. Гохберг и др.; под ред. Л.М. Гохберга; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». – М.: НИУ ВШЭ, 2017. – 260 с.

дар фосилаи аз 0 то 1 ҷойгир мебошад. Таносуби ин ду характеристикаи ба маълумоти бо қисми бутуни ғайрисифрӣ табдилшуда самаранокии фаъолияти инноватсионии минтақаро доир ба ҳар як субъект медиҳад.

Пас аз ҳисоб намудани харатеристикаи самаранокӣ арзёбии маҷмуии ниҳоӣ доир ба ҳамаи омилҳо дода мешавад. Рейтинги ҷамъбастӣ аз 0 то 1 буда имкон медиҳад, натиҷаро ба 10 фосилаи баробар ё қисмҳо тақсим кард ва дар дохили ҳар кадом аз фосилаҳо радабандии обектҳои тадқиқотро мутобиқ ба сатҳи самаранокии онҳо анҷом дод. Андозаи фосилаҳо ва теъдоди онҳо метавонад, вобаста ба вазъият ва назароти муҳаққиқон гуногун бошанд. Чунин шакл фақат барои татбиқи методика дар бастаи барномарезӣ, ки ҳамеша имкони даровардани ислоҳот дар параметри қисмҳо мавҷуд аст, муносиб мебошад.

Системаи возеҳу равшани тарозуҳо ва системаи афзалиятҳо, ҷудо кардани аниқи омилҳо вобаста ба табиат ва хислати онҳо имкон медиҳад, обектҳоро аз ҷонибҳои гуногун арзёбӣ намуда, хулосаҳои даркорӣ баровард. Масалан, агар дар системаи афзалиятҳо ба нишондиҳандаҳое, ки сатҳи сармояи инсонии дар сектори инноватсионии минтақа ба амал омадаро инъикос мекунанд, афзалияти аз ҳама боло дода шавад, пас дар интихоби субъектҳое, ки дар онҳо марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амсоли инҳо сохтан ба мақсад мувофиқ мебошад. Нишондиҳандаҳои мувофиқ дар системаи афзалиятҳо камаҳамият хоҳад шуд, агар сухан дар бораи имконоти татбиқи истеҳсолот бо технологияҳои мавҷуда равад.

Ҳамин тариқ, бо тамоми нуқтаи назари гуногун, аксарияти муаллифон, ки иқтидори илмӣ маҷмуи захираҳои фаъолияти илмию техникӣ ва кор карда баромадани натиҷаҳои он мебошад, бо ҳам мувофиқанд. Аз ин лиҳоз, мо категорияи баррасишаванда на танҳо ҳамчун маҷмуи иқтидори илмӣ, балки қобилияти истифодаи самаранокӣ онҳоро дар муассисаҳои олии вилояти Хатлон бо мақсади муайян намудани рейтинги онҳо дар зербоби 2.2 барраси менамоем. Ба назар чунин мерасад, ки маҳз ҳамин ҳолатҳо масъалаи дигари баҳсталаб — маҷмуи меъёрҳои баҳодиҳии иқтидори илмӣ мебошанд.

## 1.3. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шиддатёбии рақобати байналмилалӣ дар бозорҳои фурӯш, мамлакатҳое, ки хостори баланд бардоштани суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва соҳибихтиёрии иқтисодии худро ҳифз мекунанд, маҷбуранд ба рушди босуръати илмӣ-техникӣ диққати махсус диҳанд.

Ба андешаи мо иқтидори илмӣ-техникиро ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои илмӣ-техникӣ муаррифӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию-конструкторӣ (КИТТК) пеш бурда шавад. Дар шароити имрӯза, иқтидори илмию техникии мамлакатҳои хориҷа яке аз муҳимтарин хусусиятҳо ва нишондиҳандаҳоест, ки имкониятҳои рушд, инчунин мавқеи онҳоро дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва миқёси иштирок дар муносибатҳои байналмилалиро муайян мекунад. Вобаста ба ҳамин, мо иқтидорӣ илмию техникии мамлакатҳои хориҷиро ба ду гурӯҳи омилҳо-миқдорӣ ва сифатӣ ҷудо намудем. Ба омили аввал, масалан, мавҷудияти муҳаққиқони омӯзишдида, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию-конструкторӣ (КИТТК), ба омили дуюмӣ-системаи ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию-конструкторӣ (КИТТК), афзалиятҳои рушди илмӣ, хизматрасонии илмӣ дохил мешаванд.

Дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ дастовардҳо дар соҳаи илм ва техника, ҳамчун омилҳои муайянкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Рушди инноватсионии мамлакатҳои хориҷӣ бошад диққати махсусро ба таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои афзалиятнок равона намуда истодаанд. Ва пеш аз ҳама, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию-конструкторӣ (КИТТК) дастгирии молиявиро талаб мекунад. Имрӯз дар ҷаҳон, афзоиши бемайлони ҳаҷми маблағгузории КИТТК ба назар мерасад. Ин тамоюлро, пеш аз ҳама, кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон муайян мекунанд, ки дар онҳо дар тӯли 6 соли охир хароҷоти мутлақ барои таҳқиқоти илмӣ 2-3 маротиба афзудаанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба дастгирии давлатии инноватсионӣ гуногун мебошад, аммо таъсири мустақими он дар як система, ки ба амали неруи бозор асос ёфтааст, ба гуфтаи коршиносон, аҳамияти дуюмдараҷа дорад.

Дар байни нишондиҳандаҳои асосие, ки вазъи илмро дар мамлакатҳои хориҷӣ баҳо додан имконпазир аст, ҳиссаи хароҷоти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун фоизи ММД, одатан, дар кишварҳои пешрафта бояд аз 2 то 3 фоизро ташкил диҳад, дар ин ҳолат, сатҳи маблағгузориро оптималӣ номидан мумкин аст. Вобаста ба ҳамин, мо мамлакатҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудем, ки он дар ҷадвали 1.3.1 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.3.1.-Хароҷоти барои таҳқиқоти илмӣ ва коркарди озмоишӣ-конструкторӣ (КИТТК) ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД дар кишварҳои ҷаҳон барои солҳои 2013-2018**

| Мамлакатҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Мамлакатҳое, ки хароҷотҳо барои КИТТК ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД афзоиш ёфта истодааст | | | | | | |
| Исроил | 4,09 | 4,17 | 4,26 | 4,51 | 4,82 | 4,95 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 4,15 | 4,29 | 4,22 | 4,23 | 4,55 | 4,81 |
| Ҷопон | 3,31 | 3,40 | 3,28 | 3,16 | 3,21 | 3,26 |
| Австрия | 2,95 | 3,08 | 3,05 | 3,13 | 3,05 | 3,17 |
| ИМА | 2,71 | 2,72 | 2,72 | 2,76 | 2,82 | 2,84 |
| ҶМЧ | 2,0 | 2,03 | 2,07 | 2,12 | 2,15 | 2,19 |
| Британияи Кабир | 1,64 | 1,66 | 1,67 | 1,68 | 1,70 | 1,72 |
| Мамлакатҳое, ки хароҷотҳо барои КИТТКба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД кам гардида истодааст | | | | | | |
| Россия | 1,03 | 1,07 | 1,10 | 1,10 | 1,11 | 0,99 |
| Қазоқистон | 0,17 | 0,17 | 0,17 | 0,14 | 0,13 | 0,12 |
| Қирғизистон | 0,15 | 0,13 | 0,12 | 0,11 | 0,11 | — |
| Узбекистон | 0,20 | 0,16 | 0,17 | 0,18 | 0,16 | 0,13 |
| Тоҷикистон | 0,12 | 0,12 | 0,11 | 0,11 | 0,12 | 0,10 |

**Сарчашма: Радабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯи хароҷоти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ конструкторӣ. Энсиклопедияи гуманитарӣ [Захираи электронӣ]// Маркази технологияҳои гуманитарӣ. URL: http: //gtmarket.ru/ratings/ research -and-development-хароҷот / иттилоот**
**Коркарди муаллиф**

Тавре, ки маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, Исроил бо 4,95% мақоми аввалро ишғол намудааст ва ин ҳисса сол то сол рӯ ба афзоиш мебошад. Асоси иқтисодиёти Исроил содироти инноватсионӣ мебошад. Пас аз бартараф кардани оқибатҳои бухрони иқтисодии соли 2008 иқтисодиёти Исроил ба реҷаи усутвори рушд ва ҳатто ба сармояҳои нисбатан танқидӣ – сармоягузорӣ ба стартапҳои

фонди сармояи венчурӣ баргашт[33]. Сиёсати инноватсионӣ дар Исроил афзалан аз тарафи Вазорати саноат, тиҷорат ва меҳнат ба амал баровaрда мешавад.

Агентӣ маблағгузории назарраси буҷетиро дар соҳаи инноватсионӣ ва ду адад афзалиятҳои муҳимми ояндадор: диверсификатсияе, ки ба таври хеле қавӣ ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобаста аст, пойгоҳи инноватсионии Исроил ва паҳну пахши мавод аз инноватсияро дар соҳаҳои анъанавӣ ва ташкилотҳо дар музофотҳое, ки аз афзалияти технологияҳои содироти истифода намесозанд, дастгирӣ мекунад.

Сиёсати инноватсионии Исроил дар муқоиса бо кишварҳои аврупоӣ афзалтар мебошад. Сатҳи баланди дархости инноватсионӣ дар Исроил дорои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳофизатӣ мебошад. Онҳо на танҳо хеле калон, балки дар якҷоягӣ бо харидҳои давлатӣ ва қабл аз тиҷоратӣ хеле ва хеле байналмилаликунонида мебошанд. Қайд кардан мумкин аст, ки вазъият дар соҳаҳое, ки Исроил дархости суст нисбат ба инноватсияро эҳсос мекунад, бар асари тақозои кам нисбат ба онҳо, яъне набудани дархост ба сиёсати инноватсионӣ ба амал омадааст. Фақат якчанд соҳае мавҷуд мебошад, ки дархост нисбат ба инноватсия, пас аз тадбирҳои махсус нисбат ба онҳо боқӣ мондааст. Ба онҳо дархост барои инноватсия дар соҳаи муҳити атроф бавежа: фаъолият дар соҳаи электроэнергетика ва кам кардани газҳои ангиштии турш тааллуқ мегирад.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пас аз Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва Австрия дар ҷои чорум мебошад. Аз тарафи дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи хеле ками хароҷотҳо барои КИТТК ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД дорад, ки ин ҳам нисбат ба соли 2013 0,2 кам гардидааст. Ин метавонад нишон диҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳиссаи хароҷотро барои, иқтидори илмию техникии худро дар самти ҳадафҳои стратегии ҳукумат бояд афзоиш диҳад. Иқтисодшиносон тахмин мекунанд, ки 0,1% зиёд шудани хароҷоти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию-конструкторӣ метавонад ММД-ро тақрибан 1,2% афзоиш диҳад.

[33]Власенко, А. С. Модели государственного управления научнотехнической и инновационный политикой / А. С. Власенко // Государственное и муниципальное управление в XXI веке: теория, методология, практика : сб. материалов X Междунар. науч.-практ. конф. (Новосибирск, 17 дек. 2013 г.). - Новосибирск, 2013. - С. 13-17. - Библиогр.: с. 17 (5 назв.).

Яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи баланди потенсиали илмӣ-техникии мамлактҳои хориҷа шумораи нашрияҳои илмӣ мебошад. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар мақолаҳои илмии нашршуда бо шумораи 528263 дар соли 2019 мавқеи асосиро ишғол мекунад (ҷадвали 1.3.1).

**Ҷадвали 1.3.2.-Рейтинги мамлакатҳои хориҷа аз рӯи сатҳи фаъолнокии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷумла дар нашри мақолаҳои илмӣ дар соли 2019**

| Рейтинг | Мамлакатҳо | Шумораи мақолаҳо |
|---|---|---|
| 1 | Хитой | 528 263 |
| 2 | ИМА | 422 808 |
| 5 | Ҷопон | 98 793 |
| 6 | Британияи Кабир | 97 681 |
| 7 | Россия | 81 579 |
| 9 | Кореяи Ҷанубӣ | 66 376 |
| 32 | Австрия | 12 362 |
| 33 | Исроил | 12 235 |
| 61 | Қазоқистон | 2 367 |
| 99 | Ӯзбекистон | 354 |
| 126 | Қирғизистон | 137 |
| 140 | Тоҷикистон | 62 |

**Сарчашма: Радабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯи хароҷоти корҳои илмӣта-ҳқиқотӣ ва озмоишӣ конструкторӣ. Энсиклопедияи гуманитарӣ [Захираи электронӣ] // Маркази технологияҳои гуманитарӣ. URL: http: https://gtmarket.ru/ratings/scientific-and-technical-activity. (санаи дастрасии маълумот 24.07.2021)**

Гуфтан мумкин аст, ки нишондиҳандаи сатҳи фаъолияти таҳқиқотӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди илмӣ-техникии мамлакатҳои хориҷа ҳисобида шуда, ин мақолаҳо, дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои тақризшавандаи Science Citation Index (SCI) и Social Sciences Citation Index (SSCI) дохил карда шудаанд. Муҳаққиқони мамлакатҳои хориҷӣ ҳангоми таҳқиқот ба соҳаҳо ва илмҳои замин ва кайҳон, математика, физика, химия, биология, тиб, психология, сотсиология, техника ва технология, мошинсозӣ, илмҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи бештар намудаанд.

Самти фаъолияти патентӣ воситаи хеле стандартӣ барои арзёбии сифат ва ҳосилнокии фаъолияти таҳқиқотӣ дар мамлакатҳои хориҷа ва минтақаҳои он мебошад. Сифати кори муҳаққиқон ва вазъи иқтидори илмию техникии инноватсионӣ бо дарназардошти шумораи патентҳои бақайдгирифташуда дар

идораи патенти мамлакат ва шумораи дархостҳои патентии байналмилалӣ арзёбӣ карда мешавад. Тибқи маълумоти дар ҷадвали 1.4 овардашуда, дар давоми соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум 2 адад патент мушоҳида мешавад. Аммо шумораи ин гуна дархостҳо дар соли 2019 дар Хитой ба 1400661 рост омада, мақоми аввалро соҳиб мебошад.

**Ҷадвали 1.3.3.-Гурӯҳбандии мамлакатҳои хориҷа аз рӯи шумораи патентҳо дар соли 2019**

| Рейтинг | Мамлакатҳо | Дархост дар умум | Дархости резидентҳо | Дархости ғайрирезидентҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хитой | 1 400 661 | 1 243 568 | 157 093 |
| 2 | ИМА | 621 453 | 285 113 | 336 340 |
| 3 | Ҷопон | 307 969 | 245 372 | 62 597 |
| 4 | Кореяи Ҷанубӣ | 218 975 | 171 603 | 47 372 |
| 8 | Россия | 35 511 | 23 337 | 12 174 |
| 11 | Британияи Кабир | 19 250 | 12 061 | 7 189 |
| 34 | Австрия | 2 274 | 2 066 | 208 |
| 55 | Ӯзбекистон | 543 | 374 | 169 |
| 88 | Қирғизистон | 93 | 92 | 1 |
| 114 | Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| 145 | Қазоқистон | — | — | — |
| 166 | Туркменистон | — | — | — |

**Сарчашма: Радабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯи хароҷоти корҳои илмӣта-ҳқиқотӣ ва озмоишӣ конструкторӣ. Энсиклопедияи гуманитарӣ [Захираи электронӣ] // Маркази технологияҳои гуманитарӣ. URL: http:** https://gtmarket.ru/ratings/scientific-and-technical-activity**. (санаи дастрасии маълумот 24.07.2021)**

Тарзи баҳисобгирии дархостҳои патентии хориҷӣ бо хусусиятҳои патенти хориҷӣ, ки барои ҷомеаи байналмилалӣ хос аст, зич алоқаманд аст. Дар таҷрибаи хориҷӣ, патент ҳуқуқи истисноии истифодаи ихтирооти муаллифӣ буда, дар муддати маҳдуд (одатан 20 сол) мебошад, ки ба муаллиф қонунӣ дода мешавад. Дар посух ба мушкилоти патентгузории анъанавӣ, иттиҳодияҳои минтақавии патентӣ, ба монанди ДАП (Дафтари Аврупоии Патентӣ), СПАО (Созмони Патентии АвроОсиё), САЗ (Созмонҳои Африқои Зеҳнӣ) ташкил карда шуданд. Омори пешниҳоди дархостҳо ва патентҳои додашуда дар ин идораҳо гуногун аст.

Дар соли 2019 пешсафони бебаҳси шумораи муроҷиатҳо барои патент Хитой, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ буданд. Корея ва Чин сиёсати фаъолонаи тавсеаро дар бозори ҷаҳонии технологияҳо татбиқ намуда, шумораи дархостҳои патентиро дар ДАП (Дафтари Аврупоии Патентӣ), дар

давраи баррасишаванда мутаносибан яку якбора зиёд карданд. Дар давраи баррасишаванда Ҷопон мақоми сеюмро ишғол намудааст.

Дар Идораи Патентии Ҷопон, аксарияти кулли дархостҳо барои ихтироот (84,7%) ба ҳиссаи сокинон рост меояд, ки ин сиёсати протексионистии давлат дар соҳаи технология ва дараҷаи баланди бастани бозори дохилии моликияти зеҳнӣ барои соҳибкорони хориҷӣ мебошад.

Дар системаи идоракунии рушди илми Ҷопон Кабинети вазирон ташкил карда шудааст[34]. Ба координатсия ва муайян кардани чаҳорчӯбаҳои умумии сиёсати илмию технологӣ Шуро доир ба корҳои илмӣ, идораи илм ва технология ва корпоратсияи рушд ва таҳқиқоти Ҷопон машғул мебошад. Сипас ба таҳқиқоти илмӣ раёсати мудофиаи миллӣ, вазорати молия, вазорати савдои беруна ва саноат, комиссияи савдои Япония ва вазорати маориф ҷавобгӯ мебошанд.

Вазорати савдои беруна ва саноати Япония дар муайян кардани стратегияи тараққиёти саноати Япония, инкишоф додани таҳқиқоти илмии саноат ва татбиқи он нақши асосӣ дорад. Назорат ба иҷрои соҳаҳои конкретии пешрафти илмӣ-техникии инноватсиониро идораи илм ва технология ба роҳандозӣ менамояд. Ассотсиатсияи технологияҳои саноатии Ҷопон таҳти сарпарастии Вазорати савдои беруна ва саноати Япония қарор дорад, ки ба содирот ва воридоти иҷозатномаҳо машғул мебошад. Ин ассотсиатсия барномаи дарозмуддати рушди иқтидори илӣ-техникии инноватсионии кишваро таҳия намуда, ҷиҳати харидории литсензия ва тадқиқотҳои илмӣ аз хориҷӣ кишвар машғул мебошад. Дар татбиқи беҳтарнамоии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ассотсиатсия мазкур бештар ба корхонаҳои калон такя мекунанд. Раёсати мудофиаи миллӣ бошад, дар пешрафти иқтидорӣ илмӣ-техникӣ Ҷопон саҳми камтар дорад.

JST ин ташкилоте мебошад, ки ба иҷроиши супоришҳои вазорат машғул аст. JSPS дар системаи давлатии дастгирии рушди илм дар Япония нақши назаррасеро мебозад. Ба таври формалӣ ташкилоти мустақил буда, JST ба ҳайси занҷири пайвандиҳанда дар байни давлат ва донишмандон баромад карда, кӯшиш

[34] Татаринова, С. М. Япония: система государственной поддержки развития науки / С. М. Татаринова // ПОЛИС. Политические исследования. - 2014. - № 1. - С. 166-174.

мекунад, ки аз як тараф, ба таври самаранок маблағҳоро харҷ намуда, таҳқиқоти нисбатан мубрам ва ояндадорро маблағгузорӣ намоянд, ки бо протседураи озмоиш ва кушода будани фаъолияти ташкилот дар маҷмуъ кафолат дода мешавад, аз сӯйи дигар бошад, ҷамъияти илмиро дастгирӣ намуда, талаботи мутахассисони ҷавон ва инчунин донишмандони маъруфро қонеъ гардонад.




**Расми 1.3.1. - Сохтори ташкили идоракунии давлатии иқтидори илмӣ-техникии Ҷопон**
**Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар доираи маводҳои Фатхутдинов Р.А. - Инновационный менеджмент** 2.3. Зарубежный опыт государственного регулирования инновационной деятельности (econom-lib.ru) **(санаи дастрасии маълумот 27.01.2020)**

JST ба таври доимӣ фаъолияти хешро васеъ намуда, тавассути сохтани шуъбаҳои хориҷӣ ба таври фаъолона ба ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад, бо ташкилотҳои хориҷӣ ба мақсади маблағгузории муштарак ба тарҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷалби олимони хориҷӣ ба Япония созишнома ба имзо мерасонад. Ба ғайр аз ин, JSPS бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Япония ҳамкорӣ намуда, ба онҳо барои баромадан ба сатҳи нав, омода намудани олимони сатҳи баланди ҷаҳонӣ кумак мерасонад.

Мо ба модели ҷопунии ҳамгироии илм ва истеҳсолот таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоем. Вай сохтмони комилан нави шаҳр - технополисҳо, ки корҳои илмӣ-

таҳқиқотӣ ва истеҳсолоти саноатии илмталабро муттаҳид мекунанд, дар назар дорад.

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар ҷомеи ҷаҳон чор маркази асосии пешрафти илмӣ мавҷуданд - Иёлоти Муттаҳидаи Америко (36% хароҷоти илмӣ-таҳқиқотии ҷаҳонӣ дар паритети қобилияти харид), Иттиҳоди Аврупо (25%), Ҷопон (13%) ва Чин ( 11%). Ҷумҳури Тоҷикистон ба ин гурӯҳ шомил нест.

Рушди нокифояи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар маблағгузории нокифояи илм аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ, балки дар коҳиши талабот ба маҳсулоти илмӣ - техникӣ аз ҷониби соҳибкорон, фаъолияти кории зоҳиршуда, вобаста мебошад. Ин омилҳо равандҳои гузариш ба системаи инфрасохтори инноватсиониро амалан ва комилан хароб карданд.

Ҳангоми муайян кардани ояндаи Ҷумҳури Тоҷикистон наметавон онро ба эътибор гирифт, ки дар солҳои оянда фаъолияти инноватсионӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Агар дар асрҳои пеш қудрати давлатро захираи тилло, ҳосилхезии замин, захираҳои канданиҳои фоиданок муайян мекарданд, имрӯз сатҳи рушди илмӣ-техникии соҳаҳои иқтисодиёт, сатҳи маърифати аҳолӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Бояд қайд кард, ки тамоюли умумии ҳамаи кишварҳое, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, кам шудани шумораи замимаҳои «сегона» мебошад. Институти идоракунии тиҷоратии Аврупо INSEAD ва Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ (WIPO) дар маърӯзаи навбатии таҳлилии худ «Global Innovation Index 2019» -ро пешниҳод карданд.

Индекси ҷаҳонии инноватсия аз 82 тағйирёбандаи гуногун, ки тавсеаи инноватсионии кишварҳои ҷаҳонро тавсиф мекунанд, асос ёфтааст. Индекс таносуби хароҷот ва фоидаро ифода мекунад, ки ба мо имкон медиҳад, самаранокии кӯшишҳоро барои рушди инноватсия дар як кишвари мушаххас объективона арзёбӣ кунем. Омӯзиши рушди инноватсионии кишварҳои ҷаҳон аз соли 2007 инҷониб гузаронида мешавад ва дар айни замон он маҷмуи пурраи нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад, ки ин самти таҳқиқотро фаро мегиранд. Дар соли 2020, таҳқиқот 131 кишварро фаро мегирад, ки дар маҷмуъ 99,4 фоизро

ММД ҷаҳонро истеҳсол мекунанд ва дар онҳо 94,9% аҳолии ҷаҳон зиндагӣ мекунанд. Дар соли 2020 Ҷумҳури Тоҷикистон 9 зина поён рафта, ҷои 109-умро гирифт (ҷадвали 1.3.4).

**Ҷадвали 1.3.4.-Рейтинг ва индекси инноватсионӣ дар мамлакатҳои хориҷа барои солҳои 2013-2020**

| Давлатҳо | 2013 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | | Фарқият рейтин 2020/2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинг | Индекс | Рейтинг | Индекс | Рейтинг | Индекс | Рейтинг | Индекс | |
| Швецария | 1 | 66,6 | 1 | 68,40 | 1 | 67,2 | 1 | 66,1 | - |
| Шветсия | 2 | 61,4 | 3 | 63,10 | 2 | 63,7 | 2 | 62,5 | - |
| ИМА | 5 | 60,3 | 6 | 59,80 | 3 | 61,7 | 3 | 60,6 | + 2 |
| Британияи Кабир | 3 | 61,2 | 4 | 60,10 | 5 | 61,3 | 4 | 59,8 | -1 |
| Нидерландия | 4 | 61,1 | 2 | 63,30 | 4 | 61,4 | 5 | 58,8 | +1 |
| Дания | 9 | 58,3 | 8 | 58,40 | 7 | 58,4 | 6 | 57,5 | + 3 |
| Финландия | 6 | 59,5 | 7 | 59,60 | 6 | 59,8 | 7 | 57,0 | + 1 |
| Сингапур | 8 | 59,4 | 5 | 59,80 | 8 | 58,4 | 8 | 56,6 | - |
| Олмон | 15 | 55,8 | 9 | 58,00 | 9 | 58,2 | 9 | 56,5 | + 6 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 18 | 53,3 | 12 | 56,60 | 11 | 56,6 | 10 | 56,1 | + 8 |
| Исроил | 14 | 56,0 | 11 | 56,80 | 10 | 57,4 | 13 | 53,5 | + 1 |
| Хитой | 35 | 44,7 | 17 | 53,10 | 14 | 54,8 | 14 | 53,3 | + 21 |
| Ҷопон | 22 | 52,2 | 13 | 55,0 | 15 | 54,7 | 16 | 52,7 | + 6 |
| Русия | 62 | 37,2 | 46 | 37,90 | 46 | 37,6 | 47 | 35,6 | + 15 |
| Қазоқистон | 84 | 32,7 | 74 | 31,40 | 79 | 31,0 | 77 | 28,6 | + 7 |
| Ӯзбекистон | 133 | 23,9 | - | - | - | - | 93 | 24,5 | + 40 |
| Қирғизистон | 117 | 27,0 | 94 | 27,60 | 90 | 28,4 | 94 | 24,4 | + 23 |
| Тоҷикистон | 101 | 30,0 | 101 | 26,50 | 100 | 26,4 | 109 | 22,2 | - 8 |

**Манбаъ:https://nonews.co/directory/lists/countries/global-innovation-index(санаи дастрасии маълумот 25.07.2021)**

Тавре аз маълумоти ҷадвал мушоҳида мешавад, аз рӯи арзёбӣ ва муайян намудани рейтинг ва индекси инноватсионӣ Шветсария ва Шветсия давоми 8 соли охир мақоми худро дар садри аввали ҷадвал устуворона нигоҳ дошта истодаанд.

Тавре олим Фридрих И.Е. дар таҳқиқоти худ қайд намудааст, дар рушди инноватсионии Шветсия тартиби ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва соҳибкорӣ таваҷҷуҳи калонро ба худ касб мекунанд. Ин усул ба таври кофӣ мувофиқ мебошад, ки озодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тиҷоратсозии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ сохташудаи онҳо ба ҳам мувофиқ омада

ба он равона карда шудаанд, ки ҳам давлат ва ҳам ҷомеа аз он дастовардҳо фоида гиранд. Боз як шакли ҳамкории соҳибкорӣ, давлат ва донишгоҳҳо дар Шветсия ин марказҳои озмоишӣ мебошанд, ки ба ҳайси звенои пайвасткунанда дар чаҳорчӯби ҳамкории якчанд гурӯҳи муҳаққиқон аз донишгоҳ ва якчанд шарикон аз соҳаи индустрия баромад мекунанд[35].

Механизми калидии дастгирии давлатии рушди илм ва технологияҳои пешрафта дар Британияи Кабир имтиёзҳо дар пардохти андоз ба ташкилотҳое мебошад, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд. Нақши муҳимро инчунин дастгирии иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ мебозад. Бо ин мақсад Вазорати инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва такмили ихтисос дар сомонаҳои расмии худ маълумотҳои васеъ ва номгӯи ҳуҷҷатҳои лозимаро ҷой медиҳад, ки ин метавонанд барои иштирокчиёни раванди инноватсионӣ муфид бошанд. Дар Олмон низ ба таъминоти иттилоотии соҳаи инноватсионӣ диққати калон зоҳир мекунанд. Сарчашмаи иттилоот Идораи патентии Олмон мебошад.

Илова ба ин, таҳлили нақши технопаркҳо ҳамун олоти такмили рақобатпазирии давлат, механизми самараноки баланд бардоштани фоида аз сармоягузориҳо ба таҳқиқоти илмӣ ва бозёфтҳо хеле муҳим мебошад[36]. Технопарки донишгоҳӣ (Парки илмии Бегбрук дар шаҳри Оксфорд), давлатӣ (Технопарки Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, аксарияти паркҳои илмии Чин) ва паркҳои хусусӣ, моделҳои омехта (Технопарки «Технополис» дар Финляндия, технопарки Синчжу дар Тайван, технопарки шведии «Идеон», парки илмӣ ва технологии Гонконг, парки илмӣ дар назди донишгоҳи Синхуа, «Тус Парк» дар Чин, парки илмии диверсификатсияшуда (Водии Кремнӣ, «Идеон» дар Шветсия, технопарк дар Гонконг), технопаркҳо (парки илмии Стенфорд, «София Антиполис» дар Франсия, Тсукуба дар Япония, парки илмии Кембриҷ), технопарк дар Синьчжу, «Идеон» дар шаҳри Лундеи Шветсия, технопарк дар Оулу ширкати

[35]Фридрих, И. Е. Актуальные решения в сфере государственной поддержки инноваций за рубежом / И. Е. Фридрих // Управление инновациями: теория, методология, практика: сб. материалов VIII Междунар. науч.-практ. конф. (Новосибирск, 31 марта 2014 г.). - Новосибирск, 2014. - С. 145-150. - Библиогр.: с. 150.

[36] Никифорова, А. Э. Инновационные центры: основные концепции и подходы / А. Э. Никифорова // Экономические стратегии. - 2013. - № 7. - С. 116-125. - Библиогр.: с. 125.

«Технополис»-ро ёдовар шудан хеле муҳим мебошад. Паркҳои илмӣ аксаран дар шаҳрҳои калон дар ҳудудҳои бозсозишуда арзи ҳастӣ мекунанд ва ба инфрасохтори мавҷуда васл мешаванд.

Таҷрибаи хориҷии ташаккули стратегияҳои миллии рушди технопаркҳоро таҳлил намуда, мо омилҳои муваффақиятро номбар менамоем. Масалан, дар байни хусусиятҳои муҳими стратегияи амрикоии рушди технопаркҳо Сакун А.А. далелҳои амалан новобаста ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ пайдо шудани технопаркҳои асосӣ ва фондҳои венчуриро ҷудо мекунад[37]. Хусусияти фарққунандаи стратегияи рушди технопаркҳои ИМА ин ба тарзи системавӣ алоқаманд намудани мақсадҳои барномаҳои миллӣ доир ба таҳияи технологияи калидӣ, таҳкими рақобатпазирии мамлакат, ҳаллу фасли вазифаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, хусусан илмҳои бунёдӣ, таҳкими соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳо равона карда шудааст. Модели аврупоии технопаркҳо бо сатҳи баланди дахолати давлатӣ дар раванди сохтан дар пойгоҳи технопаркҳои корхонаҳои хурди инноватсионӣ хос мебошад. Корхонаҳои хурд ҳиссаи калони ширкатҳоеро ташкил медиҳанд, ки ба кори таҳқиқотӣ ва таҳия машғуланд. Дар ҷойи аввал бо теъдоди корхонаҳои хурду миёна Италия меистад, аз 65 фоизи миқдори умумии корхонаҳо, Юнон ва Ирландия – 50%, Норвегия – 48%[38]. Ширкатҳое, ки теъдоди камтар аз 50 нафар корманд доранд, дар Зелендияи Нав, Норвегия, Юнон, Австрия ва Ирландия 20 фоизро ташкил медиҳанд. Равияи умумӣ чунин аст: ҳар чӣ қадаре иқтисодиёти мамлакат ҳаҷман хурд бошад, ҳамон қадар ҳиссаи бештари корҳоро корхонаҳои хурду миёна такшил медиҳанд.

Бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта, гуфтан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, паркҳои технологӣ ҳамчун усули ҳавасмандгардонии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои минтақаҳои он бисёр муҳим мебошад. Албатта

[37] Сакун, А. С. Национальные стратегии развития технопарков / А. С. Сакун // Экономический анализ: теория и практика. - 2014. - № 4. - С. 57-66. - Библиогр.: с. 65-66 (17 назв.).

[38]Захаров, С. В. Зарубежный опыт развития малого инновационного бизнеса / С. В. Захаров // Экономика и предпринимательство. - 2014. - № 1, ч. 3. - С. 654 - 657. - Библиогр.: с. 657 (8 назв.).

минтақаҳои ҷумҳурии мо дар ин ҷиҳат аз минтақаҳои дигар кишварҳо хеле ақиб мондааст.

Инчунин аз ҷониби Муфтахина А.А. нақша ва шароити кори яке аз паркҳои илмии Испания Рагсо Оепййсо ёе Маёпё пешниҳод карда шудааст[39]. Дар натиҷаи таҳлили маълумот дар динамика аз рӯйи чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди пурбории парк, тақсими резидентон ба минтақа ва самтҳои фаъолият, таносуби резидентон мутобиқ ба навъ ошкор карда шуда буд, ки фоизи зинда мондани ширкатҳо дар тӯли якчанд соли дар парк будан ба таври кофӣ калон буда 87 фоизро ташкил медиҳад. Парки илмии Мадрид ташкилоте мебошад, ки даромад надорад ва дар соли 2001 таъсис ёфтааст. Ду донишгоҳи оммавии Мадрид (Донишгоҳи мухтори Мадрид ва Донишгоҳи Комплутенсе) ба бунёд ва пешбарии он машғуланд. Вазифаи Парки илмии Мадрид аз ҳавасмандкунӣ ва дастгирии рушди соҳибкории технологияи пешрафта иборат мебошад. Масоҳати парк 25 ҳазор км$^2$ мебошад. Кормандони парк лоиҳаро аз лаҳзаи пайдоиши он, вақте лоиҳа дар шакли идея дар зеҳни тими илмӣ ё роҳбари он пайдо шудааст, ҳамроҳӣ мекунанд. Дар лаҳзаи переинкубатсия (тозапайдоиш) парк аввалин қарордодро бо донишгоҳ ба имзо мерасонад, ки дар он маркази махсусе мавҷуд буда, ба соҳибкорон дар рушди онҳо кумак мерасонад. Дар марҳалаи инкубатсия (тавлид), ки аз 0 то 3 сол аз лаҳзаи сохтани ширкат тӯл мекашад, парк аз маблағгузорӣ, имкони истифодаи инфрасохтор ва логистика, иштирок дар барномаҳои таълимӣ, истифодаи хадамоти маркази трансферии технологии ширкатҳои консалтинги ва аутсорсингии шомили парк буда истифода мекунад. Дар марҳилаи баъдии акселератсия (3-5 сол) барои резидентон хадамотҳои марбут ба васеъ кардани соҳибкорӣ ва байналмилалисозии он, яъне ҷустуҷӯйи бозорҳои нав, ҳамкориҳои байналмилалӣ, дастёбӣ ба маблағгузории иловагӣ дастрас мебошад. Дар парк 183 ширкате, ки аз тарафи ҳайати омӯзгорон, профессорон, мудирони кафедраҳо сохта шудаанд[40].

---

[39] Муфтахина А. А. Опыт создания и управления научными парками Испании / А. А. Муфтахина // Инновационный менеджмент. - 2014. - № 1. - С. 57-62. - Библиогр.: с. 62 (3 назв.).

[40]Технопарковые структуры как базис формирования инновационных территориальных

Дигар ин, ки намунаи татбиқи муваффақонаи муносибат ба рушди инноватсия агломератсияи франсузии Монпелие мебошад. Дар Монпелие яке аз беҳтарин системаҳои тиҷоратисозии дастовардҳои илмӣ ва дастгирии ширкатҳои технологии тозакор сохта шудааст. Ҳамасола бо дастгирии агломератсия наздики 20 корхонаи технологии нав сохта мешавад. Аз онҳо пас аз бақайдгирӣ 84 % зинда боқӣ мемонанд. Система аз се элементи асосӣ иборат мебошад: якум донишгоҳ, ки дар он ҷо донишҳои нав сохта мешаванд ва бизнес – лоиҳаҳои нав тавлид мешаванд. Сипас лоиҳаҳо ба яке аз ду бинес-инкубаторҳои технологӣ, ки аз тарафи Маркази соҳибкории инноватсионӣ идора карда мешавад ва дар он корхонаи нав сохта ба роҳ дароварда мешаванд, интиқол дода мешавад. Марҳилаи сеюм, паркҳои технологӣ мебошанд. Дар Монпелие 18 бизнес-паркҳо ва ду адад Тенопарк, ки махсусан барои истеҳсоли бизнес-инкубаторҳо таъин шуданд, фаъолият мекунанд.

Дар натиҷаи маълум сохтани хусусиятҳои идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва тамоюлҳои инкишофӣ инноватсионӣ он дар таҷрибаи кишварҳои мухталифи олам чунин хулосаҳоро иброз намудан зарур аст:

Дар вазъи ноустувории пешрафти иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон, дар як вақт амалӣ кардани тамоми самтҳои пешрафти илмӣ-техникии иноватсионии давлатҳои пешрафта, ки мо дар боло иброз намудем, ғайриимкон хоҳад буд. Аз ин рӯ, дастгирии интихобии давлатии сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, аз он лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки барои онҳо захираҳо мавҷуданд, зарур аст. Дар шароити бухронҳои иқтисодӣ, Ковид – 19, пешгӯинашавандаи вазъити сиёсии мамлакатҳои минтақа ва ҷаҳон бояд танҳо лоиҳаҳои муҳимми инноватсионӣ, ки ба сатҳи рушди иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон аз ҷумла вилояти Хатлон дар маҷмуъ таъсири мусбӣ мерасонанд, аз ҳисоби буҷа маблағгузорӣ карда шаванд. Вобаста ба ҳамин ба андешаи мо, таъсиси Фонди давлатии инноватсионӣ ва таҳияи қонунгузорӣ барои ташаккули системаи имтиёзноки

---

кластеров / А. А. Мальцева [и др.] // Вестник Тверского государственного университета. Серия. Экономика и управление. - 2013. - № 34, вып. 22. - С. 10-24. - Библиогр.: с. 22-23 (12 назв.).

сармоягузорӣ ва кам кардани андозҳо дар тиҷорати инноватсионӣ  ва мутамарказ кардани дастгирии давлатӣ ба ҳифз ва рушди технологияҳои муҳим, ки аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шудааст, мувофиқи мақсад медонем. Дар баробари ин, барои боз ҳам муваффақ гардидан дар низоми идоракунии иқтидорӣ илмӣ-техникии иноватсионӣ, истифодабарии таҷрибаи Ҷопон низ манфиатбахш мебошад.

Ташаккул ва рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ бе сармояи хусусӣ ғайриимкон мебошад. Дар ин росто, бояд як низоми нави андозбандиро ташаккул дод, то он сармоягузорӣ ва ба раванди навовариро ҳавасманд кунад. Дар байни чораҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба инноватсия, метавон пешниҳод намуд, ки дар ду соли аввали истеҳсоли маҳсулоти нав аз андоз озод карда, аз манбаи андози фоидае, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионие, ки ба барномаҳои давлатӣ шомиланд, хориҷ карда шавад. Дар иртибот ба ҳамин андешаи пешниҳодшуда метавон таҷрибаи  Британияи Кабирро мисол намуд. Чунки механизми калидии дастгирии давлатии рушди илм ва технологияҳои пешрафта дар Британияи Кабир имтиёзҳо дар пардохти андоз барои ташкилотҳо ва муассисаҳое мебошад, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд.

Дар шароити норасоии манбаъҳои дохилии маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули шароити ҷолиб барои воридоти технологияҳои инноватсионӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад.

Таҷрибаи хориҷии оид ба иқтидори илмӣ-техникӣ ва ташаккули системаи инноватсионӣ дар сатҳи минтақаҳо метавонад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад (яъне бархе аз равишҳои мусбати собитшуда метавонанд истифода шаванд), аммо бояд ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ ва сиёсии он, инчунин хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии онро эътибор гирифт. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи рушди инноватсионии минтақавиро барои такмили фаъолияти технопаркҳо бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои ИМА, Италия, Испания  таҳия кардан лозим аст.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, метавон тахмин кард, ки барои беҳбуди иқтидори илмӣ-техникӣ барои рушди иқтисодиёти инноватсионии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодҳо зарур аст:

- ҳамгироии фаъолияти илмӣ-техникӣ, инноватсионӣ, сармоягузорӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ;

- такмил ва ташаккули қобилиятҳои илмӣ-техникӣ инноватсионии калонтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара;

- ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ барои рушди фаъолияти илмӣ-техникии инноватсионӣ;

- афзоиши ҳаҷми таҳия ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, ки дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ рақобатпазиранд;

- ҳавасмандгардонии рушди фаъоли субъектҳо ва инфрасохтори илмӣ-техникии инноватсионӣ;

- рушди ҳамкории байниминтақавӣ ва байналмилалии илмӣ-техникии инноватсионӣ;

- ҳамгироии захираҳои илмӣ ва истеҳсолии дар минтақа мавҷудбуда ва тамаркузи фаъолияти онҳо ба самтҳои афзалиятноки рушди минтақа;

- гузариши корхонаҳо ба фаъолияти фаъоли инноватсионӣ;

- дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба рушди технологияҳои инноватсионии баланд бо мақсади истеҳсол ва ворид шудан ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

- шароит барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахши инноватсионӣ, амиқгардонии ҳамгироии байниминтақавӣ, рушди системаи омодакунии кадрҳои соҳаи инноватсия;

- ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар заминаи институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ.

**Хулосаи боби якум:**

Дар маҷмуъ аз ҷамъбасти боби мазкур чунин хулосаву пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Бо дарназардошти андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, самтҳои интихобшуда дар чаҳорчӯби чор адад муносибатҳои баррасишуда мо таърифи зеринро пешниҳод кардем. Иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа - ин маҷмуи сохторҳои ташкиллӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техники-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтироoту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд.

2. Таърифе, ки мо пешниҳод намудем, моҳияти дилхоҳ объект ба таври кофӣ ба воситаи унсурҳое, ки онро ташкил медиҳанд ва бо ҳам алоқаманд мебошанд, ошкор карда мешавад. Аз ин рӯ, сохтори иқтидори илмӣ-техникии минтақа, ки мутобиқ ба таърифи дар боло ифода шуда метавонад, аз се таркиб он дар шакли воҳид пешниҳод гардад: захиравӣ, натиҷавӣ, идоракунӣ, ки онҳоро ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

- таркиби захиравӣ, асоси фаъолият ва рушди иқтидори илмӣ-техникии минтақа мебошад. Вай аз унсурҳои зерини ба ҳам алоқаманд, ки таъиноти гуногуни функсионалӣ доранд, ба мисли, ташкилӣ, кадрӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотию молиявӣ иборат мебошад.

- таркиби натиҷа - ин натиҷаи фаъолияти соҳаи илм ва техника буда, татбиқи захираҳои мавҷудбудаи минтақа ва имкониятҳоро инъикос мекунад.

- таркиби идоракунӣ - қобилияти соҳаи илмӣ-техникии минтақа бо он характернок аст, ки дар асоси принсипҳои тиҷоратии натиҷадор захираҳоро барои ташаббус, сохтан ва интиқоли навъҳои гуногуни бозёфтҳо, инчунин метод ва тарзҳои идоракунӣ аз болои ин равандҳо ҷалб намояд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки сохтори иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар сурати ҳамкории зичи байни унсурҳо ва такмили якдигар унсурҳои захиравӣ, натиҷавӣ ва идоракунӣ худро ҳамчун як воҳиди якпорча нишон медиҳанд, ки боиси такон хӯрдан ба самти тағйироти нави сифатӣ ва миқдорӣ, яъне инноватсионӣ хоҳад шуд.

3. Дар рафти таҳлили адабиёти иқтисодӣ муайян карда шуд, аз ҷониби муҳаққиқони илми иқтисод якчан методикаҳо аз ҷумла методологияи баҳодиҳии интегралии неруи илмӣ-техникии кишвар (Ҷопон), методология барои арзёбии ҳамаҷонибаи потенсиали илмӣ-техникии кишвар (ИМА), методи ҳисобкунии индекси дониш (Бонки Ҷаҳонӣ), методи ҳисобкунии индекси умумии инноватсия (Нидерланд), методологияи таҳлили сохтории фаъолияти инноватсионии қаламрав (С.В. Кортов), методологияи таҳлили регресси фаъолияти инноватсионии қаламрав (Т.А. Штерсер), методологияи таҳлили омилии иқтидори инноватсионии минтақа (Е.П. Амосионок, В.А.Бажанов), методологияи гурӯҳбандии минтақаҳо ва нишондиҳандаҳои рушди системаи инноватсионӣ (А.Е. Варшавский), методологияи ҳисобкунии индекси инноватсионии минтақаҳо (Институти мустақили сиёсати иҷтимоии Федератсияи Россия), методологияи рейтинги минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди инноватсионии онҳо (А.Б. Гусев) оид ба муайян намудани арзёбии иқтидорӣ илмӣ-техникии пешниҳод карда шудаст. Дар доираи ҳамин методологияи арзёбӣ мо методикаи системаҳои инноватсиониро ҳадди ақал ба ду гурӯҳи калон - рушдкунанда ва системаҳои инноватсионии рушдёфта ҷудо намудем. Ин амал имкон медиҳад, ки худи назарияи иқтисоди инноватсиониро рушд ва муносибатҳои назариявию методологӣ, ки методикаи арзёбии сатҳи ИИТ-ро ба шакл медароранд такмил диҳад.

4. Мутобиқ ба тадқиқоти мо масъалаи асосие, ки ҳангоми муайян намудани методикаи арзёбии ИИТ-и ва параметрҳои ҳамрадифи инкишофёбандаи системаҳои инноватсионӣ пайдо мешаванд, тарзи муҳосибаи самараноки ва муайян намудани рейтинг фаъолияти бахши инноватсионӣ дар минтақа маҳсуб меёбад, ба ҳамин хотир мо методологияи рейтинги минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди инноватсионии онҳо (А.Б. Гусев)-ро барои муайян намудани рейтинги муассисаҳои олии вилояти Хатлон интихоб намудем. Зеро неруи илмии таҳсилоти олӣ бояд қобилияти донишгоҳҳои дахлдорро барои истеҳсоли донишҳои нав дар шаклҳои гуногун дар асоси омӯзиши омилҳои дохилӣ ва берунӣ фаҳмидан лозим аст. Ташаккул, татбиқ ва рушди ин қобилият ба таври объективӣ таъсири системавии идоракуниро талаб мекунад, ки дар асоси

баҳодиҳии аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи сифатӣ ва миқдорӣ, ки тамоми марҳилаҳои ҳаёти иқтидори илмиро фаро мегиранд.

5. Дар вазъи ноустувории пешрафти иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон, дар як вақт амалӣ кардани тамоми самтҳои пешрафти илмӣ-техникии иноватсионии давлатҳои пешрафта, ки мо дар боло иброз намудем, ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, барои татбиқ намудани таҷрибаи баъзе мамлакатҳои хориҷиро дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки аз инҳо иборат мебошад:

- дастгирии давлатии сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, аз он лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки барои онҳо захираҳо мавҷуданд, зарур аст. Вобаста ба ҳамин ба андешаи мо, таъсиси Фонди давлатии инноватсионӣ ва таҳияи қонунгузорӣ барои ташаккули системаи имтиёзноки сармоягузорӣ ва кам кардани андозҳо дар тиҷорати инноватсионӣ ва мутамарказ кардани дастгирии давлатӣ ба ҳифз ва рушди технологияҳои муҳим, ки аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шудааст, мувофиқи мақсад медонем. Дар баробари ин, барои боз ҳам муваффақ гардидан дар низоми идоракунии иқтидорӣ илмӣ-техникии иноватсионӣ, истифодабарии таҷрибаи Ҷопон низ манфиатбахш мебошад.

- ташаккул ва рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ бе сармояи хусусӣ ғайриимкон мебошад. Дар ин росто, бояд як низоми нави андозбандиро ташаккул дод, то он сармоягузорӣ ва ба раванди навовариро ҳавасманд кунад. Дар байни чораҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба инноватсия, метавон пешниҳод намуд, ки дар ду соли аввали истеҳсоли маҳсулоти нав аз андоз озод карда, аз манбаи андози фоидае, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионие, ки ба барномаҳои давлатӣ шомиланд, хориҷ карда шавад. Дар иртибот ба ҳамин андешаи пешниҳодшуда метавон таҷрибаи Британияи Кабирро мисол намуд. Чунки механизми калидии дастгирии давлатии рушди илм ва технологияҳои пешрафта дар Британияи Кабир имтиёзҳо дар пардохти андоз барои ташкилотҳо ва муассисаҳое мебошад, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд.

- таҷрибаи хориҷии оид ба иқтидори илмӣ-техникӣ ва ташаккули системаи инноватсионӣ дар сатҳи минтақаҳо метавонад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад (яъне бархе аз равишҳои мусбати собитшуда метавонанд истифода шаванд), аммо бояд ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ ва сиёсии он, инчунин хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии онро эътибор гирифт. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи рушди инноватсионии минтақавиро барои такмили фаъолияти технопаркҳо бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои ИМА, Италия, Испания таҳия кардан лозим аст.

6. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, метавон пешниҳод кард, ки барои беҳбуди иқтидори илмӣ-техникӣ барои рушди иқтисодиёти инноватсионии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳо оид:

- ҳамгироии фаъолияти илмӣ-техникӣ, инноватсионӣ, сармоягузорӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ;

- такмил ва ташаккули қобилиятҳои илмӣ-техникӣ инноватсионии калонтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара;

- ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ барои рушди фаъолияти илмӣ-техникии инноватсионӣ;

- афзоиши ҳаҷми таҳия ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, ки дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ рақобатпазиранд;

- ҳавасмандгардонии рушди фаъоли субъектҳо ва инфрасохтори илмӣ-техникии инноватсионӣ;

- рушди ҳамкории байниминтақавӣ ва байналмилалии илмӣ-техникии инноватсионӣ;

- ҳамгироии захираҳои илмӣ ва истеҳсолии дар минтақа мавҷудбуда ва тамаркузи фаъолияти онҳо ба самтҳои афзалиятноки рушди минтақа;

- гузариши корхонаҳо ба фаъолияти фаъоли инноватсионӣ;

- дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба рушди технологияҳои инноватсионии баланд бо мақсади истеҳсол ва ворид шудан ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

- шароит барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахши инноватсионӣ, амиқгардонии ҳамгироии байниминтақавӣ, рушди системаи омодакунии кадрҳои соҳаи инноватсия;

- ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар заминаи институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ

# БОБИ 2.

# ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ВАЗЪИЯТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1 Вазъи ҳозира ва тамоюлоти рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон

Дар шароити муосир ва афзоиши муҳити рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ навъи инноватсионии рушди иқтисодиёт ҳар чи бештар муҳим ва моҳиятан самаранок барои ҳар як давлат ва инчунин минтақа маҳсуб меёбад. Рушди инноватсионӣ на танҳо бо омилҳои беруна, балки бо масъалаҳои дохилии минтақавӣ, аз он ҷумла зарурати таъмини рушди устувори иқтисодии онҳо алоқаманд аст.

Муҳити инноватсионии минтақаҳои вилояти Хатлон бо нишондиҳандаҳои вазъияти иқтидори илмӣ-техникӣ ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳо, сатҳи фаъолнокии бозори инноватсияҳо, сармояи интеллектуалӣ ва мубодилаи технологӣ робитаи зич дорад. Дар робита ба ин масъала, вазифаи иқтисодиёти миллии мамлакат рушди инноватсионии иқтисодиёти минтақаҳо маҳсуб меёбад. Дар таъмини раванди рушди инноватсионӣ на танҳо созмон додани шароит барои фаъолияти инноватсионӣ, балки расонидани зерсистемаи минтақавии ташкилию инноватсионӣ то давраи татбиқи технологӣ ва пешниҳод кардани намунаҳои индустриалӣ ва фаъолияти онҳо дар истеҳсолот муҳим аст. Яке аз принсип ва талаботи асосие, ки дар бахши маориф ва илм ҷиҳати дурнамои рушди илм пешбини шудааст, ин «...бунёди иқтидори инноватсионӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи

зич доранд....»[41] мебошад. Зеро илм манбаи муайянкунандаи рушди иқтисодӣ буда, барои татбиқи неруи зеҳнии шаҳрвандон дар соҳаи фаъолияти илмию техникӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда, баҳри ҳалли мушкилотҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва дигар масъалаҳо мусоидат менамояд. Гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти илмию техникии инноватсионӣ як шакли фаъолияти эҷодии зеҳнӣ мебошад, ки барои ба даст овардан ва истифодаи донишҳои нав дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ нигаронида шудааст.

Тавсифи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи таҳлили рушди инноватсионии иқтисодиёт мавқеи махсусро ишғол менамояд.

**Ҷадвали 2.1.1.- Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | с. 2020 нисбат ба с.2015, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, млн. сомонӣ | 12522,7 | 14621,7 | 16049,7 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,4 | 1,7 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 1,1 |
| Сатҳи бекорӣ, % | 3,0 | 2,5 | 2,1 | 1,9 | 1,7 | 1,8 | 60 |
| Сармоягузорӣ | 1503,7 | 2375,8 | 2185,1 | 2802,5 | 2623,0 | 2404,9 | 1,6 |
| Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 1239,3 | 1325,4 | 1467,9 | 1546,7 | 1720,0 | 1848,9 | 1,5 |
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ | 645,05 | 714,13 | 843,39 | 913,33 | 998,54 | 1053,78 | 1,6 |
| Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, бо сомонӣ | 219,91 | 232,64 | 259,18 | 296,73 | 291,52 | 311,31 | 1,4 |

**Сарчашма: Омории солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020. С. 11,12,16, 430**

Чӣ тавре аз маълумоти ҷадвали 2.1.1 дида мешавад, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар вилоят дар давраи аз соли 2015 то соли 2020 аз 12522,7 млн. сомонӣ то 22080,4 млн. сомонӣ, ва ё зиёда аз 1,7 маротиба афзудааст. Мувофиқан

[41] Стратегияи милии рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С.42

даромади буҷети давлатӣ, ҳамчун манбаи асосии рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ 1,5 баробар афзоиш ёфтааст. Омили чунин афзоиш фаъолшавии функсияҳои давлат дар татбиқи мазмуни иҷтимоии ба иқтисодии бозорӣ ва имконият барои беҳтаршавии иқтидорӣ илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон мебошад, ки он хоси иқтисодиёти имрӯза ба ҳисоб меравад. Ба андешаи мо илм ва рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақаҳо, ки вазъияти он бештар ба ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи буҷетҳо, аз ҷумла буҷети давлатии минтақаҳо, маблағгузории сектори хусусӣ, муассисаҳои илмӣ, донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар сарчашмаҳо вобаста мебошад, бе маблағгузории кофӣ муътадил ва корҳои инноватсиониро ба роҳ монда наметавонанд. Музди миёнаи моҳонаи меҳнати кормандон 1,6 маротиба, андозаи миёнаи нафақапулӣ 1,4 маротиба афзуд. Дар давраи таҳлилшаванда шумораи миёнаи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда 476,0 ҳазор нафар ё 1,1 фоиз афзудааст. Сатҳи бекорӣ дар ин даври таҳлилӣ ба 1,2 пункти кам гардидааст. Аз ин ҷост, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар чаҳорчӯбаи стратегияи индустракунонии минтақа барои паст кардани сатҳи бекорӣ тадбирҳои судбахш меандешанд.

Ҳамаи ин омилҳои мусбии нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон баёйнгарӣ рушди иқтисодиёти инноватсионии вилоят буда, ба ташаккули неруи инноватсионии вилоят асос мегузорад.

Ин буд мухтасар дар бораи тамоюлҳои рушди иқтисодӣ дар 6 соли охир. Акнун тамоюлҳои дар боло зикргардидаро дар иқтидори илмӣ-техникӣ ва иштирокчиёни бевоситаи раванди инноватсионӣ дар вилояти Хатлон таҳлил мекунем.

Омодагӣ ба татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз соли 2000 оғоз карда буданд, аммо таваҷҷуҳ ба ташаккули инноватсия пас аз қабули Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технологияҳо барои солҳои 2007 -2015, Қонун дар бораи парки технологӣ, Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли

2020 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти инноватсионӣ тақвият ёфт. Ҳамин аст, ки аз соли 2015-2016 то соли 2019-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ  ба 105,2% афзоиш ёфтааст, ки  ин афзоиш дар вилояти Хатлон 1 адад ва дар ВМКБ 1 адад мебошад. Дар вилояти Хатлон ин зиёдшавӣ соли 2016 аз ҳисоби таъсиси  Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» дар ноҳияи Данғара мебошад.

**Ҷадвали 2.1.2.-Динамикаи теъдоди муассиса ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои таҳсили 2015-2016 ва 2019-2020**

| Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | | Солҳо | | | | | 2019-2020/ 2015-2016 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 2016 | 2016 2017 | 2017 2018 | 2018 2019 | 2019 2020 | |
| Теъдоди муассисаҳо, воҳид | 1 | 38 | 39 | 39 | 40 | 40 | 105,2 |
| | 2 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 100 |
| | *3* | 5 | 6 | 6 | 6 | 6 | 120 |
| | 4 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 100 |
| | 5 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 200 |
| | 6 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Теъдоди донишҷӯён, нафар | 1 | 176461 | 186914 | 195657 | 209768 | 229626 | 130,1 |
| | 2 | 37881 | 40657 | 40046 | 43139 | 47528 | 125,4 |
| | *3* | 28330 | 29453 | 32979 | 37522 | 43944 | 155,1 |
| | 4 | 103561 | 109894 | 115042 | 121188 | 130381 | 125,8 |
| | 5 | 4509 | 4712 | 4765 | 4604 | 4226 | 93,7 |
| | 6 | 2180 | 2198 | 2825 | 3315 | 3547 | 162,7 |

**Эзоҳ: 1. Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2. Вилояти Суғд; 3. Вилояти Хатлон; 4. Шаҳри Душанбе; 5. ВМКБ; 6. НТМ.**
**Манбаъ: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 .С.89**

Сабаби таъсиси донишгоҳи мазкур ин норасоии мутахассисони соҳаи тиб дар вилояти Хатлон мебошад. Дигар ин ки аз маълумоти ҷадвал мушоҳида намудан мумкин аст, ки вилояти Хатлон бо теъдоди аҳолиаш байни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар мадди аввал меистад, аммо бо доштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷойи сеюм. Ҳол он, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ вилояти Хатлон минтақаи зарардидатарин дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳам аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ, неруи инсонӣ маҳсуб меёфт. Ба андешаи мо, ҳоло таъсиси ҳадди ақал 4 муассисаи дигар дар вилоят заруратро пеш овардааст. Илова бар ин,  ташаккули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар зерсистемаи инноватсионӣ на

танҳо ба ҷумҳурӣ, балки ба минтақаҳои он таъсир мерасонад. Иқтисоддонҳои Британиё Олимон Анна Валеро аз Мактаби иқтисодии Лондон ва Ҷон ван Ринен аз Донишкадаи технологии Массачусетси Иёлоти Муттаҳида Амрико, афзоиши шумораи донишгоҳҳо ва таъсири он ба рушди иқтисодиро аз соли 1950 то соли 2010 дар 1,5 ҳазор минтақаи 78 кишвари ҷаҳон мавриди таҳлил қарор доданд. Таҳлилҳои муаллифон нишон дод, ки ифтитоҳи ҳар як донишгоҳи нав дар оянда 0,4 дарсад ҳаҷми иқтисоди минтақаеро, ки ин донишгоҳ воқеъ аст, афзоиш медиҳад. Дар баробари ин, ММД ба ҳар сари аҳолии тамоми кишвар аз ҳар як донишгоҳи нав кушодашуда ба ҳисоби миёна 0,05 фоиз меафзояд.

Ё ин ки дар ҷойи дигар олими рус Бондаренко В.А. қайд намудааст, ки минтақавӣ намудани таҳсилоти олӣ яке аз проблемаҳои муҳим буда, ҳалли он ба пояҳои мавҷудияти низоми таҳсилоти мавҷуда таъсири мусбӣ мерасонад. Маҳз ҳамин андешаҳои мусбии олимон буд, ки донишгоҳҳои ИМА, Британиё ва Руссия дар қатори беҳтарин донишгоҳҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Ба ҳамин хотир, бо ҷонибдорӣ аз назарияи пешниҳодшудаи олимони соҳа андеша байён менамоям, ки барои ҷомеа маорифро ҳамчун неъмати иҷтимоие донистан лозим аст, ки дар суботи иҷтимоӣ ва шаҳрвандии ҷомеа, рушди маънавиёт, фарҳанг нақши муҳим дорад.

Масъалаи дигар дар ҷадвали мазкур ин теъдоди донишҷӯён мебошад. Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки теъдоди донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ нисбат ба соли таҳсили 2015-2016 соли 2020 130,1% афзоиш ёфтааст. Дар сатҳи минтақаҳо бошад дар вилояти Суғд 125,4 фоиз, вилояти Хатлон 55,1 фоиз, шаҳри Душанбе 125,8, НТМ 62,7 афзоиш ёфтааст. Дар ВМКБ бошад баръакс, 6,3% кам гардидааст.

Рушди инноватсионии истеҳсолотро кормандони баландихтисос, кадрҳо ва идоракунандагон (менеҷерҳо) таъмин мекунанд. Аммо ин қишрҳо асосан дар муассисаҳои илмӣ дар як қишри ҷудогонаи академикӣ вомехӯранд. Зери мафҳуми «Иқтидори кадрӣ» ба маънои васеъ ҳамчун малака ва қобилияти коргарон муайян карда шуда, ин омил метавонад барои баланд бардоштани самаранокии он дар соҳаҳои мухталифи истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида) ё

самараи иҷтимоӣ истифода шаванд. Ба ибораи дигар, иқтидори кадрии муассисаҳои илмӣ ин қобилияти категорияи муайяни коргарон мебошад, ки метавонанд дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ мутобиқи масъулияти корӣ ва ҳадафҳое, ки дар марҳалаи муайяни рушд дар назди коллектив гузошта шудаанд, ба амал бароварда шаванд. Ба маънои маҳдуд мафҳуми «иқтидори кадрӣ»-ро ҳамчун маҷмуи сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавии шахс, ки имконият ва ҳудуди иштироки ӯро дар фаъолияти меҳнатӣ, қобилияти ноил шудан ба онро муайян мекунад, ҷудо кардан мумкин аст[42].

Муносибати имрӯза дар татбиқи сиёсати кадрии вилояти Хатлон таҳия ва татбиқи механизмҳо ва шаклҳои нави идоракунии захираҳои кадриро дар бар мегирад. Аммо, вазъи кунунии иқтисодиёти вилоят аз он шаҳодат медиҳад, ки мушкилоти ташаккули захираҳои кадрҳои илмӣ дар шароити рушди инноватсионӣ аҳамияти хоса доранд ва ҳалли зудтарро тақозо мекунанд. Ҳангоми гузаштан ба технологияҳои инноватсионӣ ва таҳияи намудҳои нави маҳсулот корхонаҳо ба коргарони дорои қобилиятҳои маърифатӣ, донишу малакаҳои мувофиқ барои фаъолият ва рушди самараноки онҳо, ки иқтидори хуби корӣ доранд, мӯҳтоҷ шудаанд. Тавре, ки Берглезова Т.В. қайд намудааст иқтидори кадрӣ сарвати асосии ташкилот мебошанд ва ташаккули он бояд дар идоракунии ташкилот нақши калидӣ дошта бошад. Рақобатпазирии ташкилот ва самараи иқтисодии сармоягузорӣ дар фаъолияти он бевосита аз ин вобаста хоҳад буд[43].

Вобаста ба ҳамин гуфтаҳо, ба андешаи мо, барои ҳалли масъалаҳои рушди соҳаҳои технологии баланд дар вилояти Хатлон механизми таъмини ташаккул ва рушди захираҳои инсонӣ, дар иқтисодиёти вилоят бо кадрҳои баландихтисоси дорои тафаккури навоварона лозим аст. Аз ин рӯ, мо маҷбур мешавем барои муайян кардани ҳолати раванди инноватсионӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон дида бароем.

---

42 Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2018 году. - Душанбе -2020. С.5

43 Берглезова Т.В. Понятие кадрового потенциала предприятия и его влияние на эффективности деятельности промышленного предприятия // Проблемы предпринимательства в России. – 2010. – № 8. – С. 25 – 27.

Ҳисоботи шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, ки маълумотро аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят дастрас намудааст, нишон медиҳад, ки дар соли таҳсили 2020-2021 шумораи умумии кормандон нисбат ба соли 2015-2016 1480 нафар ё худ 152,2 % зиёд гардидааст (ҷадвали 2.1.3).

Афзоиши рушди иқтисодӣ ва иқтидори кадрҳои дараҷаи илми дошта дар ҳар як муассиса муҳимтарин нишондиҳанда мебошад.

Маълумоти пешниҳодшуда ва таҳлилҳои гузаронидаи мо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз шумораи умумии кормандон 4649 (100%) кормандони илмӣ 405, яъне 9,4-ро ташкил медиҳанд. Шумораи умумии омӯзгорон дар МТОК дар соли таҳсили 2020-2021 2126 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 17,1 фоизро омӯзгорони дорои дараҷаи илми дошта мебошад. Ҳамин нишондод дар сатҳи МТМК-и вилоят бошад, дар соли таҳсили 2020-2021 1,6%-ро ташкил медиҳад. Ногуфта намонад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят омӯзгорони дараҷаи илмидошта ба мушкилоти асосӣ мубаддал гаштааст.

**Ҷадвали 2.1.3.-Иқтидори кормандони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар вилоят | | | | | | |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 2834 | 3278 | 4203 | 3833 | 4153 | 4649 |
| Бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта | 286 | 302 | 366 | 417 | 385 | 405 |
| Бо % | 10,0 | 9,2 | 8,7 | 10,8 | 9,2 | 9,4 |
| Саромӯзгор, омӯзгор ва ассистент | 2548 | 2976 | 3835 | 3426 | 3769 | 4244 |
| | 90,0 | 90,8 | 91,3 | 89,2 | 90,8 | 90,6 |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | | | | | |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1393 | 1600 | 1855 | 1908 | 2016 | 2126 |
| Бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта | 252 | 270 | 337 | 382 | 350 | 365 |
| Бо % | 18,1 | 16,8 | 18,2 | 20 | 17,3 | 17,1 |
| Саромӯзгор, омӯзгор ва ассистент | 1141 | 1307 | 1518 | 1526 | 1666 | 1496 |
| Бо % | 81,9 | 81,7 | 81,8 | 80 | 82,7 | 82,9 |
| Муасиссисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят | | | | | | |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1441 | 1695 | 2348 | 1925 | 1925 | 2523 |
| Бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта | 34 | 32 | 31 | 35 | 35 | 40 |
| Бо % | 2,3 | 1,8 | 1,3 | 1,8 | 1,8 | 1,6 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саромӯзгор, омӯзгор ва ассистент | 1407 | 1663 | 2317 | 1889 | 1889 | 2483 |
| Бо % | 97,7 | 98,2 | 98,7 | 98,2 | 98,2 | 98,4 |

**Манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Аз таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, ки дар вилояти Хатлон мушкилоти кадрӣ ҳанӯз ҳалли худро пайдо накардааст, ки ин омил ба андешаи мо, дар самти тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат монеи ҷиддиро пеш меорад. Мушоҳидаҳои мо нишон медиҳад, ки имрӯзҳо аксари муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки шумораи ҳайати илмии омӯзгории хешро ба талабот ва меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ мутобиқ намоянд.

Ба андешаи Рустамов Ф.М. афзоиши талабот дар бозори корӣ водор мекунад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ заминаи моддию иқтидори кадрӣ пуриқувват карда шавад. Зеро мавҷудияти омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дорои донишу малакаи баланд, имкон медиҳад, ки равияҳои гуногуни омодасозии мутахассисони ҷавобгӯӣ ба бозори меҳнат ташкил карда шавад[44]. Мо низ андешаи таҳқиқгари ватаниро ҷонибдор мебошем, ки ягона омили муҳиме, ки мутахассисони ҷавобгӯӣ ба бозори меҳнатро омода менамоянд, ин омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дараҷаи илми дошта мебошад.

Барои ҳалли ин қисми масъала такмили системаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ, мутобиқсозии охирин ба эҳтиёҷоти воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, дастгирӣ ва рушди мактабҳои илмӣ, ҳамгироии илму маориф, ташаккули системаи ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби мутахассисони ҷавон ба соҳаи илм ва маориф зарур мебошад.




**Диаграммаи 2.1.1.- Нишондиҳандаи ҳайати омӯзгорони дараҷаи илмидошта дар вилояти Хатлон. Таҳияи муаллиф**

[44] Рустамов Ф.М. / Рушди иқтидори кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ/ диссертатсияи илмӣ.- Душанбе -2021, с. 65.

Ҳамон тавре, ки аз диаграммаи 1 бармеояд теъдоди докторони илм ва номзадони илм дар вилоят Хатлон соли 2021 нисбат ба соли 2015 ду нафар доктори илм ва 224 нафар номзадони илм афзоиш ёфтааст. Ин падида дар бораи афзоиш ёфтани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии минтақа гувоҳӣ медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.4.-Иқтидорӣ кормандони илмии дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон**

| Солҳо | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав | | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ | | Донишгоҳи давлатии Данғара | | Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон | | Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон | | Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм |
| 2015 | 15 | 47 | 19 | 41 | 3 | 17 | - | - | - | - | 7 | 7 |
| 2016 | 15 | 96 | 14 | 61 | 5 | 28 | - | 8 | 4 | 17 | 6 | 14 |
| 2017 | 24 | 121 | 15 | 79 | 3 | 26 | 1 | 13 | 6 | 23 | 6 | 20 |
| 2018 | 24 | 127 | 21 | 93 | 3 | 40 | 1 | 16 | 4 | 21 | 6 | 26 |
| 2019 | 21 | 130 | 16 | 67 | 2 | 39 | 2 | 16 | 3 | 17 | 8 | 29 |
| 2020 | 25 | 140 | 14 | 72 | 2 | 31 | 2 | 16 | 1 | 25 | 8 | 29 |
| Афзоиш бо % соли 2020 нисбати соли 2015 | 166,6 | 297,8 | -73,6 | 175,6 | 66,6 | 182,3 | - | - | - | - | 114,2 | 414,2 |

**Манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Таҳияи муаллиф**

Гузариши иқтисодиёти ҷумҳурии мо ба роҳи нави инноватсионӣ омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ ва рушди иқтидори инсонӣ мебошад, ки ин дар навбати худ омодагии кадрҳои баландихтисосро дар соҳаи илм, технологияҳои пешрафта, ки қодир ба фаъолнок намудани ғояҳои инноватсионӣ ва расонидани онҳо ба татбиқи амалӣ дар бозори дохилии вилоят мебошанд, талаб мекунад.

Дар давраи солҳои 2015-2021, сатҳи афзоиши докторони илм дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 166,6 фоиз, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб 114,2 фоиз афзудааст.

Афзоиши шумораи докторони илм аз механизми ҳавасмандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят шаҳодат медиҳад. Камшавии докторони илмро дар зарфи 6 соли охир дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара, дидан мумкин аст. Номзадони илм бошад дар ҳамаи муассисаҳои вилоят аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав 297,8%, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ 175,6%, Донишгоҳи давлатии Данғара 182,3%, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб 414,2% афзудааст.

Ҳамин тариқ, аз ҷадвали 2.1.4 метавон хулоса намуд, ки ҷойи аввалро дар омода намудани кадрҳои илмӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав ишғол мекунад, ки дар он ҷо бештар аз 165 кадрҳои илмӣ мавҷуд мебошад, дар ҷойи дуюм доир ба омода намудани мутахассисон барои ҳамаи сохторҳои соҳавии иқтисоди миллии вилояти Хатлон Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ бо 86 кормандони илмӣ қарор дорад.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб бошад, дар масъалаи омода намудани кадрҳо барои иқтисоди миллӣ ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Дар Донишгоҳи давлатии Данғара тайи солҳои охир равиши мусбат ба мушоҳида мерасад. Донишгоҳҳои дигар, ба монанди Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон ва Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

ҳам дастовардҳои муайяни илмӣ доранд, ки онҳоро метавон ҳамчун раванди оптималӣ дар ҷараёни омода намудани кадрҳои илмӣ маҳсуб донист.

Аҳамияти рушдёбандаи системаи таҳсилоти олӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон зарурати тадқиқ ва татбиқи стратегияи инноватсионии самараноки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро мефаҳмонад. Таҳияи стратегияи рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мавридҳои зерин мусоидат мекунад:

- мутобиқшавӣ ба чунин фаъолият ба ҳаракатҳои бозории хоҷагидории мусоидаткунанда ба тағйирёбии муҳити беруна;
- зарурати рушди шуури инноватсионӣ ва фарҳанги инноватсионӣ дар байни ҳайати профессорон, омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ;
- омодагии мутахассисони касбии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат;
- бунёд кардани муҳити рақобатпазир дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва ба онҳо баробар кардани муассисаҳои илмӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ.

Дар шароити рушди низоми иқтисоди бозаргонӣ нақши муҳимро рақобатпазирӣ мебозад ва он воқеан муассисаҳои таълимии миёнаи касбии ҳама сатҳҳоро водор месозад, ки ба бозори инноватсия ворид гардида, дар ташаккули он ширкат варзанд. Ҳамин тавр, низоми мавҷудаи идоракунии дар асоси механизми кӯҳна иҷрошаванда, натиҷанокӣ ва самаранокии навгониҳои дар раванди педагогӣ ва сохторҳои дар дохили он ҷоришавандаро коҳиш дода, гузариши системаи таълими касбиро ба реҷаи инкишоф бозмедорад.

Барои ҳалли масъалаҳои мазкур, пеш аз ҳама, аз сифатнокии таҳсилоти касбӣ, хусусан техникӣ, тайёр кардани коргарони баландихтисоси касбҳои гуногун ва техникҳо бо дарназардошти талаботи рушди инноватсионӣ вобаста мебошад. Аммо вазъи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти

Хатлон аз лиҳози кормандони илмӣ сифати баръакс дошта, ба талабот чандон ҷавобгӯй нест. Зеро ҳайати омӯзгорони асосӣ кофӣ намебошад (ҷад. 2.1.5).

**Ҷадвали 2.1.5.-Иқтидори кормандони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2016-2017 | | 2020-2021 | | Афзоиш адад | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Доктороӣ илм | Номзадоӣ илм | Доктороӣ илм | Номзадоӣ илм | Доктороӣ илм | Номзадоӣ илм |
| Коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Н. Хусрав | - | 3 | - | 4 | - | 1 |
| Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | 2 | 6 | - | 1 | 2 | 5 |
| Колеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён | - | 3 | - | 8 | - | 5 |
| Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар | - | 1 | - | 1 | - | - |
| Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб | 1 | 3 | - | 5 | - | 2 |
| Коллеҷи тиббии ДДТ Хатлон | - | - | - | 1 | - | 1 |
| Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон | - | - | - | 1 | - | 1 |
| Коллеҷи ҷумҳуриявии санъат ба номи К. Қурбонов ш. Кӯлоб | 1 | 1 | - | - | - | - |
| Коллеҷи милитсияи ВКДҶТ дар шаҳри Кӯлоб | - | 2 | - | 1 | | |
| Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷ.Балхӣ | - | 1 | - | 2 | | |
| Коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар | - | -1 | - | 1 | | |
| Коллеҷи политехникии ДДД | - | - | - | 1 | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб | - | 2 | - | 1 | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббии ноҳияи М.С.А.Ҳамадонӣ | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи иқтисодӣ-техникии шаҳри Кӯлоб | 1 | 3 | - | 1 | | |
| МҒТ Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории шаҳри Бохтар | - | - | - | 3 | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Бохтар | - | - | - | 1 | | |
| МҒТ Коллеҷи технологӣ-фармасевтии Тоҷикистон | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббӣ-инноватсионӣ н.Панҷ | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи омӯзгорӣ-муҳандисии ноҳияи Ҷайҳун | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Левакант | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи агросаноатӣ ва ҳунарҳои мардумии ш.Кӯлоб | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи тибии шаҳри Бохтар | - | - | - | 1 | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоӣ дар н.Данғара | - | - | - | - | | |
| МҒТ Коллеҷи тиббии н.Восеъ | - | - | - | - | | |

**манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон**
**Таҳияяи муаллиф**

Дар онҳо омӯзгорони дорои дараҷаи илмӣ, ки яке аз нишондиҳандаи иқтидори инноватсионии муассиса мебошад, хеле кам мебошад. Дар коллеҷҳои вилояти Хатлон, ки дар соли 2015-2016 ҳамагӣ 5 доктори илм фаъолият мекардаанд, ин ба Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ 2 нафар, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб 1 нафар, Коллеҷи ҷумҳуриявии санъат ба номи К. Қурбонов ш. Кӯлоб 1 нафар ва МҒТ Коллеҷи иқтисодӣ-техникии шаҳри Кӯлоб 1 нафар рост меояд. Докторони илм танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон рост меояд. Дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ки ҳамагӣ 15 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад, докторони илм ба назар намерасанд.

Минтақаи Бохтари вилояти Хатлон аз лиҳози номзадони илм нисбат ба минтақаи Кӯлоб афзалтар мебошад. Дар соли таҳсили 2020-2021 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят 33 нафар номзадони илм фаъолият менамоянд, ки аз ин 22 нафар ба минтақаи Бохтар ва 11 нафар ба минтақаи Кӯлоб рост меояд. Дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон номзадони илм бештар Коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Н. Хусрав 4 нафар, Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён 8 нафар, МҒТ Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории шаҳри Бохтар 3 нафар, Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар 1 нафар, Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон 1 нафар, МҒТ Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Бохтар 1 нафар, МҒТ Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар 1 нафар рост меоянд. Дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бошад, аз ҳама бештар номзадони илм дар Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб бо теъдоди 5 нафар ба фаъолият машғул мебошанд.

Тахмин меравад, ки аксари онҳо на корманди асосӣ, балки ба ҳайси ҳамкор фаъолият менамоянд, ки албатта, чунин сатҳи таъминоти кадрӣ дар роҳи рушди инноватсионии муассисаҳо мушкилот эҷод менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳолати кадрии моддӣ-техникӣ ва иттилоотии муссисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаҳои вилояти Хатлон нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят хеле заиф аст. Ҳарчанд бисёре аз коллеҷҳо дар назди донишгоҳҳо амал карда, ба онҳо тааллуқ доранд, аммо шарикии онҳо дар

истифодаи самараноки захираҳои инноватсионӣ дар сатҳи поён қарор дорад. Бинобар фаъолияти молиявию хоҷагидории мустақил доштан, ҳар кадоми онҳо бо таври худ фаъолияти ҷудогона доранд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми тарбияи кадрҳои илмӣ ин пурзӯр кардани кори аспирантура, докторантура ва унвонҷӯӣ дар муассисаҳои вилоят мебошад, зеро заминаи захираи кадрии ҳайати омӯзгоронро маҳз ҳамин зина фароҳам меорад. Илова бар ин, аспирантура, докторантура ва унвонҷӯӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ шакли асосии таълими мунтазами кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ мебошад.

Дар панҷ соли охир аспирантура дар вилояти Хатлон тамоюли коҳиш ҳам дар ҳаҷми омӯзиш ва ҳам нишондиҳандаҳои фаъолиятро нишон доданд. Ҳамин тариқ, пас аз афзоиши шумораи аспирантҳо дар солҳои 2016 ва 2018 бо авҷи баландтарин дар соли 2020 бошад, якбора коҳиш ёфтани шумораи онҳо ба мушоҳида мерасад.

**Ҷадвали 2.1.6.-Теъдоди таҳқиқгарони илм ва инноватсия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020**

| № | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | % | Адад |
| 1. Аспиирант | | | | | | | | |
| 1 | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят | 242 | 216 | 272 | 121 | 147 | -60,7 | -95 |
| 2 | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 15 | 41 | 25 | 25 | 18 | 120 | 3 |
| 2. Докторант | | | | | | | | |
| 1 | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 49 | 77 | 95 | 82 | 131 | 267,3 | 82 |
| 2 | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 1 | 2 | 9 | 9 | 12 | 1200 | 11 |
| 3. Унвонҷӯ | | | | | | | | |
| 1 | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 227 | 166 | 200 | 185 | 486 | 214,0 | 259 |
| 2 | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 21 | 15 | 17 | 17 | 91 | 433,3 | 70 |

**манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Сабаби чунин коҳишёбии аспирантура, ба андешаи мо, дар вилоят ин гузариши ба низоми нави таълим дар муассисаҳои ҷумҳурӣ мебошад. Зеро баъд аз хатми низоми кредитӣ барои идомаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ зинаи докторантура пешбини шудааст.

Тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар вилояти Хатлон вазифаи афзалиятнокест, ки бо ташкили системаи таҳсилоти баъдидипломӣ ҳал карда мешавад. Контингенти он аз ҳисоби хатмкунандагони донишгоҳҳо, ки майли баланд ва қобилияти таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯиро нишон додаанд, ташкил карда мешавад. Чуноне ки маълумоти ҷадвали 2.1.6 нишон медиҳад, айни ҳол наздик ба 89,% аспирантҳо, 91,6% докторантҳо ва 84,2 фоизро унвонҷӯён, дар донишгоҳу донишкадаҳои вилоят омода карда мешаванд. Ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад 11% аспирантҳо, 8,4% докторантҳо ва 15,2% унвонҷӯён рост меояд.

Тавре аз маълумоти замимаи 1 бармеояд, аз рӯйи теъдоди аспирантҳо Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, бо 63 нафар дар соли 2020 мавқеи аввалро соҳиб мебошад. Дар дигар донишгоҳҳо тамоюли камшавӣ ба назар мерасад. Ба андешаи мо, иштироки аспирантҳо дар фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ бо натиҷаҳои таҳсил дар аспирантура таваҷҷуҳи нокифоя зоҳир карда мешавад. Омӯзиши амиқи ин масъалаҳо барои аниқтар муайян кардани доираи мушкилоти аспирантҳо ва пешниҳоди маҷмуи чораҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии иштироки аспирантҳо дар рушди неруи илмӣ ва инноватсионии донишгоҳҳо равона карда шудаанд, кумак мекунад.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дар самти тайёр кардани докторант ва унвонҷӯён мавқеи устувор доранд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Хатлон низ барои тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ низ саҳмгузор мебошанд. Тавре маълумоти замимаи 2 нишон медиҳад, дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ аз 26

коллеҷҳои вилоят танҳо 2 коллеҷ Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва Коллеҷи тиббии ДДТ Хатлон нақши устувор доранд.

Аз таҳлилҳои замимаҳои 1,2,3 ва ҷадвали 2.1.6 метавон хулоса намуд, ки сарфи назар аз таваҷҷуҳ ва дастгирии ҳамешагӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, сатҳи ақибмонии аспирантура дар вилояти Хатлон боқӣ мемонад. Ҳолати он барои ояндаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилоят таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Вобаста ба ҳамин гуфтаҳо, пешниҳод менамоям, ки таълими мақсадноки мутахассисон дар доираи аспирантура барқарор карда шуда, заминаи моддию техникии донишгоҳҳо ба таври интенсивӣ навсозӣ карда, инчунин барои ба даст овардани таҷрибаи амалӣ ба аспирантҳо барои иштирок дар лоиҳаҳои таҳқиқотии кафедраҳои донишгоҳҳо тавсеа ва дастгирии иловагии моддӣ ба роҳ монда шавад. Дар маҷмуъ, ин силсилаи чораҳо қодиранд, ки самаранокии кори аспирантураи донишгоҳҳоро самаранок ва дар як муддати кутоҳ баланд бардоранд, инчунин дараҷаи таъсири онро ба рушди потенсиали илмӣ, инноватсионӣ ва таълимии муассисаҳо афзоиш диҳанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳои боло метавон хулоса намуд, ки сатҳи рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон, тавассути иқтидори илмӣ-техникӣ муайян карда мешавад. Сухан дар бораи кулли захираҳои кадрӣ, моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, ки иқтидори илмӣ-техникиро дар ихтиёр дорад ва ба ҷуз аз ин, танзими сохторҳо, ки фаъолияти ин соҳаро таъмин мекунад, меравад. Чунин ҳолати раванди инноватсиониро дар минтақаҳои вилояти Хатлон ба ҳисоб гирифта, бояд мутобиқ ба идоракунии равандҳои ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии вилоят ба мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёти вилоят фаъолият намоянд, албатта бо дарназар гирифтани мавридҳои зерин:

- ташкил ва зиёд намудани муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ олии касбӣ, ки бевосита ба беҳтаршавии иқтидорӣ илмӣ-техникӣ дар вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Ба андешаи мо, ҳоло таъсиси ҳадди ақал 4

муассисаи олии дигар дар вилоят заруратро пеш овардааст. Илова бар ин, ташаккули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар зерсистемаи инноватсионӣ на танҳо ба ҷумҳурӣ, балки ба минтақаҳои он таъсир мерасонад. Иқтисоддонҳои Бритониё Олимон Анна Валеро аз Мактаби иқтисодии Лондон ва Ҷон ван Ринен аз Донишкадаи технологии Массачусетси Иёлоти Муттаҳида Амрико, афзоиши шумораи донишгоҳҳо ва таъсири он ба рушди иқтисодиро аз соли 1950 то соли 2010 дар 1,5 ҳазор минтақаи 78 кишвари ҷаҳон мавриди таҳлил қарор додаанд. Таҳлилҳои муаллифон нишон дод, ки ифтитоҳи ҳар як донишгоҳи нав дар оянда 0,4 дарсад ҳаҷми иқтисоди минтақаеро, ки ин донишгоҳ воқеъ аст, афзоиш медиҳад. Дар баробари ин, ММД ба ҳар сари аҳолии тамоми кишвар аз ҳар як донишгоҳи нав кушодашуда ба ҳисоби миёна 0,05 фоиз меафзояд[45].

- такмили системаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ, мутобиқ ба эҳтиёҷоти воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, дастгирӣ ва рушди мактабҳои илмии олимон, ки бевосита барои омода намудани омӯзгорони дараҷаи илмидошта машғул мебошанд, ҳамгироии илму маориф, ташаккули системаи ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби мутахассисони ҷавон ба соҳаи илм ва маориф зарур мебошад.

- барқарор намудани таълими мақсадноки мутахассисон дар доираи аспирантура, инчунин барои ба даст овардани таҷрибаи амалӣ ба аспирантҳо барои иштирок дар лоиҳаҳои таҳқиқотии кафедраҳои донишгоҳҳо тавсеа ва дастгирии иловагии моддӣ-молиявӣ, инчунин пешниҳоди имтиёзҳое (грантҳо, қарзҳо), ки барои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ шароит муҳайё мекунанд, ба роҳ монда шавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан лозим аст, ки дар шароити муайян натиҷаи дилхоҳро интизор шудан мумкин аст: соҳибмаълумот гардидани аҳолии вилоят ва таъмин гардидан бо ҷойи кори доимӣ, кам шудани сатҳи

[45] https://trends.rbc.ru/trends/education/5d8502799a79475816bfab32 (санаи дастрасии маълумот 15.01.2022)

камбизоатӣ, зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ, баланд гардидани сифати дониши хатмкунандагони муассисаҳои вилоят. Илова бар ин, системаи мониторинг ва ҳавасмандгардонии худомӯзиро низ такмил дода, онҳоро дар заминаи қонунгузорӣ мустаҳкам кардан лозим аст.

## 2.2.Таҳлил ва арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон

Таҳлилҳои иқтидори кадрии муассисаҳоро, ки дар зербоби боло анҷом додем, зарурати натиҷагирӣ намудани кор ва механизмҳои рушди онро дар муассисаҳои минтақаи вилояти Хатлон ба миён меорад. Зеро инноватсияҳо дар танзими иқтисодиёти минтақа ҷойгоҳи марказиро ишғол намуда, ба ҷузъи таркибии зарурии пешрафт мубаддал гардидааст. Дар даҳ соли охир дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон афзоиши хароҷоти соҳаи илм, ки бо татбиқи консепсияи давлатии илмӣ-техникӣ ва босуботии нисбии иқтисодиёт алоқаманд аст, ба мушоҳида мерасад. Рушди пешрафти илмию техникӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ рақобатро тақвият дода, маблағгузориро, пеш аз ҳама, дар ҳамин соҳа, ки равандҳои инноватсиониаш ба он марбутанд, фаъолнок сохтанд. Равандҳои объективие, ки дар соҳаи илму таҳқиқот сурат гирифтанд, боиси тағйироти сохторӣ дар низоми маорифи вилояти Хатлон ва зарурати самтдиҳии он ба роҳи инноватсионии рушд шуданд.

Барои муайян кардани муассисаҳои илмӣ ва равияҳои тағйирёбандаи онҳо зарур аст, хислатҳои меъёрии муассисаҳои илмие, ки дар системаи иқтисоди миллӣ фаъолият мекунанд, омухта мешаванд.

Дар шароити имрӯза иттилоот яке аз муҳимтарин проблемаҳои стратегӣ дониста мешавад. Ин дар барномаҳои миллӣ, сиёсати давлатӣ, иттилоотсозӣ ва рушди илму маориф инъикос ёфтааст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти мо маълум шуд, ки монеаҳое, ки олимон аз гирифтани маълумоти зарурӣ монеъ мешаванд, норасоии захираҳои молиявӣ, набудани технологияҳои муосири компютерӣ, таҷҳизот, дастрасӣ ба интернет,

иттилооти зарурии илмӣ, компютер мебошанд. Зеро маҳз олимон ба воситаи ҳамин омилҳо дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ навигарӣ намуда, онро дар маҷаллаҳои илмӣ нашр менамояд.

Маҷаллаҳои илмӣ, чун қоида, барои чопи мақолаҳо оид ба таҳқиқоти назариявӣ, инчунин маводи дорои хусусияти амалидоштаи олимон пешбинӣ шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин вазифаҳоро Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он 42 маҷаллаи тақризшаванда мавҷуд мебошад, ки дутои он ба вилояти Хатлон рост меояд, ки ин нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ кам мебошад. Агар ҳамин нишондодро дар вилояти Суғд назар кунем, 4 адад маҷаллаи илмӣ мушоҳида мешавад[46]. Ба ҳамин хотир тавсия менамоям, ки дар вилояти Хатлон, аз ҷумла ДДК ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара низ маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нашри мақолаҳои илмӣ иҷозат дода шавад.

Соли 2020 дар вилояти Хатлон мақолаҳо ва фишурдаҳои олимон дар маҷаллаҳои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз чоп баровада шуд. Айни ҳол донишгоҳи мазкур дорои ду маҷаллаи илмӣ мебошад (ҷадвали 2.2.1.).

**Ҷадвали 2.2.1.-Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

| № | Номи маҷалла | Муассиса | Соли нашр | ISSN | Санаи қайд | № |
|---|---|---|---|---|---|---|
| СИЛСИЛА ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ИҚТИСОДӢ | | | | | | |
| 1. | Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | 2008 | 2663-5534 | 04.12.2020 | 1. |
| СИЛСИЛАИ ИЛМҲОИ ТАБИӢ | | | | | | |
| 2 | Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба | Донишгоҳи давлатии | 2016 | 2663-6417 | 18.05.2021 | 3. |

[46]https://vak.tj/index.php/majallahoi-takrizshavanda/ma-alla-oi-ta-rizshavanda
(санаи дастрасии маълумот 1.02.2022)

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | номи Носири Хусрав | Бохтар ба номи Носири Хусрав | | | | |

**Манбаъ:https://vak.tj/index.php/majallahoi-takrizshavanda/ma-alla-oi-ta-rizshavanda (санаи дастрасии маълумот 14.08.2021)**

Барои баҳо додан ба муваффақият ва самаранокии таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби таҳқиқгарони тамоми муассисаҳои вилоят ин нашри мақола, гузориш, фишурдаҳои илмӣ, дастурҳои методӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва монографияҳо мебошад. Ба андешаи Бобомуродов П.У. низ аломатҳои муҳимми иқтидори илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ ин шумораи нашрияҳо, патентҳо ва ҳимояи рисолаҳо дар муассисаҳои минтақа мебошад[47]. Ҳатто ба воситаи ҳамин нишондодҳо рейтинги муассисаҳои илмӣ ва олӣ ба назар гирифта шуда, муваффақияти ҳар як муассисаи илмӣ мушаххас баҳо дода мешавад. Ҳамин омили арзёбӣ мебошад, ки  сол то сол теъдоди нашрияҳо дар вилоят рӯ ба афзоиш мебошад. Агар мақола, гузориш ва фишурдаҳои илмӣ дар соли 2016 ба 1511 адад бошад, ҳамин нишондод дар соли 2020 ба 2291 адад расида, афзоиши он 151,6 фоиз баробар гаштааст.  Афзоиши дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ дар вилоят нисбат ба соли 2016 124 адад зиёд мебошад. Китобҳои дарсӣ  аз 46 ба 64 адад баробар гардида, рисолаҳои илмӣ ва монографияҳо низ ба 56 адад дар соли 2020 баробар гаштааст.

Теъдоди нашрияҳое, ки дар вилояти Хатлон аз чоп бароварда шудааст ин аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ба роҳ монда шудааст. Рисолаҳои илмӣ ва монографиҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят дар соли 2016 40 адад бошад, дар соли 2020 ба 51 адад ё худ 127,5 фоиз афзудааст.

---

[47] Бобомуродов П.У.  / Формирование и развитие региональных инновационных подсистем (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан) диссертация.-Душанбе 2019. - С.65.




| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Мақола, гузориш ва фишурдаҳои илмӣ | 1511 | 1410 | 2292 | 1585 | 2291 |
| Дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ | 231 | 301 | 506 | 374 | 355 |
| Китобҳои дарсӣ, илмӣ ва оммавӣ | 46 | 118 | 90 | 108 | 64 |
| Рисолаи илмӣ ва монография | 43 | 59 | 64 | 84 | 56 |

**Диаграммаи 2.2.1. - Динамикаи нашри корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Аз 56 адади рисолаҳои илмӣ ва монографияҳои соли 2020, 24 адади он ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 13 адад ба Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, 8 адад ба Донишгоҳи давлатии Данғара, 3 адад ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва 3 дади дигар ба Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон рост омадааст. Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон чунин нишондод ба қайд гирифта нашудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Хатлон 5 адад монография аз ҷониби 4 коллеҷ, яъне Коллеҷи омӯзгории назди ДДБ ба номи Носири Хусрад 1 адад, Коллеҷи омӯзгории назди ДДК ба номи А.Рӯдакӣ 2 адад, Коллеҷи милитсияи ВКДҶТ бо қароргоҳ дар шаҳри Кӯлоб 1 адад ва Коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар нашр гардидааст.

Аз рӯи шумораи китобҳои дарсӣ, илмӣ ва оммавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 1 адад кам гардида, ҳамин нишондод дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 371,4 % афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.2.2 - Теъдоди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | % | Адад |
| 1. Рисолаи илмӣ ва монография | | | | | | | |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 40 | 39 | 57 | 77 | 51 | 127,5 | 11 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 3 | 20 | 7 | 33 | 5 | 166,6 | 2 |
| 2. Китобҳои дарсӣ, илмӣ ва оммавӣ | | | | | | | |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят | 39 | 55 | 46 | 64 | 38 | -97,4 | -1 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят | 7 | 63 | 44 | 44 | 26 | 371,4 | 19 |
| 3. Дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ | | | | | | | |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят | 189 | 239 | 438 | 306 | 299 | 158,2 | 110 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 42 | 62 | 68 | 68 | 56 | 133,3 | 14 |
| 4. Мақола, гузориш ва фишурдаҳои илмӣ | | | | | | | |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят | 1457 | 1257 | 2047 | 1340 | 1925 | 132,1 | 468 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 54 | 153 | 245 | 245 | 366 | 677,7 | 312 |

**манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Бояд қайд кард, ки гарчанде ки нишондиҳандаҳои фаъолияти нашр дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ беҳтар шуда бошанд ҳам, аммо нисбат ба солҳои 2019 бадтар шуда, 18 адад китобҳои дарсӣ, илмӣ ва оммавӣ нашр гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯи нашри дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ хуб фаъолият намуда бошад, бо мақола, гузориш ва фишурдаҳои илмӣ дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят нишондиҳандаҳои фаъолияти худро ба таври назаррас (677,7 %) беҳтар намуд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳои маълумоти ҷадвали 2.2.2 метавон хулоса намуд, ки дар байни муассисаҳои илмии вилояти Хатлон, ки дорои иқтидори зарурии кадрӣ ва заминаи моддию техникӣ барои татбиқи босамари таҳқиқот дар соҳаи технологияҳо барои рушди инноватсионии минтақа мебошанд,

метавон ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлобро нисбат дод. Миёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад мавқеи фаъолро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2020 Коллеҷи тиббии назди Донишгоҳи давлатии Данғара, Коллеҷи миллитсияи назди ВКДҶТ дар шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар ишғол намудаанд.

Самти навбатии таҳқиқоти мо, таҳлили патенту шаҳодатномаҳои навоварӣ дар вилояти Хатлон барои омӯзиши ҷараёни муттасили илм ва технология мебошад. Дар шароити муосир, минтақаҳое ки қодир ба пешрафти илмӣ-техникии инноватсионӣ мебошанд, бо роҳҳои гуногун ихтироъкориро ба роҳ монда, инчунин ба таври оммавӣ натиҷаҳои фаъолияти зеҳниро дар истеҳсолот ҷорӣ менамоянд. Патенткунӣ як усули ҳифзи ҳуқуқии як қатор объектҳои моликияти зеҳнӣ (объектҳои моликияти саноатӣ) тавассути бақайдгирии давлатии онҳо, ворид шудан ба реестр аз ҷониби Маркази миллии патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳуқуқ ба ихтироот, модели муфид, намунаи саноатӣ пас аз гузаштани расмиёти расмии дахлдор бо патент тасдиқ карда мешавад ва аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад ва ин патентдиҳӣ, яъне таъмини муаллифӣ ва ҳуқуқи истисноии истифодаи усули нав ва ҳалли техникӣ (ихтироъ) барои муаллифи он аст, ки то ҳол роҳи муассири ҳифзи моликияти зеҳнӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳаҷм ва динамикаи фаъолияти патентӣ барои арзёбии потенсиали инноватсионии минтақаи вилояти Хатлон, сатҳ ва дурнамои рушди илму техника аҳамияти калон дорад.

Мувофиқи маълумоти диаграммаи 2.2.2 давоми 5 соли охир муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон 63 патенту шаҳодатномаҳои навоварӣ  ба даст овардаанд. Дар соли 2020 нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин буда, нисбат ба соли 2016 15 адад зиёд гардидааст.




**Диаграммаи 2.2.2. - Динамикаи патенту шаҳодатномаҳои навоварӣ дар вилояти Хатлон**

**Таҳияи муаллиф**

Мо таҳлили худро аз омӯзиши омори патенту шаҳодатномаҳои навоварӣ дар муассисаҳои вилояти Хатлон низ ба роҳ мондаем. Хусусияти тамоюлҳои имрӯзаи вилоят дар соҳаи патент инҳоро нишон медиҳад. Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2.2.3 дар соли 2020 шумораи патент дар ДДК ба номи А. Рӯдакӣ нисбат ба соли 2016 1 адад кам шудааст.

Дар дигар донишгоҳу донишкадаҳо дар тӯли панҷ соли охир афзоиш мушоҳида шудааст. Таҳлилҳои мо маълум намуд, ки Донишгоҳи давлатии Данғара бо 19 патент мавқеи аввалро дар вилоят соҳиб мебошад. ДДБ ба номи Носири Хусрав бо 16 патент мавқеи 2-юм ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб бо 9 патент мавқеи 3-юро ишғол намудааст. Дар ин миён МҒТ Коллеҷи технологӣ-фармасевтии Тоҷикистон бо 2 патент агар миёни коллеҷҳо мавқеи аввал дошта бошад, пас дар вилоят мавқеи 7-умро ихтиёр намудааст(ҷадвали 2.2.3)

**Ҷадвали 2.2.3. - Патенту шаҳодатномаҳои навовари додашуда дар вилояти Хатлон**

| № | МТОК-и вилоят | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Ҷамъ | Рейтинг |
| 1 | ДДБ ба номи Н.Хусрав | 1 | - | 2 | 5 | 8 | 16 | 2 |
| 2 | ДДК ба номи А.Рӯдакӣ | 2 | 1 | 1 | - | 1 | 5 | 5 |
| 3 | Донишгоҳи давлатии Данғара | 5 | 7 | - | 1 | 6 | 19 | 1 |
| 4 | Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон | - | - | - | - | 4 | 4 | 6 |
| 5 | Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон | - | 3 | 2 | 2 | 1 | 8 | 4 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6 | Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 1 | - | 3 | 3 | 2 | 9 | 3 |
| 7 | МҒТ Коллеҷи технологӣ-фарматсевтии Тоҷикистон | - | - | - | - | 2 | 2 | 7 |

**Манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар байни МТОК-и вилоят ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои камтарин доранд (дар соли 2020 - 1 патент). Афзоиши ин нишондиҳанда дар ДДБ ба номи Н.Хусрав дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 7 адад зиёд гардидааст.

Дар хотима бояд қайд кард, ки айни замон ва ояндаи наздик низ метавон гуфт, ки рақобати иқтисодӣ бо рақобати илмӣ-техникии инноватсионӣ муайян карда мешавад ва ин нишондод нақши моликияти зеҳниро хеле баланд мебардорад. Сарфи назар аз он, ки дар вилояти Хатлон фоизи нисбатан зиёди патентҳо дода шудааст, аммо шумораи умумии патентҳое, ки ҳамасола дар вилояти Хатлон дода мешаванд, ҳанӯз ҳам кам мебошад, ки ин ба як қатор мушкилотҳо барои афзоиши фаъолияти патентӣ ва рушди инноватсионӣ дар минтақа, вобаста мебошад:

- сиёсати нодурусти андози дар самти татбиқи иддеяҳои инноватсионӣ;
- яке аз мушкилот ин таваҷҷуҳи паст ба ҷузъҳои зеҳнии раванди инноватсионӣ (тадқиқот ва коркард, ба даст овардани ҳуқуқ ба патент) аз ҷониби ширкатҳо ва сармоягузорони вилоят мебошад. Ин метавонад боиси кам шудани сифат ва дараҷаи инноватсия, боз ҳам суст шудани фаъолияти инноватсиони гардад;
- бинобар нокифоя будани маблағгузории фаъолияти ихтироъкорӣ, илм ва техникаи муосир дар вилояти Хатлон.

Ҳамин тавр, таваҷҷуҳи кам ба рушди идеяҳои инноватсионӣ иқтисодиёти минтақаро ба иқтисодиёти мамлакатҳои дигар вобаста мегардонад. Танҳо таваҷҷуҳи ҷиддии давлат ба ҳалли ин мушкилот имкон медиҳад, ки вилояти Хатлон барномаи миллии рушди инноватсиониии пурра амалӣ созад ва

иштирокчии баробарҳуқуқи равандҳои инноватсионии минтақа ва ҷаҳонӣ гардад.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар шароитҳои муосири рушди иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ вазъияти иқтидори илмӣ-техникӣ аз бисёр ҷиҳат зиддиятнок боқӣ мемонад. На ҳамаи муассисаҳое, ки ба таҳқиқоти илмӣ машғул мебошанд, ба шароити рақобат тоб оварда метавонанд. Дар маҷмуъ ин раванд дар таҳлили иқтидори кадрӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он зоҳир мегардад.

Маълумоти ҷадвали 2.2.3-ро истифода карда метавон дар бораи он хулоса кард, ки дар шароитҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақте иқтисод ба андозаи кофӣ кушода аст, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт бояд ҷойи аввалро ишғол намоянд. Дар робита ба ин, мо чунин фикр мекунем, ки солҳои охир вазъияти макроиқтисодии вилояти Хатлон устувор мебошад, аммо сатҳи ба даст оварда шудаи рушди прогресси илмӣ-техникӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ба талаботи ин давр ҷавобгу намебошад.

Нишондиҳандаҳои муҳимми иқтидори илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ ин ҳимояи рисолаҳои илмӣ маҳсуб меёбад. Ин маълумот дар муассисаҳои вилоят дар ҷадвали 2.2.4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.4. - Ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020**

| Номгӯ | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | |
| | нафар | % | нафар | % | нафар | % | нафар | % | нафар | % |
| Ҳимояи рисолаҳо дар вилояти Хатлон | 15 | 100 | 12 | 100 | 34 | 100 | 61 | 100 | 46 | 100 |
| Рисолаҳои докторӣ | 2 | 13,3 | 2 | 16,6 | 2 | 5,8 | 2 | 3,2 | 2 | 4,3 |
| Рисолаҳои номзадӣ | 13 | 86,7 | 10 | 83,4 | 32 | 94,2 | 59 | 96,8 | 44 | 95,7 |

**Манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Рисола аксар вақт барои муаллиф дар илм роҳ мекушояд, ба он ҷо расидан низ кори осон нест. Ин як лоиҳаи таҳқиқотӣ мебошад, ки ҳифзи аҳолиро таъмин мекунад. Барои навиштан ва дифои рисолаи илмӣ аз якчанд марҳала гузаштан лозим аст, ба монанди интихоб ва тасдиқи мавзӯъ, таҳлили адабиёт, навиштани бевоситаи рисола, корҳои таҷрибавӣ, омода кардани мақолаҳои илмӣ, реферат, нашри мавод, иштирок дар семинарҳо ва конфронсҳо, ҳимояи пешакӣ дар кафедра ва ҳимояи асосӣ дар шурои диссертатсионӣ.

Дар соли 2020 шумораи умумии рисолаҳои дифоъшуда дар вилоят 46 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 2 адад ҳимояи рисолаи докторӣ ва 44 адади дигар ҳимояи рисолаҳои номзадӣ мебошад. Тавре маълумоти ҷадвал нишон медиҳад ҳамасола ҳимояи рисолаҳои докторӣ 2 нафари мебошад, аммо рисолаҳои номзадӣ бошад бо суръати баланд рушд намуда, аз 86,7 фоизи соли 2016 ба 95,7 фоизи соли 2020 баробар гаштааст.

Ба андешаи Муҳаммадюсупова Ш.А. бо кушодани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи шахсоне, ки рисолаҳои номзадӣ ва доктириро ҳимоя кардаанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Афзоиши назарраси ин нишондиҳанда дар донишгоҳҳо ба мушоҳида мерасад, зеро барои гирифтани дараҷаҳои илмӣ аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи қатъӣ вуҷуд дорад[48].

[48]Мухаммадюсупова Ш.А Макроэкономические основы инновационного развития национального хозяйства Республики таджикистан / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ//- Хуҷанд-2020. - С.80.

**Ҷадвали 2.2.5.-Ҳимояи рисолаҳои илмӣ вобаста ба муассисаҳо дар вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020**

| Солҳо | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав | | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ | | Донишгоҳи давлатии Данғара | | Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон | | Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон | | Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб | | Коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Н.Хусрав | | Коллеҷи иқтисодӣ-техникии ш. Кӯлоб | | Коллеҷи тиббии ноҳияи М.С.А.Ҳамадонӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм | Доктороні илм | Номзадони илм |
| 2016 | 1 | 9 | - | 2 | 1 | - | - | - | - | 1 | - | - | - | - | - | - | - | 1 |
| 2017 | 1 | 4 | 1 | 5 | - | 1 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2018 | 1 | 16 | - | 5 | - | 3 | 1 | 1 | - | 3 | - | 1 | - | 1 | - | 2 | - | - |
| 2019 | 1 | 26 | - | 16 | - | 7 | 1 | - | - | 8 | - | 2 | - | - | - | - | - | - |
| 2020 | 2 | 18 | - | 12 | - | 5 | - | 1 | - | 3 | - | 4 | - | 1 | - | - | - | - |
| Ҷамъ | 6 | 73 | 1 | 40 | 1 | 16 | 2 | 2 | - | 15 | - | 7 | - | 2 | - | 2 | - | 1 |
| Ҳиссаи донишгоҳҳо бо % | 60 | 46,2 | 10 | 25,3 | 10 | 10,1 | 20 | 1,3 | - | 9,5 | - | 4,4 | - | 1,3 | - | 1,3 | - | 0,6 |

**Манбаъ: Маълумоти шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.5 нишон медиҳад, ки дар панҷ соли охир дар вилоят 10 нафар рисолаҳои докторӣ ҳимоя намудаанд, ки 60 фоизи он ба Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав рост меояд.

Мавқеи дуюмро Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон бо 20% ишғол намудааст. Ба ду донишгоҳи дигар, яъне Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара 10% рост омадааст.

Ҳимояи рисолаҳои номзадӣ дар соли 2020 қариб ба ҳама муассисаҳои вилоят, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав 18 нафар, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ 12 нафар, Донишгоҳи давлатии Данғара 5 нафар, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон 3 нафар, Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон 1 нафар, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб 4 нафар, Коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Н. Хусрав 1 нафар рост омадааст.

Хулоса дар байни муассисаҳои илмии вилояти Хатлон, ки дорои иқтидори зарурии кадрӣ ва заминаи моддию техникӣ барои татбиқи босамари таҳқиқот дар соҳаи технологияҳо барои рушди инноватсионии минтақа мебошанд, метавон ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ нисбат дод. Ин нишондиҳанда бо маълумоти дигар муассисаҳои илмии вилоят муқоиса карда шуда, афзоиши неруи кадрҳои илмиро дар вилояти Хатлон нишон медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки айни ҳол дар назди ДДБ ба номи Носири Хусрав ду шӯрои диссертатсионӣ амал менамояд. Яке Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-035-технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика дигаре Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-046 таърихи илм ва техника мебошад, ки маҳз ҳамин Шӯроҳо дар тайёр кардани рисолаҳои илмӣ нақши калидӣ дорад. Ёдовар мешавем, ки ғайр аз Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дар дигар муассисаҳои вилоят Шӯрои диссертатсионӣ амал намекунад. Яъне ҳамагӣ дар вилояти Хатлон 3 Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, ки ҳамин нишондиҳанда дар вилояти Суғд ба 4

адад мебошад[49]. Ба ҳамин хотир тавсия менамоем, ки бо назардошти зарурат ва ҷой доштани иқтидори илмӣ дар дигар муассисаҳои олии низ ба роҳ монда шавад.

Тибқи ҳисоботҳои раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-035- аз давраи таъсис, яъне аз соли 2018 то инҷониб 29 нафар омӯзгорон аз 8 донишгоҳу донишкада ва 1 коллеҷ ҳимояи рисолаи номзадӣ намудаанд.

Ҳамин ҳолатро дар Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-046 таърихи илм ва техника низ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар Шӯрои мазкур аз давраи фаъолият то инҷониб 5 нафар унвонҷӯ аз 4 донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ ҳимояи рисолаи номзадӣ намудаанд, ки аз ин теъдод, 40 фоизи он ба ДДБ ба номи Н.Хусрав рост меояд.

**Ҷадвали 2.2.6.-Теъдоди рисолаҳои ҳимояшуда дар Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар 4 соли фаъолият**

| **Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-035 – технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика** | | | |
|---|---|---|---|
| № | Донишгоҳҳо | Теъдоди ҳимояшудагон | Бо % |
| 1 | ДДБ ба номи Носири Хусрав | 8 | 27,5 |
| 2 | ДДХ ба номи Б. Ғафуров | 5 | 17,2 |
| 3 | ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | 4 | 13,7 |
| 4 | ДМТ | 4 | 13,7 |
| 5 | ДДОТ ба номи С. Айнӣ | 2 | 6,9 |
| 6 | ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур | 2 | 6,9 |
| 7 | ДДТ ба номи А.И.Сино | 2 | 6,9 |
| 8 | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода | 1 | 3,4 |
| 9 | Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат | 1 | 3,4 |
| | **Ҷамъ:** | **29** | **100** |
| **Шурои диссертатсионии 6D-КОА-046 таърихи илм ва техника** | | | |
| 1 | ДДБ ба номи Носири Хусрав | 2 | 40 |
| 2 | ДДХ ба номи Б. Ғафуров | 1 | 20 |
| 3 | ДДТТ | 1 | 20 |
| 4 | ДДОТ ба номи С. Айнӣ | 1 | 20 |
| | **Ҷамъ:** | **5** | **100** |

**Манбаъ: Ҳисоботи котиби Шурои диссертатсионии 6D-КОА-035-технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълимӣ информатика**
**Таҳияи муаллиф**

[49] https://vak.tj/index.php/sh-ro-oi-dissertatsion/sh-ro-oi-dissertatsionii-sozmonyofta

Ҳамин тариқ, аз ҷадвали 2.2.6 метавон хулоса намуд, ки аз 34 нафар рисолаҳои ҳимояшуда дар Шӯроҳои диссертатсионии назди донишгоҳ 29,4 фоизи он ба ДДБ ба номи Н. Хусрав тааллуқ дорад.

**Ҷадвали 2.2.7.-Теъдоди ҳимоякардагон дар Шурои диссертатсионии 6D-КОА-035 вобаста ба солҳо**

| **Шурои диссертатсионии 6D-КОА-035 – технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| № | Донишгоҳҳо | Солҳо | | | |
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| 1 | ДДБ ба номи Носири Хусрав | - | 4 | 4 | - |
| 2 | ДДХ ба номи Б. Ғафуров | 1 | 1 | | 3 |
| 3 | ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | - | 3 | 1 | 1 |
| 4 | ДМТ | - | 1 | 2 | 1 |
| 5 | ДДОТ ба номи С. Айнӣ | - | 1 | 1 | |
| 6 | ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур | - | | 1 | |
| 7 | ДДТ ба номи А.И. Сино | - | | 1 | 1 |
| 8 | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода | - | 1 | | |
| 9 | Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат | - | | 1 | |
| | **Ҷамъ:** | **1** | **11** | **11** | **6** |
| **Шурои диссертатсионии 6D-КОА-046 таърихи илм ва техника** | | | | | |
| 1 | ДДБ ба номи Носири Хусрав | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| 2 | ДДХ ба номи Б. Ғафуров | **-** | | **2** | |
| 3 | ДДТТ | **-** | | **1** | |
| 4 | ДДОТ ба номи С. Айнӣ | **-** | **1** | | **1** |
| | **Ҷамъ:** | **-** | **1** | **3** | **1** |

**Манбаъ: Ҳисоботи котиби Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-035 – технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълимӣ информатика**
**Таҳияи муаллиф**

Аз маълумоти ҷадвали 2.2.7 бармеояд, ки дар ДДБ ба номи Н. Хусрав яку якбора теъдоди муҳокима ва ҳимояи рисолаҳои номзадӣ дар ҳарду Шӯро дар соли 2021 ба сифр баробар гаштааст. Ҳамин нишондод дар ДДХ ба номи Б.Ғафуров сифати баръакс, яъне афзоишро барои худ ихтиёр намудааст.

Дар асоси методологияе, ки дар зербоби 1.2 барои баҳодиҳии сатҳи рушди иқтидори илмию техникӣ ва нишондиҳандаҳои бадастомада тавсиф шудааст, самаранокӣ ва рейтинги дахлдори муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва миёнаи касбии он вилояти Хатлоро таҳия намудем.

**Ҷадвали 2.2.8- Рейтинги ниҳоии иқтидории илмӣ дар вилояти Хатлон ва муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва миёнаи касбии он**

| Ҷой | Нишондиҳанда | Рейтинг | Самаранокӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 1.226 | 0.137 |
| 2 | Вилояти Хатлон | 0.339 | 0.136 |
| 3 | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 0.012 | 0.144 |

Таҳия ва ҳисоби муаллиф.

Дар натиҷа маълум гардид, ки аз рӯи баҳодиҳии умумии самаранокӣ ва рейтингӣ ба сатҳи «паст»-и иқтидори илмии ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рост меояд. Ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии вилоят 0.012 фоизро ташкил медиҳад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад 1.226 фоиз мақоми аввалро соҳиб гардидааст. Дар ин рейтинг Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон бо коэффисиенти 1.3289 мақоми аввал, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав бо коэффисиенти 1.2512 мақоми дуввум ва Донишкадаи энергетикиии Тоҷикистон бо коэффисиенти 0.8015 бо мақоми севвум пешсафанд. Миёни муассисаҳои таҳсилотӣ миёнаи касбӣ бо коэффисиенти 0.1791 Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён дар рейтинги аввал қаррор дорад.

**Ҷадвали 2.2.9 - Рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон**

| Ҷой | Нишондиҳанда | Рейтинг | Самаранокӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон | 1.3289 | 0.1483 |
| 2 | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав | 1.2512 | 0.1659 |
| 3 | Донишкадаи энергетикиии Тоҷикистон | 0.8015 | 0.1692 |
| 4 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ | 0.6692 | 0.1568 |
| 5 | Донишгоҳи давлатии Данғара | 0.5790 | 0.1559 |
| 6 | Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб | 0.4127 | 0.1760 |
| 7 | Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён | 0.1791 | 0.3058 |
| 8 | Коллеҷи иқтисодӣ-техникии шаҳри Кӯлоб | 0.0982 | 0.2635 |
| 9 | Коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Н. Хусрав | 0.0489 | 0.1027 |
| 10 | Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | 0.0476 | 0.2323 |
| 11 | Коллеҷи тиббии ғайридавлатии шаҳри Кӯлоб | 0.0051 | 0.3221 |
| 12 | Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар | 0.0005 | 0.1856 |
| 13 | Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб | 0.0003 | 0.3821 |

**Таҳия ва ҳисоби муаллиф**

Дар вилоят дараҷаи пасттарини рейтинги иқтидори илмиро илмӣ миёни муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ

дар ш.Кӯлоб бо коэффисиенти 0.4127 ба қайд гирифта шудааст. Дар муассисаҳои миёнаи касбии вилояти Хатлон, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб мебошад.

Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаҳои таҳияи рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон аз рӯи сатҳи рушди иқтидори илмию техникӣ хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Дар самаранокӣ ва рейтинги баррасишаванда пешсаф муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар вилояти Хатлон буда аз рӯи блокҳои алоҳида мавқеи хеле баланд дорад: «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» – ҷойи 1-ум; «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав» - ҷойи 2-юм, « Донишкадаи энергетикиии Тоҷикистон» - ҷойи 3-юм ва миёни муассисаҳои таҳсилотӣ миёнаи касбӣ бошад, «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён» дар ҷойи 1-ум қаррор дорад.

2. Аз руи баҳои умумии интегралӣ ба дараҷаи «паст»-и иқтидори илмӣ илмию техникӣ Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб мебошад.

3. Омӯзиши индексҳо аз рӯи блокҳои нишондиҳандаҳо сатҳи нобаробари рушди иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон ошкор намуд. Ин, аз як тараф, мавҷудияти мушкилотҳоро нишон дода бошад, аз тарафи дигар, ки бо роҳи такмил додани қисмҳои алоҳида чӣ тавр иқтидори илмию техникиро самараноктар идора кардан мумкин аст нишон медиҳад.

Дар асоси маълумотҳои таҳлилии ҷадвалҳои овардашудаи зербоби 2.2 метавон дар бораи он хулоса кард, ки дар давраи таҳлилшаванда рушди фаъолияти илмӣ дар вилояти Хатлон ба мушоҳида мерасад. Дар ҳол мо чунин фикр мекунем, ки ҳанӯз то ба охир захираҳои мавҷуда, ки минтақа доро мебошад мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Аз сӯйи дигар, дар шароити рақобапазирӣ дар бозори молҳо зарур аст, ки рушди устувори фаъолияти илмӣ-техникӣ таъмин карда шавад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, таҷриба дар бораи як қатор омилҳо дар сатҳи макро ва микроиқтисодӣ, ки ба рушди устувори фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ таъсир карда, дифференсиатсияи минтақавӣ ва соҳавиро, қабл аз ҳама таҳияи меъёрҳои асоснок кардашуда, таърифҳои мушаххас, арзёбиҳои миқдории рушди устувори фаъолияти соҳибкориро

талаб мекунад, гувоҳӣ медиҳад. Ҳаллу фасли воқеии мушкилоти мавҷуда дар соҳаи илм ва тақвияти пойгоҳи моддию техникии он, қабл аз ҳама, ба дастгирии воқеӣ ва ҳаматарафаи давлат вобаста мебошад. Дар ин шароит масъалаи аввалиндараҷа эҳёи миқдорӣ ва сифатии иқтидори кадрии тахассуси олӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, нишондиҳандаҳои мазкур метавонад дар рушди устувории иқтисодиёти минтақа низ таъсири мусбат расонад. Гузашта аз ин, ба андешаи мо маҳз минтақаҳо бояд ҳамчун иштирокчиёни фаъол - ба истилоҳ «роҳнамо» - дар раванди гузариш ба сенарияи индустриалию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда, мустақилият, фаъолият ва худидоракунии иқтисодиро дар таъмин ва такмил додани иқтидори иқтисодӣ, махсусан илмӣ-техникии инноватсионӣ ноил шаванд. Самаранок истифодабарии имконияти фаъолияти инноватсионӣ бо сатҳи инкишофи илму техника, ки дар минтақа ба даст оварда шудааст, муайян карда шуда, пеш аз ҳама маҳорати касбии кадрҳои илмию техникии минтақа, неруи таълимии он, инчунин мавҷудият ва дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ, ҳаҷми маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ, хароҷот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва маҳсулотҳои инноватсионӣ вобаста аст. Айни ҳол мо фаъолияти иқтидори илми- техникӣ ҳамчун омили устувории иқтисодиёти минтақаро дар расми 2.2.1 тасвир намудаем.




**Расми 2.2.1. - Фаъолияти иқтидори илмӣ- техникӣ ҳамчун омили устувории иқтисодиёти минтақа**
**Таҳияи муаллиф**

Тавре ки аз расми пешниҳодшуда дида мешавад, иқтидори илмӣ-техникии минтақа аз нуқтаи назари рушди устувор бояд дар се марҳила баррасӣ карда шавад:

ташаккули он бо мақсади пеш бурдани фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ бо назардошти принсипи устувор, дар асоси захираҳои дар минтақа мавҷудбуда — дар навбати аввал субъекти фаъолияти илмӣ-техникӣ, базаи моддию техникии илм, системаи тайёр кардани кадрҳо, зиёд намудани маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ДДК ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара барои нашри мақолаҳои илмӣ, таъсиси Шурои диисертатсионии иловагӣ, бо назардошти зарурат ва ҷой доштани иқтидори илмӣ дар дигар муассисаҳои олии вилоят;

- рушди иқтидори илмӣ-техникии минтақа (субъектҳои фаъолияти илмию техникӣ дар минтақа ва иштирокчиёни раванди инноватсионие, ки дар заминаи донишҳои илмию техникӣ, бозори иттилоот, меҳнати илмию технологӣ, маҳсулоти инноватсиониро амалӣ намуда, барои рушди устувории минтақа инноватсияҳои гуногунро таҳия менамояд);

- самаранок истифодабарии иқтидори илмӣ-техникӣ – ин имконияти ҷорӣ ва дар амал татбиқ намудани навигариҳо, ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти илмию техникӣ бо мақсади ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ва устувори минтақа.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои боло муҳимтарин принсипҳои идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити гузариш ба рушди устувор бояд инҳо бошанд:

- принсипи гузоштани мақсад – ин принсип лаҳзаи ибтидоӣ ва бунёдии идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ мебошад. Ҳангоми идоракунии иқтидори илми-техникии минтақавӣ мақсад аз ин ду ҷиҳат аст: аз як тараф, баланд бардоштани он бо мақсади таъмини рақобатпазирии минтақа дар шароити имрӯза ва таҳкими рақобати байниминтақавӣ, аз ҷониби дигар, татбиқи самараноки иқтидори илмию техникӣ барои таъмини тамоюли инноватсионӣ ва устувории рушди минтақаҳо;

- принсипи пайдарпайӣ. Дар ин принсип амалиёти назорат бояд тавре ҳамоҳанг карда шавад, ки онҳо дар тамоми ҷанбаҳои ташаккул ва фаъолияти иқтидори илмию техникии минтақавӣ (кадрҳо – вобаста ба сатҳи тахассусӣ ва фаъолияти инноватсионии кормандони дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ фаъолияткунанда; моддию техникӣ - аз рӯи мавҷудият ва ҳолати таҷҳизоти зарурӣ, фондҳои асосӣ ва фонди муомилот барои таҳқиқот ва лоиҳакашӣ; иттилоотӣ - вобаста ба мавҷудияти иттилооти илмию техникии барои татбиқи тадқиқоти илмӣ-таҳқиқотӣ, интиқоли он аз бахши таълимӣ ба бахши истеҳсолии иқтисодиёт; молиявӣ ва иқтисодӣ - вобаста ба таъмини кифояти буҷетӣ, маблағгузории илм ва технология, сармоягузорӣ ба инноватсия; инноватсияи воқеи - метавонад бо муайян кардани дараҷаи рушди системаи инноватсионии минтақавӣ, ки унсури он иқтидори илмӣ-техникии минтақа мебошад, тавсиф карда шавад) зоҳир шаванд.

Ғайр аз ин, дар асоси зарурати дар боло зикршуда, ҳисобидани иқтидори илмӣ-техникии минтақа ҳамчун омили муҳимтарини гузариш ба рушди устувор, бояд афзалияти принсипи устувориро дар ҳама гуна қарорҳои марбут ба ташаккул ва истифодаи иқтидори илмию техникии минтақа барои рушди инноватсияҳои минтақавӣ бояд ба назар гиранд.

Ба инобат гирифтани ин принсипҳо ҳангоми идоракунии иқтидори илмию техникии минтақа на танҳо ташаккул ва истифодаи самараноки онро бо мақсади баланд бардоштани заминаи иқтисодӣ ва технологии минтақа, балки рақобатпазирӣ ва сатҳи зиндагии минтақаро таъмин намуда, заминаҳои заруририро барои гузариш ба рушди устувор, бо роҳи мақсаднок ва бошуурона тағйир додани фаъолияти субъектҳои хоҷагидории минтақавӣ дар асоси технологияҳои инноватсионӣ фароҳам меорад.

## 2.3. Мушкилоти асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон

Баъд аз таҳлил ҳолати имрӯза ва арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон, муайян ва ошкор намудани мушкилотҳои асосии монеашаванда дар беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникиро пеш меорад. Зеро дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ буҳрони ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ, ки ба асари воқеаҳои ибтидои солҳои 90-ум ба амал омад, илм дар сатҳи кофӣ мавқеъ дошт. Дар институтҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ заминаи моддиву техникӣ ба вуҷуд оварда шуда буд. Дар бисёре аз самтҳои илм кадрҳои илмӣ тайёр карда шуда, мактабҳои аслии илмӣ ташаккул ёфта буданд. Таҳқиқот дар ҳамоҳангӣ бо институтҳои Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва марказҳои дигари илмии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ анҷом дода мешуданд.

Пас аз истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши зиёд ба ҳифз ва дастгирии неруи илмӣ, ислоҳоти илм ва ба ҳалли масъалаҳои муҳимми мамлакат нигаронидани илм равона шуда буд. Дар айни замон раванди ислоҳоти илм идома дорад. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оҳиста-оҳиста ба фаъолият дар шароити нав мутобиқ шуда истодаанд. Давлат дастгирӣ ва таҳкими неруи илмиро барои пешрафти бомуваффақияти мамлакат бо роҳи рушди устувор яке аз самтҳои афзалиятнок донистааст.

Дар иртибот ба ҳамин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонун, стратегия, барномаҳо, консепсияҳо ва қарорҳое қабул гардидаанд, ки сиёсати миллиро дар соҳаи илм ва техника муайян намуда, ба дастгирии неруи илмӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ нигаронида шудаанд (Замима 4).

Чуноне ки аз маълумоти замимаи 4 маълум мегардад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, тадбирҳои аввалини қонунгузорӣ ва дастгирии давлатӣ барои беҳтар намудани

иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ бо мақсадҳои рушди соҳа аз соли 2010 то инҷониб 4 қонун, 5 стратегия, 2 барнома, 7 қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 консепсия қабул карда шудааст.

Санадҳои меъёрриву ҳуқуқии танзимкунандаи дар боло овардашуда далели он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон базаи муайяни меъёрию ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки вазъи кунунии сиёсати давлатиро дар соҳаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ инъикос мекунад.

Ҳамаи хусусиятҳои дар боло овардашудаи барои рушди минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон, ки ба дурнамои татбиқи консепсияи рушди устувор дар кишвар таъсири назаррас мерасонанд, дар таҳияи стратегияҳои минтақавӣ ва андешидани чораҳои дахлдорро ба таври кофӣ талаб мекунанд. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки рушди минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти муайяне, ки ҳам дар натиҷаи ташаккули муносибатҳои бозорӣ ва ҳам ташаккули иқтисодиёти дониш бо дарназардошти тамоюлҳои бухрони иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он вобаста аст. Мушкилиҳои зерини рушди минтақаҳои вилояти Хатлон муайян кардан мумкин аст, ки ба самаранокии гузариш ба рушди устувор таъсир мерасонанд ё ин ки пешрафти илм ва саҳми он дар рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлонро аз бисёр ҷиҳат ба ҳалли саривақтии як қатор масъалаҳо вобаста мебошад, ки мо онро дар расми 2.3.1 пешниҳод намудаем.

Дар бораи мушкилотҳо ва роҳҳои ҳалли иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии дар расм овардашуда маълумоти бештар пешниҳод менамоем.

**Таъминоти нокифояи молиявӣ дар соҳаи илм**

Илм дар ҷумҳурӣ асосан аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Хароҷот ба илм ба таври доимӣ меафзояд. Чунончи, дар соли 2020 дар қиёс бо соли 2014 ин хароҷот ба қадри 31,9 млн. сомонӣ афзоиш ёфт. Лекин ба таври умуми ҳиссаи хароҷот ба илм дар ҳисоб бо маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Ҳаҷми умумии маблағгузории соҳаи илм дар соли 2020 82,8 млн. сомонӣ, яъне 0,10 % аз маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил дод, дар

ҳоле, ки дар давлатҳои пешрафта сатҳи маблағгузории илм дар ҳудуди 1 -3 % аз маҷмуи масулоти дохили қарор дорад.




**Расми 2.3.1.- Мушкилотҳои асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Системаи маблағгузории илм, ба монанди тамоми системаи оқилонаи маблағгузорӣ, ки ҳадафи он афзоиши ҳаҷм ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявиро муайян мекунад, бояд нишондиҳандаҳои бозорӣ дошта бошад. Ба ибораи дигар, муносибат ба мушкилоти маблағгузории илм бояд ба принсипи ҳадафгирии маҷмуи маблағгузории мустақими буҷетӣ бо дастгирии молиявии созмонҳои алоҳидаи илмӣ, инчунин принсипи сарчашмаҳои сершумори маблағгузорӣ асос ёбад.

Сухан дар бораи васеъ кардани манбаъҳои дастгирии молиявӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ, ҷалби маблағ на танҳо аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун, балки манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ, захираҳои корхонаю ташкилотҳои манфиатдор ва сармоягузорони хориҷӣ меравад. Аммо, ин амалия то ҳол дуруст зоҳир нашудааст.

**Ҷадвал 2.3.1.-Ҳаҷми ММД ва хароҷотҳо аз буҷет ба корҳои илмӣ-техникии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2014-2020**

| Нишондиҳанда | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | Бо рақам | Бо % |
| Ҳаҷми ММД, млн.сомонӣ | 45606,6 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543,0 | 36936,4 | 180,9 |
| Хароҷотҳои давлат ба корҳои илмӣ-техникии инноватсионӣ,млн. сомонӣ | 50,9 | 52,8 | 55,5 | 60,6 | 66,9 | 76,4 | 82,8 | 31,9 | 162,6 |
| Ҳиссаи хароҷотҳо ба корҳои илмӣ-техникии инноватсионӣ нисбат ба ММД, % | 0,11 | 0,10 | 0,10 | 0,09 | 0,09 | 0,09 | 0,10 | -0,01 | 90,9 |

**Сарчашма: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи омори, 2020. - С. 109, 344, 345**

**Таҳияи муаллиф**

Дастгирии молиявӣ барои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ ба сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ асос ёфтааст, ки мо онро дар ҷадвали 2.3.2. пешниҳод менамоем.

Таҳлили саарчашмаҳои маблағгузорӣ аз рӯи бахши иқтисодӣ нишон медиҳад, ки сарчашмаҳои асосии маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2018 танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ боқӣ мемонанд. Дар ин маълумотҳо маблағҳои буҷети давлатӣ барои беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб 714031 ҳазор сомонӣ мебошад, ки ин нишондод нисбат ба ДДК ба номи А. Рӯдакӣ 356,4 % ва ДДБ ба номи Н. Хусрав 481,4 % зиёд мебошад.

**Ҷадвали 2.3.2.-Сарчашмаҳои маблағгуузории илм дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон дар соли 2018**

| № | Муассиса | Ҳаҷми маблағгузорӣ, аз ҷумла аз рӯи сарчашма | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Маблағҳои буҷети давлатӣ | Фондҳои ғайрибуҷетӣ | Маблағҳои худӣ | Маблағҳои муштариён | Маблағҳо аз сарчашмаҳои хориҷӣ | Ҳамагӣ |
| 1 | Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб | 714031 | - | - | - | - | 714031 |
| 2 | ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | 200335 | - | - | - | - | 200335 |
| 3 | Донишгоҳи давлатии Данғара | | - | - | - | - | 0 |
| 4 | ДДБ ба номи Н. Хусрав | 148296 | - | - | - | - | 148296 |

**Манбаъ: Иқтидори илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 (маҷмуаи таҳлилӣ). Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот. Душанбе – 2020. С. 56 Таҳияи муаллиф**

Нишондиҳандаи калидии омории захираҳои молиявии илм – ин хароҷоти пули барои таҳқиқот ва коркард мебошад, ки барои амалисозии таҳқиқот ва таҷрибаҳо истифода карда мешаванд. Диққати асосӣ ба хароҷоти дохилӣ барои корҳои илмию таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби муассиса дар давоми сол новобаста аз сарчашмаи маблағгузорӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар асоси хароҷоти воқеии таҳқиқот ва таҳия имкон дорад, ки хароҷоти умумӣ, аз ҷумла хароҷоти дохилии таҳқиқот ва коркард, хароҷоти дохилии амалиётӣ (музди меҳнат, саҳмҳои суғуртаи иҷтимоӣ, хароҷоти таҷҳизот ва дигар хароҷот) муайян карда шавад.

Дар ҷадвали 2.3.3 маълумот дар бораи музди миёнаи якмоҳаи коргароне, ки дар соли 2018 таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, аз рӯи бахшҳо нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.3.3.-Музди миёнаи якмоҳаи коргароне, ки дар донишгоҳҳо дар соли 2018 таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд (сомонӣ)**

| №. | Муассисса | Музди миёнаи якмоҳаи як корманд | Аз ҷумла аз рӯи категорияи иҷрокунандагон | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Муҳаққиқон | техникхо | кормандони ёрирасон | Дигарон |
| 1 | Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 1892 | 1800 | 940 | 940 | 3000 |
| 2 | ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | 917 | 641 | 563 | 428 | 506 |
| 3 | Донишгоҳи давлатии Данғара | 1243 | 2392 | 1190 | 750 | 1214 |
| 4 | ДДБ ба номи Н. Хусравв | - | 500 | - | 400 | - |

**Манбаъ: Иқтидори илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 (маҷмуаи таҳлилӣ). Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот. Душанбе – 2020. С. 63-64**

Тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.3.3 бармеояд, аз ҳама музди миёнаи якмоҳа барои як корманд ба андозаи 1892 сомонӣ ба Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб мебошад, ки нисбат ба дигар донишгоҳҳои вилоят, аз ҷумла ДДК ба номи А. Рӯдакӣ 975 ва Донишгоҳи давлатии Данғара 649 сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамин мушкилот ба бозори меҳнати минтақавӣ низ, пеш аз ҳама ба нобаробарии назарраси музди меҳнат ҳам аз ҷиҳати мутлақ ва ҳам нисбат ба ҳосилнокии меҳнат мушоҳида мешавад. Дар соли 2020 маоши миёнаи моҳонаи баландтарин ба шаҳри Душанбе (2080,81 сомонӣ) ва ВМКБ (1347,36) сабт шудааст. Аммо тавре, ки мо мебинем, вилояти Хатлон бо 1053,78 сомонӣ музди меҳнати миёна дар соли 2020, аз ҳама камтаринро дар сатҳи ҷумҳурӣ таъмин менамояд.

**Ҷадвали 2.3.4.-Ҳаҷми музди миёнаи меҳнат дар минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон ва вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2020**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | соли 2020/2015 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурӣ | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 514,89 |
| Шаҳри душанбе | 1526,64 | 1619,53 | 1800,53 | 1935,30 | 2040,49 | 2080,81 | 554,17 |
| ВМКБ | 701,53 | 796,24 | 917,03 | 1034,72 | 1200,35 | 1347,36 | 645,83 |
| Вилояти Суғд | 696,80 | 774,23 | 1012,97 | 1072,28 | 1182,69 | 1236,26 | 539,46 |
| НТҶ | 832,24 | 901,81 | 968,57 | 1038,24 | 1120,09 | 1192,85 | 360,61 |
| **Вилояти Хатлон** | **645,05** | **714,13** | **843,39** | **913,33** | **998,54** | **1053,78** | **408,73** |
| **Музди миёнаи меҳнати камтарин дар ноҳияҳои вилояти Хатлон** | | | | | | | |
| н.Панҷ | 619,77 | 637,58 | 646,06 | 727,02 | 769,22 | 824,27 | 204,5 |
| н.Муъминобод | 596,62 | 694,40 | 699,16 | 741,29 | 755,16 | 806,94 | 210,32 |
| н.Фархор | 533,53 | 566,92 | 640,19 | 586,65 | 696,36 | 754,45 | 220,92 |
| н.Ш.Шоҳин | 619,78 | 717,49 | 718,91 | 721,76 | 749,55 | 823,23 | 203,45 |

**Ҳисобҳои муаллиф дар доираи Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмуаи оморӣ, С.2017, Маҷмуи омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 1991-2020, С.122**

Музди меҳнати паст, ки боиси набудани талаботи пардохтпазир ба маҳсулотҳои гаронбаҳою инноватсионӣ, махсусан дар ноҳияҳои Панҷ, Муъминобод, Фархор ва Шамсиддин Шоҳин, ки иқтисодёти он асосан аз ҳисоби соҳаҳои кишоварзӣ мебошанд, гардидааст.

Музди миёнаи моҳона дар соли 2020 аз рӯи соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар вилояти Хатлон дар ҷойи 1- фаъолияти молиявӣ, 2 - саноати истихроҷи маъданҳои кухӣ ва коркарди конҳо, 3 – сохтмон, 4 – маориф, 5 - тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ, 6 - нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа, 7 - савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ, 8 -меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо, 9 -кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ қарор дорад.

Музди миёнаи меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон коҳиш наёфта балки дар соли 2020 афзудааст.

**Ҷадвали 2.3.5.-Музди меҳнати миёна вобаста ба соҳаҳо дар вилояти Хатлон барои солҳои 2015-2020**

(сомонӣ)

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Афзоиш соли 2020/2015 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 292,99 | 296,64 | 382,53 | 435,91 | 492,90 | 515,06 | 175,7 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 1696,37 | 1558,78 | 1638,24 | 2050,12 | 1930,25 | 2022,45 | 119,2 |
| Сохтмон | 1274,16 | 1424,59 | 1107,49 | 1287,49 | 1476,93 | 1578,86 | 123,9 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 560,93 | 624,82 | 661,70 | 789,98 | 859,01 | 810,98 | 144,5 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 339,68 | 441,90 | 448,75 | 481,52 | 529,12 | 539,04 | 158,6 |
| Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа | 737,61 | 771,84 | 762,40 | 769,94 | 826,61 | 843,83 | 114,4 |
| Фаъолияти молиявӣ | 1539,51 | 1521,28 | 2074,85 | 2262,40 | 2524,12 | 2612,44 | 169,6 |
| Маориф | 657,37 | 733,03 | 811,12 | 832,93 | 940,34 | 995,85 | 151,4 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 625,89 | 682,35 | 757,34 | 783,47 | 827,74 | 880,76 | 140,7 |

**Ҳисобҳои муаллиф дар доираи Маҷмуи омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 1991-2020С.129-130**

Аммо, афзоиши камтарин дар соаҳҳои Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо (119,2%) ва нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа (114,4%) мушоҳида шудааст. Аз нигоҳи афзоиши музди миёнаи меҳнат ҷолибтарин кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (18,3%) боқӣ мемонад.

Дар маҷмуъ, дар соли 2020 дар таҳкими мавқеъ, қариб ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт нисбат ба соли 2015 ҷаҳиши хеле усутвор мушоҳида мешавад. Ҳангоми муқоисаи мавқеъи соҳаҳо, солҳои 2015 ва 2020 метавон қайд кард, ки вазъи соҳаи маориф ва илм асоси рушди бомуваффақияти бахши инноватсионӣ пас аз соҳаи сохтмон дар ҷои чорум қарор дорад. Тараққиёти соҳаҳои нави прогрессивии саноат на танҳо барои тадқиқоти илмӣ ва конструкторӣ, балки барои системаи маориф, инчунин ба вуҷуд овардани режими хеле мусоидтарини умумидавлатии истеҳсол ва ба фуруш баровардани маҳсулоти нави серталаби илм

бештар маблағ ҷудо карданро талаб мекунад, Зеро раванди инноватсионии ба гуфтаи Янковский К.П. ба «....фаъолияти навоваронаи ҷамъият асос ёфтааст. Раванди инноватсионӣ маҷмуи меҳнати ақлонӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсули нави меҳнат мебошад»[50].

Ҳамин тариқ мушкилоти таъминоти нокифояи молиявӣ дар соҳаи илмро ҷамъбаст намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ҳисса ва сарчашмаҳои ками маблағгузорӣ дар соҳаи илм, бо сатҳи баланди нобаробарӣ дар музди миёнаи якмоҳаи коргароне, ки соҳаҳои иқтисодиёт ва дар донишгоҳҳо таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, мушоҳида мешавад.

Агар натиҷаи фаъолияти илмии муассисаҳои илмиро ба манфиати давлат ва ҷамъият анҷом медиҳанд, ҳисоб кунем, он гоҳ чунин нишондодҳо ба монанди рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, беҳтаршавии некӯаҳволии шаҳрвандон ва сатҳи баланди амнияти миллӣ дар минтақаро мушоҳида менамоем. Инчунин, зуҳуроти муҳими натиҷаҳои таҳқиқоти илмие, ки имрӯз ба даст оварда шудаанд, дар оянда ба манфиати инсоният татбиқ намудани онҳо шуда метавонад.

**Таъминоти нокифояи моддиву техникии илм**

Самаранокии таҳқиқоти илмӣ, рақобатпазирии дастовардҳои олимон ва таҳияи самтҳои ҷустуҷӯии муосир бештар аз мавҷудият ва ҳолати заминаи моддию техникӣ вобаста аст. Саривақт таъмин намудани муҳаққиқон бо навтарин асбобҳо ва дастгоҳҳои илмӣ, мунтазам навсозӣ ва пур кардани парки асбобҳои илмӣ ва ғайра, шароити зарурии таҳияи самтҳои муосири таҳқиқот мебошанд.

Шумораи МТОК-е, ки дар вилояти Хатлон бо таҳқиқоти илмӣ машғуланд, 6 ададро ташкил медиҳад. Аммо мо бинобар сабаби дастнорасии маълумот 4-тои онро дар ҷадвали 2.3.6 пешкаш намудаем.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар соли 2018 арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ 53 711,6 ҳаз.сомонӣ ва хароҷоти миёнаи солонаи мошину таҷҳизот 2 670,8 ҳаз.сомонӣ мебошад. Арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб

---

[50] Янковский К.П. Введение в инновационное предпринимательство. СПб.: Питер, 2004. 189 с.

ба номи А. Рӯдакӣ нисбат ба Донишгоҳи давлатии Данғара 6 маротиба ва Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб 14,3 маротиба зиёд мебошад.

**Ҷадвали 2.3.6.-Таъминоти моддию техникии МТОК-и вилояти Хатлон**

| № | Номгӯи муассисаҳо | Арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосӣ, дар умумӣ (сомонӣ) | Арзиши миёнаи солонаи мошину таҷҳизот (сомонӣ) | Ҳиссаи арзиши мошину таҷҳизот дар арзиши воситаҳои асосӣ (%) | Таҷҳизоти беназир (дона) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | 53 711,6 | 2 670,8 | 5 | - |
| 2 | Донишгоҳи давлатии Данғара | 9 025,5 | 506,4 | 5,61 | - |
| 3 | Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 3 751,0 | 2687,7 | 7, 2 | 8 (1) |
| 4 | ДДБ ба номи Н. Хусрав | - | - | - | - |

**Манбаъ: Иқтидори илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 (маҷмуаи таҳлилӣ). Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот. Душанбе – 2020. С.48 Таҳияи муаллиф**

Бояд қайд кард, ки аз 4 муассисаву ташкилот 1-тоаш таҷҳизоти нодирро истифода мебаранд, аммо дар бораи истифодаи самараноки он маълумоти нокифоя мавҷуд аст.

Умуман, тавре ки маълумоти дар боло овардашуда нишон медиҳанд, таъминоти моддию техникии соҳаи илми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят нокифоя мебошад. Мо имрӯз камчинии мошину таҷҳизоти ҳозиразамонро, ки барои бунёди корхонаҳо заруранд, дар бозори дохилии вилоят низ мушоҳида мекунем. Зеро шумораи корхонаҳои истеҳсолкунандаи мошину таҷҳизоти ҳозиразамон, дастгоҳҳое, ки таҷассуми илму техникаи ҳозиразамон бошанд, дар вилоят ангуштшуморанд, сонияи чунин ҳолатро метавонем аз нуқтаи назари амали унсурҳои механизми бозорӣ маънидод намоем. Ба андешаи мо, арзаи молҳои таъиноти истеҳсолӣ вақте афзоиш мекунад, ки тақозои бозорӣ ба онҳо зиёд бошад. Мавҷудияти чунин тақозо ва нотавонии истеҳсолкунандагони дохилӣ оид ба қонеъсозии он боиси воридшавии чунин молҳо аз хориҷӣ кишвар мегардад ва сиёсати ҳавасмандсозандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба он кумак

мерасонад. Мушоҳидаи воридотӣ боз нишон медиҳад, ки ҳиссаи чунин молҳо дар воридот ночизанд, ҳарчанд ба бозори вилоят аз хориҷа асосан маҳсулоти таъиноти истеҳсоли техникӣ дохил мешавад. Маҳз, ҳамин омилҳо ба ақибмонӣ ва нокофии технологии заминаи моддию техникии вилояти Хатлон, коҳиш ёфтани иқтидори истеҳсолӣ дар натиҷаи фарсуда шудани таҷҳизоти технологӣ (бо самаранокии нокифояи механизмҳои маблағгузории навсозӣ ва системаи номукаммали андозбандӣ) оварда расонд. Ин бешубҳа ба сатҳи пасти рушди неруи илмӣ-техникӣ, ноустувории фаъолияти системаи истеҳсолӣ ва иқтисодиёти минтақаҳои вилоят, ба монанди зиёд шудани хавфи садамаҳо, таъсири манфӣ ба табиат ва ҷомеа, рақобатпазир набудани маҳсулоти минтақа дар бозорҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ оварда мерасонад.

Ба фикри Мирзораҳимов Н.Т. барои беҳтар кардани вазъияти ин соҳа базаи моддию техникиро нав кардан лозим аст. Имрӯз танҳо давлат бо ёрии механизми шарикии давлат ба бахши хусусӣ қодир аст, ки вазъро дар ин соҳа беҳтар созад, бо захираҳои зарурии молиявӣ ва дигар захираҳо таъмин намояд. Дар ин ҳолат тарҳҳои амортизатсионӣ воситаи муҳим буда метавонанд. Таҷрибаи истифодаи тарҳҳои амортизатсионӣ, пеш аз ҳама ба таҷдид ва рушди заминаи моддию техникии соҳаи илм нигаронида шудааст, ки дар навбати худ ба сифати натиҷаҳои таҳқиқот таъсир мерасонад[51].

Ҳамин тариқ, самаранокии КИТТК ва рақобатпазирии коркарди таҳқиқот бевосита аз сатҳи заминаи моддию техникии муассисаҳои илмӣ вобаста аст. Саривақт таъмин намудани олимон бо таҷҳизоти замонавӣ, мунтазам навсозӣ ва пур кардани базаи моддию техникӣ талаботи зарурии рушди инноватсионии иқтисодиёт мебошад.

**Ташаккули нокифояи заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва техникаи инноватсионӣ**

---

[51] Мирзораҳимов Н.Т. / Теоретические аспекты инновационного развития национальной экономики / диссертатсияи илмӣ. - Душаанбе -2020. - С. 81-82.

Яке аз сабабҳои рушди сусти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон, ақибмонӣ дар ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотӣ, ки ба истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотиву коммуникатсионӣ асос ёфтааст, мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, кафедраҳо ва озмоишгоҳҳои мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ бо техникаи компютерӣ нисбат ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд хеле кам муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.(Ҷадвали 2.3.7)

**Ҷадвали 2.3.7.-Нишондиҳандаҳо оид ба техникаи компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон дар соли таҳсили 2020-2021**

| Номгӯи муассисаҳо | Микдори компютер | Компютерҳои дар корӣ синфхонаҳои компютерӣ | Компютерҳо дар утоқи корӣ | Ба интернет пайваст | Синфхонаҳои компютерӣ | Компютерҳои таъмирталаб | Озмоишгоҳ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Таълимӣ | Илмӣ-методӣ ва технопаркҳо |
| МТОК вилояти Хатлон | 2224 | 1099 | 567 | 676 | 55 | 192 | 87 | 15 |
| Бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| ДДБ ба номи Носири Хусрав | 831 | 384 | 202 | 180 | 18 | 85 | 18 | 7 |
| Бо % | 37,0 | 35,0 | 35,6 | 26,0 | 33,0 | 44,0 | 21,0 | 47,0 |
| ДДК ба номи А.Рӯдакӣ | 570 | 250 | 60 | 120 | 15 | 60 | 16 | 3 |
| Бо % | 26,0 | 23,0 | 10,0 | 18,0 | 27,0 | 31,0 | 18,0 | 20 |
| Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон | 137 | 87 | 50 | 25 | 2 | 20 | 24 | 1 |
| Бо % | 6 | 8 | 9 | 4 | 4 | 10,0 | 28,0 | 6,6 |
| Донишкадаи технологӣ ва менеҷмети инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 181 | 103 | 78 | 25 | 6 | 23 | 10 | 2 |
| Бо % | 8 | 9 | 14 | 4 | 11 | 13,0 | 11,0 | 13,2 |
| Донишгоҳи давлатии Данғара | 335 | 176 | 110 | 276 | 10 | - | 15 | 2 |
| Бо % | 15 | 16 | 19 | 41 | 18 | 0,0 | 17,0 | 13,2 |
| Донишгоҳи давлатии тибии Хатлон | 170 | 99 | 67 | 50 | 4 | 4 | 4 | - |
| Бо % | 8,0 | 9,0 | 12,0 | 7,0 | 7,0 | 2,0 | 5,0 | - |

**Манбаъ: Маҷмуи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. - Душанбе, 2021. - С. 208-209**

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) маҷмуи усулҳо, усулҳо ва алгоритмҳои гуногуни ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, пешниҳод ва интиқоли иттилоот барои ҳалли масъалаҳои амалӣ мебошанд. Технологияҳои иттилоотӣ технологияҳое мебошанд, ки ба коркард ва табдил додани иттилоот нигаронида шудаанд. Ҷорӣ намудани ТИК дар соҳаи фаъолияти ҳукумат ба рушди раванди иттилоотии ҷаҳонӣ, бахусус дар соҳаи маориф ва илм мусоидат мекунад. ТИК дар саросари ҷаҳон ҳамчун технологияҳои калидӣ эътироф шудааст ва дар даҳсолаҳои оянда онҳо калиди рушди иқтисод ва муҳаррики асосии пешрафти илмӣ-техникӣ хоҳанд буд. Дар ин бахш маълумот дар бораи хароҷоти ташкилотҳои илмии вилоят барои ҷорӣ ва истифодаи ТИК ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шудааст. Соли 2018 4 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот ҳисобот пешниҳод карданд. Донишкадаи энергетикӣ ва Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон маълумот пешниҳод накарданд.

**Ҷадвали 2.3.8.-Истифодаи ТИК Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| № | Муассиса | Ҳаҷми хароҷот барои ҷорӣ ва истифодаи ТИК (сомонӣ) | Арзиши дастрасӣ ва истифодаи интернет (сомонӣ) | Дигар намудҳои хароҷот (сомонӣ) | Шумораи компютерҳои фардӣ | Шумораи расмии пойгоҳи додаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вилояти Хатлон | 404423 | 79985 | 324438 | 1912 | 9 |
| 1 | ДДК ба номи А. Рӯдакӣ | 327894 | 13456 | 314438 | 543 | - |
| 2 | ДДБ ба номи Н. Хусрав | 28879 | 28879 | - | 875 | - |
| 3 | Донишгоҳии давлати данғара | 43000 | 33000 | 10000 | 334 | - |
| 4 | Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 4650 | 4650 | - | 160 | 9 |

**Манбаъ: Иқтидори илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 (маҷмуаи таҳлилӣ). Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот.-Душанбе – 2020. С. 69-70**

Дар соли 2018 ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят барои истифодаи ТИК ва дастрасӣ ба интернет 404423 сомонӣ маблағ равона карда шуд. Яке аз самтҳои ояндадор дар хидмати иттилоотии фаъолияти илмӣ истифодаи Интернет - системаи умумиҷаҳонии шабакаҳои ягонаи компютерӣ барои нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот мебошад[52].

Аз ҳаҷми умумии маблағҳое, ки ба муассисаҳои вилоят дар соли 2018 ҷудо карда шудаанд, 79985 сомонӣ барои ба даст овардан ва истифодаи интернет сарф шудааст. Ба ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ба маблағи 13456 сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд. Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб маблағи ночиз сармоягузорӣ дорад - 4650 сомонӣ.

Дар соли 2000 дар ҷумҳурӣ шабакаи таълимӣ - TARENA таъсис дода шуд. Ин ташкилоти ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ мебошад, ки дар доираи он 9 кишвари ширкаткунанда (Озарбойҷон, Арманистон, Афғонистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) дастрасии баландсуръат ба интернетро бо нархҳои арзон дастрас кунанд. Ҳадафи асосии ин мусоидат ба афзоиши мубодилаи иттилоот байни муассисаҳои таълимии Қафқоз ва Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар ҳоли ҳозир ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят ба шабакаи TARENA дастрасӣ надоранд.

Танҳо Душанбе ба минтақаи хидматрасонии Интернет аз TARENA шомил аст. Қисми боқимондаи донишгоҳҳо аз ҷумла дар вилояти Хатлон ба ширкатҳои Babylon-T, Мегафон, Tcell пайваст мебошанд.

Айни ҳол рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, майдони иттилоотӣ ҷаҳони виртуалӣ (маҷозӣ) ғайри имкон аст. Зеро захираҳои иттилоотӣ ва қобилияти истифодаи он чун захираи таҳсилотиву иқтисодӣ дар раванди таълим барангезандаи равандҳои инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

52 Гревцева Т.А. Формирование кадрового потенциала образовательных учреждений: личностные результаты // Ценности и смыслы Выпуск. – №2. – 2014. – С. 129-134.

касбӣ мебошад. Аммо раванди компютеркунонӣ ва таҷҳизоти технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба меъёр ва талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Чунон ки аз рақамҳои ҷадвали 2.22 бармеояд, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Хатлон айни ҳол 39 синфи компютерӣ ва миқдори компютерҳо дар ин синфхонаҳо 719 ададро ташкил додааст. Миқдори компютерҳо дар утоқҳои кории муассисаҳо 351 ададро ташкил додааст. Ҳамин тариқ, миқдори умумии компютерҳо 1258 адад мебошад. Аз миқдори умумии компютерҳо танҳо 197 адад бо шабакаи Интернет пайваст асту халос (15,6%). Адади компютерҳои таъмирталаб беш аз 101 адад мебошад.

**Ҷадвали 2.3.9.- Нишондиҳандаҳои ҷиҳати таъмин бо техникаи компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020-2021**

| Номгӯй | Ҳамагӣ | | ВМКБ | | Вилояти Суғд | | Вилояти Хатлон | | Шаҳри Душанбе | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | адад | % | адад | % | адад | % | адад | % | адад | % | адад | % |
| Синфи компютерӣ | 159 | 100 | - | - | 60 | 37,7 | 39 | 25,4 | 34 | 21,4 | 26 | 16,3 |
| Миқдори компютерҳо | 2895 | 100 | - | - | 856 | 29,5 | 719 | 24,8 | 774 | 26,7 | 546 | 18,9 |
| Миқдори компютерҳо дар утоқҳои корӣ | 1219 | 100 | - | - | 350 | 28,7 | 351 | 28,8 | 271 | 22,2 | 247 | 20,2 |
| Миқдори умумии компютерҳо | 5083 | 100 | - | - | 1479 | 29,0 | 1258 | 24,7 | 1328 | 26,1 | 1018 | 20,0 |
| Ба интернет пайваст аст | 1216 | 100 | - | - | 515 | 42,3 | 197 | 16,2 | 379 | 31,2 | 170 | 14,0 |
| Компютерҳои таъмирталаб | 423 | | - | | 120 | 28,3 | 101 | 23,9 | 93 | 21,9 | 109 | 27,5 |

**Манбаъ: Маҷмуи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. - Душанбе, 2021. С. 124**
**Таҳия ва ҳисобҳои муаллиф**

Аз нигоҳи нишондиҳандаҳои болозикр, афзалият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад. Соли 2020 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят 39 синфи компютерӣ

ташкил карда шудааст, ки нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ 25,4%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин нишондиҳанда дар вилояти Суғд 37,7-ро ташкил медиҳад. Миқдори умумии компютерҳо 1258 адад ё 24,7% мебошад.

Ҳамин тариқ, ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотӣ дар ин муассисаҳо нав дар ташаккулёбӣ қарор дорад. Ба андешаи Бурҳонзода З.С. таъмини шароит барои рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат хеле зарур аст. Зеро маҳз онҳо бо масраф намудани маблағи начандон калони ҷомеа метавонанд мутахассисони ҳалқаи миёнаи иқтисодиёти мамлакатро, ки нуфузашон хеле баланд аст, таъмин намояд ва талаботи бозори меҳнатро қонеъ созанд[53].

**Норасоии кадрҳои илмӣ дар вилояти Хатлон**

Агар иқтидори илмию техникии вилояти Хатлонро нигарем дарк карда метавонем, ки онҳо бо мушкилиҳои калон бархурдор шудаанд. Пеш аз ҳама, ин норасоии кадрҳои илмӣ ва сармоя барои тайёр намудани онҳо мебошад. Ин масъала аз бисёр ҷиҳат ба нокифоя будани маблағгузорӣ ба илм алоқаманд мебошад. Ҷиддияти масъала ҳамчунин бо он маънидод карда мешавад, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар вилояти Хатлон ва ноустувории вазъияти бисёре аз кормандони илмӣ ва мутахассисон аз вилоят берун рафтанд ва ҳоло пурра кардани норасоӣ дар кадрҳои илмӣ, хусусан доир ба ихтисосҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ муяссар намешавад. Норасоии мутахассисон дар чунин самтҳои илм, мисли иқтисодиёт, сейсмология, технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, энергетика, металлургия, биологияи молекулярӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия, экология, вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, мантиқ ва методологияи илм, онтология ва гнесология, этика, эстетика, сотсиология, ҳуқуқи байналхалқӣ, таърих ва назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия эҳсос мешавад. Вобаста ба ҳамин, мушкилоти ҷойдошта иқтидори кадрии вилояти Хатлонро дар муқоиса ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ

[53] Бурҳонзода З.С. / Такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини рушди иноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ/ диссертатсияи илмӣ. -Душанбе 2020. - С.83.

дар ҷадвали 2.3.10 дида мебароем.

**Ҷадвали 2.3.10. - Иқтидори илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019**

| № | Минтақаҳои ҷумҳурӣ | 2019 | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олӣ | Шумораи умумии омӯзгорон | Дараҷаи илмидошта | Бо % |
| 1 | Ҷумҳури Тоҷикистон | 31 | 11551 | 3375 | 29,2 |
| 2 | Шаҳри Душанбе | 18 | 7219 | 2351 | 32,5 |
| 3 | в. Суғд | 5 | 1773 | 615 | 34,6 |
| 4 | в. Хатлон | 6 | 2108 | 396 | 18,7 |
| 5 | ВМКБ | 2 | 451 | 49 | 10,8 |

Манбаъ: Бюллетени Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019 №2-3 (10-11).-8-10.
Таҳия ва ҳисобҳои муаллиф.

Аз маълумоти ҷадвал мушоҳида мегардад, ки имрӯз аз лиҳози иқтидори кадрҳои илмӣ дар мадди аввал вилояти Суғд бо 34,36 фоиз, шаҳри Душанбе 32,5 фоиз, вилояти Хатлон 18,7 фоиз ва ВМКБ 10,8 фоиз мебошад. Вилояти Хатлон нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ 10,5 банди фоизӣ кам мебошад.

**Ҷадвали 2.3.11.-Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон ва рейтинги он аз лиҳози иқтидори илмӣ нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2019**

| р/т | Номи муассисаҳо дар вилояти Хатлон | Шумораи умумии омӯзгорон | Шумораи омӯзгорони дараҷаи илми дор | Бо % | Рейтинги муассиса дар сатҳи ҷумҳурӣ аз лиҳози иқтидори кадрӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | 635 | 171 | 26 | 15 |
| 2 | Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон | 83 | 22 | 26 | 16 |
| 3 | Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон | 123 | 28 | 22 | 19 |
| 4 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | 561 | 80 | 14 | 23 |
| 5 | Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 250 | 26 | 10 | 26 |
| 6 | Донишгоҳи давлатии Данғара | 456 | 33 | 7 | 28 |

**Манбаъ: Бюллетени Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019 №2-3 (10-11).-С. (8-10)**

**Таҳия ва ҳисобҳои муаллиф**

Дар вилояти Хатлон аз ҳама иқтидори калони кадриро Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ишғол менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз рӯи иқтидори кадрӣ дар сатҳи минтақа Донишгоҳи давлатии Бохтар дар мадди аввал, аммо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бошад мавқеи 15-умро ишғол намудааст. Донишгоҳи тиббии Хатлон низ бо 26 фоизи иқтидори кадрӣ дар сатҳи ҷумҳуривӣ ҷойи 16-ум ва сатҳи минтақавӣ дар ҷойи 2-юм меистад. Аз ҳама иқтидори камтаринро бо 7 фоиз Донишгоҳи давлатии Данғара ишғол менамояд, ки аз рӯи рейтинг дар вилояти Хатлон мавқеи охиронро ишғол намудааст.

Беҳтарини иқтисодчиён бо он ақида розианд, ки маҳз захираҳои инсонӣ хусусият ва даврҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоии инкишофро муайян мекунанд, на ин ки сармоя ва боигариҳои табиӣ.

Ба ақидаи профессори Донишгоҳи Принстон Фредирик Харбисон: «Захираҳои инсонӣ боигарии асосии кишварҳост. Сармоя ва манобеи табиӣ – омилҳои пассиви истеҳсолот мебошанд; одамон бошанд қисми фаъол (сармояро андӯхт менамоянд, манобеи табиатро истифода мебаранд, ташкилотҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро бунёд мекунанд ва раванди тараққиётро ба пеш мебаранд. Аён аст, ки давлате ки дониш ва қобилияти одамонро инкишоф дода наметавонад ва ба самаранок истифода бурдании онҳо қодир нест ба нокомиҳо, бебарориҳо дар тамоми корҳо мувоҷеҳ мегардад»[54].

**Набудани робитаи зарурии илм бо истеҳсолот.**

Коркардҳои илмӣ-техникӣ ва тавсияҳои амалӣ на ҳамеша ба сатҳи рушди технологияҳои муосир ҷавобгӯ мебошанд. Ҷустуҷӯи шаклҳои нави таъсири мутақобили илм бо истеҳсолот суст ба роҳ монда шудааст. Дархост ба натиҷаҳои таҳиқоти илмӣ аз тарафи истеҳсолот дар сатҳи паст қарор дорад, гузариши соҳаҳои илм ва технология ба роҳи инноватсионии рушд хеле суст мебошад.

[54] Frederik H.Harbison, Human Resources as The Wealth of Nations (N.Y:Oxford University)-2002. P.3

Мушкилотҳои ҳамкорӣ бо институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки онҳоро корхонаҳо муайян мекунанд, ба ду гуруҳ тақсим кардан мумкин аст. Гурӯҳи якуми мушкилиҳо ба вазъияти соҳаи илм теъдоди ками (ҳамагӣ 4 адад дар вилоят) институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ё кадрҳои илмии соҳаи зарурӣ, дахл дорад. Гурӯҳи дигари мушкилот бо хусусияти раванди инноватсионӣ (давом ва марҳилаҳои он, агар навоварии ҷиддӣ гумон карда шавад) вобаста аст. Дар ин сурат бо институтҳои илмӣ алоқаи дарозмуддат барқарор кардан, ҳамкории доимӣ ба боварӣ асос ёфта, захирахои молиявиро пай дар пай пурра кардан лозим аст.

Натиҷаҳои тадқиқоти сифатии муносибатҳои корхонаҳое, ки инноватсиониро ба амал баровардаанд ва муассисахои илмиро чамъбаст намуда, метавон гуфт, ки танҳо дар вилояти Хатлон як чанд корхона (асосан калон) тавонистанд, ки илми дохили кишварро дастгирӣ кунанд ва ба рушди худ такя кунанд. Гуруҳи корхонаҳое, ки ба истифодаи идеяҳои илмӣ-техникӣ нигаронида шудаанд, баробар каманд. Гуруҳи нисбатан калони корхонаҳои инноватсионӣ аз таҷҳизоти куҳна истифода бурда, бо иқтидори хоксоронаи мутахассисони истеҳсолӣ ва технологӣ барои коркарди технологи ё конструктории лоиҳаҳои инноватсионӣ қаноатманд буда, барои пардохти хизмати институтҳои илмӣ маблағи кофӣ надоранд.

Ба андешаи мо интихоби дурусти стратегияи дастгирии илм ва сиёсати оптималии маблағгузорӣ шарти муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мебошад.

Ҳамин тавр, ба вуҷуд овардани шароити дар боло зикршуда гарави ҳамкории бомуваффақияти илм ва истеҳсолот дар марҳалаи ҳозира мебошад.

**Нокифоягии маълумотҳои оморӣ дар самти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа**

Самаранок набудани системаи баҳисобгирӣ ва мониторинги минтақавӣ, аз ҷумла нопурра ва нокифоягии маълумот дар асоси системаи омори солонаи вилояти Хатлон, ки аз ҷониби Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон омода карда мешавад оид ба масъалаи

илм ва инноватсия маълумот ҷойгир карда нашудааст. Ҳоло он, ки ин масъала ҳамасола дар омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Ба андешаи мо, дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия ба манфиати кор хоҳад шуд. Дар ҳамин ҳол, арзёбии сатҳи рушди инноватсионӣ ва устувории минтақа муҳимтарин ҷузъи механизми гузариш ба чунин рушд буда, он имкон медиҳад, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва воситаҳои онро барои тақвияти ин раванд танзим намояд.

Умуман, ҳамаи мушкилоти сершумори рушди минтақавӣ, ки дар ин ҷо оварда шудаанд, ба дараҷаи муайян ба устувории иқтисодиёти вилояти Хатлон таъсир мерасонанд ва талаб мекунанд, ки дар асоси шароит ва захираҳои мавҷуда андешидани баъзе чораҳо муайян карда шавад. Пеш аз ҳама, бояд системаи муассири муносибатҳои илмӣ-техникии инноватсионӣ, мустақилияти минтақаҳо дар татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ ва буҷавӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва муҳити зисти онҳо, инчунин ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангсозии муассир бо мақсади татбиқи консепсияи устувор, бо дарназардошти хусусиятҳои мушаххаси минтақавӣ ва имконоти мавҷуда таъсис дода шавад.

Аммо барои муваффақ шудан ба мақсадҳои инкишофи илму техника ҳал кардани вазифаҳои зерин зарур аст:

- дастгирии давлатии рушди илм ва гузаронидани ислоҳоти идораи давлатӣ дар соҳаи илм;

- ворид кардани тағйирот ва тасҳеҳот дар муқаррар намудани мақоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мувофиқсозии сохтори онҳо;

- муайян кардани самтҳои афзалиятдоштаи илм, мутамарказ гардонидани қувваҳои илмӣ ва воситаҳои моддиву техникӣ ба ин самтҳо;

- мутамарказ гардонидани неруи илмӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоят;

- ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқот аз руи самтҳои навтарини илм;

- ташаккул додани инфрасохтори инноватсионӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи илм ва технологияҳо, фароҳам овардани шароит барои тиҷоратӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқот;

- инкишофи заминаи моддиву техникии илм;

- ҳамгирой (интегратсия)-и бахшҳои илмҳои академӣ, соҳавӣ ва мактабҳои олӣ;

- тайёр намудани кадрҳои илмӣ;

- инкишоф додани инфрасохтори иттилоотии муосир дар асоси истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотиву коммуникатсионӣ;

- инкишоф додани заминаи моддиву техникии нашри асарҳои илмӣ;

- тавсиа бахшидани ҳамкориҳои илмӣ ва технологии байналхалқӣ ва баланд бардоштани самаранокии он.

**Хулосаи боби дуюм:**

Дар маҷмуъ аз ҷамъбасти боби мазкур чунин хулосаву пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Ташкил ва зиёд намудани муассисаҳои таҳсилотӣ олии касбӣ, ки бевосита ба беҳтаршавии иқтидорӣ илмӣ-техникӣ дар вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Таҳлилҳои маълумотҳо аз соли 2015-2016 то соли 2019-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 105,2% афзоиш ёфтааст, ки ин афзоиш дар вилояти Хатлон 1 адад ва дар ВМКБ 1 адад мебошад. Ба андешаи мо, ҳоло таъсиси ҳадди ақал 4 муассисаи олии дигар дар вилоят заруратро пеш овардааст. Илова бар ин, ташаккули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар зерсистемаи инноватсионӣ на танҳо ба ҷумҳурӣ, балки ба минтақаҳои он таъсир мерасонад.

2. Афзоиши рушди иқтисодӣ ва иқтидори кадрҳои дараҷаи илми дошта дар ҳар як муассиса муҳимтарин нишондиҳанда мебошад. Маълумоти пешниҳодшуда ва таҳлилҳои гузаронидаи мо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз шумораи умумии кормандон 4649

(100%) кормандони илмӣ 405, яъне 9,4-ро ташкил медиҳанд. Шумораи умумии омӯзгорон дар МТОК дар соли таҳсили 2020-2021 2126 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 17,1 фоизро омӯзгорони дорои дараҷаи илми дошта мебошад. Ҳамин нишондод дар сатҳи МТМК-и вилоят бошад дар соли таҳсили 2020-2021 1,6%-ро ташкил медиҳад. Ногуфта намонад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят омӯзгорони дараҷаи илми дошта ба мушкилоти асосӣ мубаддал гаштааст. Аз рӯи баҳодиҳии самаранокӣ ва рейтинги пешсаф муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар вилояти Хатлон буда аз рӯи блокҳои алоҳида мавқеи хеле баланд дорад: «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» – ҷойи 1-ум; «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав» - ҷойи 2-юм, « Донишкадаи энергетикиии Тоҷикистон» - ҷойи 3-юм ва миёни муассисаҳои таҳсилотӣ миёнаи касбӣ бошад «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён» ҷойи 1-ум қаррор дорад. Аз рӯи баҳои умумии интегралӣ ба дараҷаи «паст»-и иқтидори илмӣ илмию техникӣ Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб мебошад. Аз таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, ки дар вилояти Хатлон мушкилоти кадрӣ ҳанӯз ҳалли худро пайдо накардааст, ки ин омил ба андешаи мо, дар самти тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат монеи ҷиддиро пеш меорад. Ба ҳамин хотир такмили системаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ, мутобиқ ба эҳтиёҷоти воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, дастгирӣ ва рушди мактабҳои илмии олимон, ки бевосита барои омода намудани омӯзгорони дараҷаи илмидошта машғул мебошанд, ҳамгироии илму маориф, ташаккули системаи ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби мутахассисони ҷавон ба соҳаи илм ва маориф, таъсиси Шурои диисертатсионии иловагӣ, бо назардошти зарурат ва ҷой доштани иқтидори илмӣ дар дигар муассисаҳои олии вилоят зарур мебошад.

3. Таҳлилҳо нишон дод, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он 42 маҷаллаи тақризшаванда мавҷуд мебошад, ки дутои он ба вилояти Хатлон рост меояд, ки ин нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз ҷумла вилояти Суғд, (4 адад маҷаллаи илмӣ) кам мебошад. Агар мақола, гузориш ва фишурдаҳои илмӣ дар

соли 2016 ба 1511 адад бошад, ҳамин нишондод дар соли 2020 ба 2291 адад расида, афзоиши он 151,6 фоиз баробар гаштааст. Барқарор намудани таълими мақсадноки мутахассисон дар доираи аспирантура, инчунин барои ба даст овардани таҷрибаи амалӣ ба аспирантҳо барои иштирок дар лоиҳаҳои таҳқиқотии кафедраҳои донишгоҳҳо тавсеа ва дастгирии иловагии моддӣ-молиявӣ, инчунин пешниҳоди имтиёзҳое (грантҳо, қарзҳо), ки барои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ шароит муҳайё мекунанд аз қабили зиёд намудани маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ДДК ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара барои нашри мақолаҳои илмӣ, ба роҳ монда шавад.

4. Мушкилоти сершумори рушди минтақавӣ, ба дараҷаи муайян ба устувории иқтисодиёти вилояти Хатлон таъсир мерасонанд ва талаб мекунанд, ки дар асоси шароит ва захираҳои мавҷуда андешидани баъзе чораҳо муайян карда шавад. Пеш аз ҳама, бояд системаи муассири муносибатҳои илмӣ-техникии инноватсионӣ, мустақилияти минтақаҳо дар татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ ва буҷавӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва муҳити зисти онҳо, инчунин ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангсозии муассир бо мақсади татбиқи консепсияи устувор, бо дарназардошти хусусиятҳои мушаххаси минтақавӣ ва имконоти мавҷуда таъсис дода шавад.

# БОБИ 3.
# ТАКМИЛДИҲИИ РОҲҲОИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.4. Таъмини инкишофи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон

Дар ин зербоби мазкур, ки дар зербоби 2.3 ифода ёфтаанд, масъалаҳои бартараф намудани мушкилотҳои ошкоршударо мавриди баррасӣ ва пешниҳод қарор медиҳем. Зеро ҳалли мушиклот аз сабаби аҳамияти хосаашон барои рушди бемайлони иқтисодиёт ва ҷомеа муҳим мебошанд, чунки онҳо ба баланд шудани сатҳи зиндагии мардум аз ҳисоби омилҳои афзоиши ҳосилнокии меҳнат, кам шудани дараҷаи нисбии истеъмол ва зиёд кардани самараи истифодаи сарватҳои бебозгашти табиӣ мусоидат мекунанд.

Гуфтан мумкин аст, ки дигаргуниҳои куллӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон дар шароити Ковид-19 зарурати пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилот ва идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ, барномаҳо ва лоиҳаҳои калони илмию техникиии инноватсиониро дар шароити нави имрӯза ба миён мегузоранд. Рушди афзалиятноки соҳаҳои муосири доништалаб, ки асоси рушди иқтисодӣ мебошанд, нисбат ба сифати пешгӯиҳои дарозмуддат ва қарорҳои идоракунӣ талаботи қатъӣ ба миён мегузорад, ки оқибатҳои онҳо ҳам барои корхонаҳои алоҳида ва ҳам барои корхонаҳо аҳамияти стратегӣ дошта умуман иқтисодиёти мамлакат аҳамияти калон дорад, ки мо онро дар расми 3.1.1. тасвир намудаем.

Ба андешаи мо барои бартараф намудани мушкилоти таъминоти нокифояи молиявӣ дар соҳаи илм, ин тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионии филиалҳои институтҳои илмӣ ва донишгоҳу донашкадаҳои вилоят, ҷалби бештари грантҳо, сиёсати андоз ва дасггирии иҷтимоии кормандони соҳаи илм, такмили механизмҳои маблағгузорӣ мусоидат менамояд, ки ҳар яки онро ба таври алоҳида баррасӣ менамоем:




**Расми 3.1.1.-Роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

- **тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионии филиалҳои институтҳои илмӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои вилоят**. Афзоиши таваҷҷуҳ ба истифодаи маҳсулот ва технологияҳои нав дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, ки дар натиҷаи кашфиётҳои илмӣ ва ихтирооти олимон пешниҳод мешавад барои тавсеаи фазо ва имкониятҳои мубодилаи иттилоот ҷиҳати истифодаи фаъолонаи неруи илмию инноватсионии онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон шароит фароҳам меорад. Маҳз татбиқи амалӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти тадқиқотӣ, асоси инноватсия буда, мушкилоти дарёфти субъекти рушди инноватсиониро тезутунд мегардонад. Дар айни замон, дар доираи « Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» низ яке аз самти рушди марказҳои милли корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию лоиҳакашӣ дар «....тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ»[55] пешбини гардидааст. Аҳамият ва самаранокии иқтисодии идоракунии раванди тиҷоратӣ дар афзоиши даромад аз фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишгоҳ аз ҳисоби такмили ташкилии шароит барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ дар донишгоҳ, методӣ, иттилоотӣ ва меъёрӣ, дастгирии равандҳои тиҷоратӣ, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии донишгоҳ, рушд ва таҳкими шабакаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Ба андешаи Владкин А.А. «....набудани робитаи дурусти тиҷоратӣ бо амалия, системаи самараноки истифодаи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ на танҳо ба рушди мактабҳои илмӣ таъсири манфӣ мерасонад, балки боиси кам шудани такрористеҳсоли кадрҳои илмӣ-тадқиқотӣ, неруи интеллектуалии мактабҳои олӣ, нарасидани ғояҳои нав ва коркардҳои тадқиқотӣ мегардад»[56].

[55] Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С.46

[56] Владыкин А.А. / Коммерциализация научных разработок как результат инновационной деятельности и способ дополнительного финансирования высшего учебного заведения/ экономический наук С. 221 file:///C:/Users/%D0%A4/Downloads/kommertsializatsiya-nauchnyh-razrabotok-kak-rezultat-innovatsionnoy-deyatelnosti-i-sposob-dopolnitelnogo-finansirovaniya-vysshego-uchebnogo-zavedeniya.pdf

Ҳамин тариқ, системаи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, шарти хуби рушди фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки татбиқи самараноки коркардҳои илмиро дар иқтисодиёти минтақа таъмин менамояд.

- **пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ.** Дигар роҳҳи бартараф намудани мушкилоти кадрҳои илмӣ ин ҷорӣ намудани имтиёзҳои андоз барои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии фаъолияти илмӣ мебошад. Маҳз ҳамин масъала низ дар Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, ба сифати воситаҳои асосии татбиқи сиёсати рушди инноватсионӣ дар сатҳи минтақаҳо «... пешниҳод намудани имтиёзот аз рӯи андоз аз фоида ба муассисаҳо, ташкилотҳо ва андоз аз молумулки муассисаҳо ва ташкилотҳо[57] низ пешниҳод гардидааст. Ин тадбирҳо шароити умумиро барои рушди муассисаҳои илмӣ-техникӣ фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, низоми андозӣ барои дастгирии фаъолнокии инноватсионии муассисаҳои илмӣ-техникӣ ҳамчун андозсупорандагон нақши бузург мебозад. Хусусан, он ба андозсупорандаи пурарзиш вақте мубаддал мешавад, ки онҳо ба фаъолияти тиҷоратӣ гузарад, яъне вақте ки тиҷорикунонии истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳо, хусусан, хизматрасонии инноватсиониро амалӣ месозад. Дар чунин шароит низоми андозӣ шароитро барои зиёдшавии талабот ба хизматрасониҳои инноватсионӣ эҷод карда, ангезаҳо дар муосиркунонии равандҳои истеҳсолот ва пешниҳоди хизматрасониҳо, сармоягузориҳо ба технологияҳои нав фаъолнок мешаванд. Бинобар ин, барои он ки мушкилоти соҳаи илми вилоят ҳал карда шавад, пешниҳоди имтиёзҳои андозиро зарур мешуморем:

- доир ба андоз барои фоида ё даромад коэффитсиенти баландшудаи хароҷот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тарҳ карда шавад;
- додани қарзи андозӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- пешниҳоди таътилҳои андозӣ барои он муасссиаҳое (андозсупорандагоне), ки корҳои илмӣ таҳқиқотиро амалӣ месозанд;
- қарзҳои андозии хусусияти сармоягузоридошта барои сармоягузориҳо ба

[57] Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020. С.46

таҷҳизоти баландтехнологӣ.

- **ҷалби бештари грантҳо барои корҳои илмӣ-тақиқоти дар вилояти Хатлон**. Дар айни замон яке аз муҳимтарин вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон ташаккули муҳити илмӣ ва таълимӣ мебошад. Ҳалли ин масъала бе дастгирии молиявӣ имконнопазир аст. Воситаҳои бо пул таъмин кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ бояд самарабахштар бошанд, ки боздеҳи маблагғузориро ба илм зиёд кунанд. Маблағгузории грантӣ метавонад яке аз чунин воситаҳо бошад. Чунки грантҳои илмӣ маблағҳое мебошанд, ки ба олимони ҷавон, донишҷӯён, аспирантҳо барои тадқиқоти илмӣ, корҳои конструкторӣ ва татбиқи лоиҳаҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ҷудо карда мешаванд. Дар рафти таҳлилҳо маълум намудем, ки аз сабаби кам будани маблағгузорӣ барои рушди илм дар вилоят, боиси пароканда шудани маблағҳо ва паст шудани самараи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ  дар вилояти Хатлон боис мегардад. Ба андешаи мо, дар айни замон ин восита як самти бошиддат инкишофёбандаи дастгирии давлатии соҳаи илм мебошад.

Ғайр аз ин «Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои  давраи то соли 2030» барои беҳтар намудани иқтидори илмиро дар «..модернизатсияи сиёсати кадрии бахши миллии таҳқиқотҳо ва ихтироот ҳамчунин истифодаи чунин механизмҳои ҷалбсозӣ ва дар илм нигоҳ доштан ва навъҳои инноватсионии фаъолияти мутахассисони ҷавонро, ба монанди банақшагирии маснади илмӣ, ҷорӣ намудани системаи грантҳои инфиродӣ барои олимони ҷавон, ҳавасмандгардонии онҳо, инчунин пешниҳоди қарзҳо ва маблағгузории венчурии татбиқи ихтирооти шахсӣ дар бар мегирад[58]». Аз ин лиҳоз, дастгирии тадқиқоти илмӣ вазифаи принсипан муҳими давлат мебошад, зеро маблағгузории илм ба рушди соҳа мусоидат мекунад.

Дигар ин, ки грантҳо як самти муҳими маблағгузории тадқиқоти фундаменталӣ мебошанд. Шаффофияти истифодаи онҳо аз ҷониби системаи

[58] Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои  давраи  то соли 2030. С.34

экспертизаи мустақил ҳангоми интихоби ғолиб кафолат дода мешавад. Барои интихоби мутахассисон аз ҳисоби олимони дорои салоҳияти соҳаи баррасишаванда таъсис додани гурӯҳҳои экспертӣ бамаврид аст.

Дар хотима бояд қайд кард, ки бо шарофати ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар байни тадбирҳои дастгирии давлатӣ ҷойи махсусро ишғол намуда, дорои иқтидори тавонои ҳавасмандкунандаи ҳуқуқӣ буда, ба рушди фаъолияти нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва беҳтар шудани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон мусоидат мекунанд.

Натиҷабахшии таҳқиқоти илмӣ ва афзалиятҳои он, рақобатпазирии коркардҳои олимон аз бисёр ҷиҳат ба ҳолат ва модернизатсияи заминаи моддиву техникӣ, таъмини муҳақиқон бо навтарин асбобу таҷҳизот, мунтазам нав ва пурра кардани маҷмуи асбобҳои илмӣ ва монанди инҳо вобаста мебошад. Бар асари воқеаҳои маълум дар Тоҷикистон дар понздаҳ соли охир имконият ба дастгирии илмӣ ҷиҳати модернизатсияи заминаи моддиву техиикии илм ва навсозии маҷмуи асбобҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имкон надошт. Дар айни замон дар вилоят шароити бештари мусоид барои дастгирии молиявии рушди заминаи моддиву техникии илм вуҷуд дорад. Бо дарназардошти ин, пеш аз ҳама, барои рушди соҳаи таҳқиқоти илмӣ, базаи моддию техникӣ, нав кардани парки асбобҳо ва таҷҳизот, таъмири иншоотҳои бузурги илмӣ – институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, марказҳои илмӣ, кафедраҳо ва лабораторияҳои таҷрибавии мактабҳои олӣ, расадхонаҳо, пойгоҳҳои зилзиласанҷӣ, боғҳои ботаникӣ, пойгоҳҳои биологӣ ва кишоварзӣ, парваришгоҳҳо, осорхонаҳо ва муҳимтар аз ҳама, таҳияи стратегияи таъмини базаи моддию техникӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ барои солҳои 2022-2030 дар вилояти Хатлон, лозиманд. Азбаски стратегияи таъмини базаи моддию техникӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон вуҷуд надорад, қарорҳо оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ асосан дар асоси хоҳиши ва зарурати роҳбарон, бе омузиши дурусти лоиҳакашию иқтисодӣ ва алоқаи лоиҳаҳо бо ҳамдигар қабул карда мешаванд.

Ба андешаи Бабкина, О. Н. «..навсозии заминаи моддию техникӣ барои корхонаҳое, ки дар соҳаи илм, техника ва инноватсия амалкунанда, яке аз самти рушди инфрасохтори инноватсионӣ мебошад»[59].

Татбиқи тавсияи пешниҳодшуда ба муассисаҳои илмии вилоят имкон медиҳад, ки дар муддати кутоҳ сарфаи калон ва самараи бештар дар раванди таъминоти моддию техникиро ба даст оранд. Дар ниҳояти кор, ин дар афзоиши иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа, кам шудани хавфи истеҳсолоти асосӣ ва баланд шудани рақобатпазирии тиҷорати корхонаҳо зоҳир гардад.

Бо мақсади ташаккул додани шабакаи иттилоотӣ бо пайвастан ва ба шабакаи байналхалқии иттилоот ИНТЕРНЕТ баромадани ҳамаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии вилоят низ аҳамият дорад. Барои амалӣ кардани ин мақсад бо миқдори кофии компютерҳо ва техникаи дигари иттилоотӣ таъмин намудани институтҳо, лабораторияҳо ва кафедраҳо зарур аст. Дар натиҷа ба гирифтани иттилооти илмӣ аз давлатҳои дигар, марказҳои илмӣ, китобхонаҳо ва монанди инҳо имконият фароҳам меояд. Ҳамчунин таъсиси китобхонаҳои махсусгардонидашудаи электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ ва базаҳои иттилоотии маълумот доир ба самтҳои алоҳидаи илм бояд амалӣ гардад.

Бо мусоидати Ассосиатсияи тоҷикистонии истифодакунандагони шабакаҳои компютерии академӣ, таҳқиқотӣ ва таҳсилотии институтҳои академӣ ва мактабҳои олӣ ба истифодаи системаи алоқаи оптикӣ-нахии муосир гузаронида мешаванд.

Дар амалияи илмӣ татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии насли нав тайёр кардани мутахассисони баландихтисосро дар мактабҳои олӣ ва ба тартиб даровардани системаи тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони илмӣ ва мутахассисонро дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ талаб мекунад.

---

59 Бабкина, О. Н. Направления развития региональной инновационной инфраструктуры / О. Н. Бабкина. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2012. — № 1 (36). — Т. 1. — С. 91-93. — URL: https://moluch.ru/archive/36/4111/ (дата обращения: 17.02.2022).

Дар баробари тараққӣ додани коммуникатсия ва технологияҳои компютерӣ таваҷҷуҳи зарурӣ ба дастгирӣ ва таҳкими заминаҳои иттилоотии анъанавии илм - китобхонаи илмӣ бояд дода шавад. Дар солҳои охир, тавре ки маълум аст ба китобхонаҳои илмӣ ворид гардидани адабиёти махсуси илмӣ аз давлатҳои дигар якбора кам гардид. Мубодилаи байналхалқии байни китобхонаҳо дар сатҳи паст қарор дорад, барои бо нашрияҳои нави илмӣ пурра кардани китобхонаҳо хеле кам маблағ ҷудо мешавад.

Инкишофи илму техника дасггирии китобхонаҳои илмӣ ва пурра кардани фондҳои адабиёти илмӣ, ба базаи маълумот пайвастани нашриётҳои пешсафи илмӣ ва маҷаллаҳо, дастгирии нашри асарҳои илмӣ, адабиёти иттилоотиву маълумотӣ, дастурҳои илмиву методиро пешбинӣ мекунад.

Тавре, ки таҳқиқгарон Надуткина И. Э., Конев И. В. Дар таҳқиқотҳои худ қайд намудаанд «....ба рушди инфрасохтори иттилоотии сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳо бояд таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад. Ин боиси баланд шудани самараи кори институтҳои илмӣ ва лоихакашӣ ва талабот ба технологияи нав, зиёд шудани талабот ба таҳқиқотҳоии дахлдори инновасионӣ мегардад[60].

Ба андешаи мо, ҳангоми истифодаи технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ илмро аз қафомонӣ домангир мешавад. Дигар ин, ки мавҷудияти чунин мушкилот ба нашри шумораи ками монографияҳо, маҷаллаҳои илмӣ, маҷмуи мақолаҳо оварда расонда, коркард ва таҳқиқоти олимони вилояти Хатлон, баромади саривақтиро ба фазои ҷумҳуриявӣ, байналхалқии илмиву иттилооотӣ намеёбанд, комёбиҳои илмӣ афзалияти худро гум мекунанд, ки ин албатта ба сатҳ, сифат ва самаранокии таҳқиқоти анҷомшаванда таъсири манфӣ расонида метавонад. Тавре ки мо қаблан қайд кардем, дар сатҳи ҷумҳурӣ барои ҳалли мушкилотҳо як қатор барномаҳо ва стратегияҳое қабул карда шудаанд, ки ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ, гузариш ба рушди инноватсионӣ ва бо ин вазифаҳо алоқамандии зич ба рушди технологияҳои иттилоотӣ нигаронида шудаанд.

---

[60] И. Э. Надуткина И. В. Конев / Стратегия информационной поддержки инновационных процессов в регионе/ Научныи. ведемости Серия Философия. Социология. Право. 2010. № 2 (73). Выпуск 11. С.82

Мушкилотҳои мавҷуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кори ба амал баровардани барномаҳои қабулшудаи давлатиро пурзур кардан зарур аст. Дар ин кор бояд се тарафҳои асосӣ манфиатдор бошанд ва фаъолона иштирок намоян: давлат, соҳибкорон ва истифодабарандагон (муштариён, шахсони воқеӣ). Барои ноил шудан ба муваффақият на танҳо соҳаи ТИК-ро инкишоф додан лозим аст, балки истифодаи онҳоро пурзӯр кардан лозим аст ва вилояти Хатлон, бешубҳа, дар ин масъала имконоти бузург дорад.

Муайян намудани хусусиятҳои асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, ки ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он таъсири ҷиддӣ мерасонад, ин мавҷудияти мушкилоти кадрҳои илмӣ мебошад, ки ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ мебошад. Ҳалли мушкилоти бо кадрҳо таъмин намудани муассисаҳои илмӣ ва олии вилоят танҳо бо талошҳои якҷояи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, олӣ ва корхонаҳо имконпазир аст. Дар иртибот ба ҳамин мушкилоти ошкоршуда ба андешаи мо, аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқотчиёне, ки аз муасисаҳои илмӣ ва олии минтақаи вилояти Хатлон дар назди Шӯроҳои диссертатсионӣ, дифои рисолаи илмӣ менамоянд, то як муддати муайян (5-сол) ҷорӣ намудани коефисиент, роҳҳи ҳалли мушкилот мебошад. Дар ин бобат Рубан Д. А қайд намудааст, ки «....зарурати тайёр кардан ва бозомузии кадрҳои илмӣ ба воситаи муассисаҳои илмӣ ва олӣ, инчунин ташаккули базаи захираҳои кадрҳо шарти зарурии инкишофи самарабахши механизми идоракунӣ дар минтақа шуда метавонад»[61].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар сурати татбиқи ин тадбирҳои пешниҳодшуда, иқтидори кадрии вилоят ба суръатбахшии таҷдиди техникӣ ва технологӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ муяссар гардида, афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва ҳаҷми маҳсулоти инноватсиониро дар вилоят таъмин менамояд. Инчунин умедворем, ки дарки моҳият ва миқёси мушкилоте, ки дар

---

[61]Рубан Д. А. Пространственная динамика региональной инновационной активности в России: анализ основных трендов // Известия ВУЗов. Серия Экономика, финансы и управление производством. № 3 (25). 2015. С. 42-47.

вилояти Хатлон дар робита ба мушкилоти кадрӣ, ба вуҷуд омадааст, имкон медиҳад, ки дар ояндаи наздик барои ташаккули он тадбирҳои самарабахши сиёсати давлатии илмию техникӣ ва инноватсионӣ дар шароити вазифаҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ заминаи муносибтаре фароҳам оварад.

Дар шароити муосир самти муҳимтарини такмили идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ барои рушди иқтисодиёти инноватсионии вилояти Хатлон ин ҳамкории илму маориф бо истеҳсолот мебошад. Ин шарт ва омили пайгиронаи тамоми чорабиниҳо дар соҳаи рушди ҳамкории маориф ва илм бо равандҳои баланд бардоштани сифати таълим, ташаккули сохтори касбӣ ва тахассусии кадрҳо, афзоиши саҳми илму маориф дар халли масъалахои зиёд кардани самараи истеҳсолот мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти ин вазъият, сохторҳои ваколатдори идоракунандаи минтақа зарур аст, ки ба амиқтар кардани ҳамкории байни маориф, илм ва истеҳсолот хамчун омили рушди иқтидори илмӣ-техниии инноватсионӣ дар минтақа чораҳои зарурӣ андешанд. Моҳияти иқтисодии чунин ҳамкориҳои мутақобила дар он аст, ки зарурати таълими инноватсионӣ ҳамчун раванди мақсадноки рушди кормандон ва коллектив, ки ба табдил додани идеяҳо, кашфиётҳо, ихтироот ба навовариҳои иқтисодӣ нигаронида шудааст, иборат аст. Ин таҳсилот ба таври умумӣ маҷмуи марҳилаҳои пай дар пайи ба ҳам алоқаманди ба даст овардани донишҳои нав ва дар заминаи онҳо эҷоди маҳсулоти (хизматрасонии) нав муайян карда мешавад[62].

Мақсади ниҳоии ҳамкории илм - истеҳсолот бояд на танҳо таъсиси субъектҳои хоҷагидори мушаххас барои самараноктар гузаронидани фаъолияти таҳқиқотӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ, балки таъмини татбиқи фаъолияти маҷмуи институтсҳои илмӣ, инноватсионӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ба манфиати рафъи буҳрони иқтисодиёт, таназзули истеҳсолот, таҷдиди сохтори он, таҳкими рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа бошад.

---

62 Алиев М. А., Манатлова Ф. И. Инновационное образование как фактор развития человеческих ресурсов // Известия Дагестанского государственного педагогического университета. Общественные и гуманитарные науки. № 2, 2013.

Аз ин рӯ, дар иқтисодиёти минтақа корхонаҳо, ташкилотҳое, ки бо равандҳои инноватсионӣ ва таҳсилоти инноватсионӣ алоқамандандд, на фақат иттилооти дар сарчашмаҳои сершумор парокандашуда, балки ба чунин маълумоте эҳтиёҷ доранд, ки дар бораи дастовардҳои илму техника ва навовариҳои соҳаи муайяни илм,  маълумоти техникию иқтисодӣ, бозорӣ ва тиҷоратӣ, оморӣ дар бораи инноватсионӣ, хусусиятҳои маҳсулоти саноатӣ, масолеҳ, моддаҳо ва ғайра мавод дошта бошанд. Фақат дар сурати мавҷуд будани чунин захира, таъминоти иттилоотии самарабахши фаъолияти инноватсиони, ки ин асоси ҳамкории амиқи маориф, илм ва истеҳсолот мебошад дар минтақа имконпазир мегардад.

Бо мақсади таъсис ва истифодаи самараноки чунин манбаи иттилоотӣ пешниҳод менамоем, ки сохтори идоракунии татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа дар ибтидо бо унсури нав – таъсиси Марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон пурра карда шавад. Вазифаи асосии чунин марказ ҷустуҷу, хоста гирифтан, ба низом даровардан ва тавсия намудани истифодаи навоварон, технологияи нав, техника, таҷҳизот, масолеҳ дар иқтисодиёти минтақа мебошад. Ҳамин тавр, шаклу усулҳои нави инкишофи хамкории маориф, илм ва истеҳсолот кушода мешаванд.

Барои дақиқ ва мушаххас будани корҳое, ки дар сохтори Маркази таълими инноватсионӣ амалӣ мешаванд, зарур аст, ки 2-3 нафар мутахассисони соҳаи иқтисод, менеҷменти стратегӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, таҳлилгари тадқиқотӣ ба кор қабул карда шавад.

Чунин кормандон бояд дар асоси озмун дар назди мақомоти ваколатдори соҳа дар минтақавӣ бо ҷалб намудани олимони филиали институтҳои илмии вилоят, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, соҳибкорону корчаллонҳои пешқадам ташкил карда шаванд. Муҳим он аст, ки ин кормандон метавонанд барои бунёди инфрасохтори мавзеъҳои сармоягузорӣ дар чор ҳадафи стратетгии ҳукумат дар сатҳи минтақаҳо замина гузоранд.

Илова бар ин, имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна, институҳои илмӣ ва корхонаҳо ба таъминоти илмию техникӣ, иттилоотию инноватсионӣ ва

таълимӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок суст ҷалб карда мешаванд. Ин тафовут махсусан дар марҳилаи ибтидоии татбиқи лоиҳа, ки дар он ҷо ҳамкории байни маориф, илм ва истеҳсолот бояд бевосита ба амал бароварда шавад, равшан ва ба назар намоён мегардад. Ҳангоми татбиқ дар интихоби лоиҳаҳо, технологияҳо, маводҳо, усулҳо, воситаҳо ва самаранок сафарбар намудан ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тағйир додан зарур аст, ки дар амалишавии ин ҳадаф Маркази таълими инноватсионии вилояти Хатлон мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, Маркази таълими инноватсионӣ ҳам унсури нави сохтори идоракунӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки инноватсионӣ, барои рушди иқтидори илмӣ-техникӣ, ки дар навбати худ, ба рушди иқтисодиёти минтақа таъсири мусбат мерасонад мебошанд.

Яке аз роҳҳои инкишофи илму технология аз он иборат аст, ки ҳамкории филиалҳои институтҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят бо сатҳи ҷумҳуриявӣ тақвият дода шавад. Ба ақидаи Андреев Ю.Н. «… ҳамкории байниминтақавӣ оид ба гузаронидани тадқиқоти илмӣ барои эҳтиёҷоти рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо»[63] яке аз самтҳои асосии ҳамкории марказ бо минтақаҳо дар сиёсати илмию техникӣ мебошад.

Ин ҷо ҷалби кормандони пешбари илмии академӣ ба кор дар асоси ҳамкориҳо дар мактабҳои олӣ барои анҷом додани таҳқиқоти муштарак, хондани лексияҳо ва роҳбарӣ ба аспирантон, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар мадди назар аст. Донишӯён барои ҷалб шудан ба кори илмӣ ва гузаронидани таҳқиқот дар филиали институтҳои академӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои вилоят имкониятҳои бештар ба даст меоранд. Зарур аст, ки шаклҳои хеле гуногуни ҳамкории бахшҳои академӣ ва мактабҳои олӣ истифода шаванд. Аз ин нуқтаи назар ташаббуси Муассисаи давлатии таълимии

[63] Андреев Ю.Н. / Потенциал взаимодействия регионов и федеральных органов власти в научно-технической сфере / С.334
file:///C:/Users/%D0%A4/Downloads/potentsial-vzaimodeystviya-regionov-i-federalnyh-organov-vlasti-v-nauchno-tehnicheskoy-sfere.pdf

«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» доир ба кушоданӣ Маркази Мавлоношиносии Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табиӣ-техникӣ дар назди ин донишгоҳ қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар он дар баробари кормандони ДДБ ба номи Носири Хусрав ҳамчунин олимони Академияи милии илмҳои Тоҷикистон - мутахассисон дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, техникӣ кор мекунанд ва аспиранту донишуёни факултаҳои математика, информатика, техникӣ ва технологӣ, химия ва биология, филологияи тоҷик имкон доранд, ки корҳои илмиро зери назари роҳбарони илмии олимони ҳам ДДБ ба номи Носири Хусрав ва ҳам институтҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақа ва ҷумҳурӣ анҷом диҳанд.

Ояндаи илми Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки он то чи андоза тез ва самаранок ба фазои ҷаҳонии илм ворид шуда метавонад. Бо дарназардошти ин чораҳое андешидан лозим аст, ки ба дастгирӣ ва рушди шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ ва шарикии олимони вилояти Хатлон бо олимони давлатҳои дигар равона гардидаанд. Дар инкишофи илму техника ба таври назаррас тавсиа бахшидан ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо бо ташкилот ва муассисаҳои илмии давлатҳои ИДМ, давлатҳои дигар, ташкилотҳои байналмилалӣ, фондҳо, ассосиатсияҳо ба монанди инҳо ҳам дар асоси шартномаву созишномаҳо бояд сурат гирад.

Ҳамчунин ҷалби олимон ба иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар чаҳорчӯбаи созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, бо давлатҳои Япония, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Сингапур ва бешубҳа, Хитой ва ИДМ, барномаву лоиҳаҳо аз рӯи грантҳо, ки аз тарафи марказҳо, фондҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Маркази байналхалқии илмӣ-техникӣ, Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО), Фонди ҷаҳонии экологӣ, Ташкилоти умумиҷаҳонии СММ доир ба масъалаҳои тандурустӣ, Ташкилоти СММ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Ташкилоти давлатҳои исломӣ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО), Агентии байналхалқии энергияи атомӣ (МАГАТЭ), Маркази байналмилалӣ доир

ба таҳқиқоти кишоварзӣ дар минтқаҳои хушкида (ККАРДА), Маркази байналмилалӣ доир ба беҳтар кардани ҷуворимакка ва гандум (СИММИТ), Институти байналмилалии захираҳои генетикӣ (ЯЛГРИ) низ пешбинӣ карда шаванд. Тавсиаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байналхалқии илмӣ аз рӯи самтҳои Ассосиатсияи байналмилалии академияи илмҳо (МААН), Ассосиатсияи Академияи илмҳои Осиёи Марказӣ Академияи илмҳо барои ҷаҳони рушдкунанда (ТВАС), Кумитаи доимии ҳамкории илмӣ ва технологии Ташкилоти конференсияи исломӣ (КОМСТЕК) дурнамои хуб дорад.

Таваҷҷуҳи махсус ба тавсиаи имкониятҳои сафари олимон ба марказҳои пешсафи илмӣ-таҳқиқотии хориҷӣ барои кори илмӣ ва барои иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои дигари илмӣ бояд равона карда шавад.

Дар натиҷаи амалисозии ин чорабиниҳо имконияти иштироки олимони вилояти Хатлон дар баргузории таҳқиқоти муштарак бо олимони хориҷа аз рӯи лоиҳаву барномаҳои байналмилалӣ, истифодаи базаи муосири таҷрибавӣ ва асбобии марказҳои илмии хориҷӣ, таҳсил ва такмили ихтисоси олимони ҷавон ба таври назаррас тавсиа меёбад. Намояндагии васеи олимони Тоҷикистон дар конференсияҳо ва чорабиниҳои дигари илмӣ ва давлатҳои хориҷӣ ва баргузории онҳо дар вилояти Хатлон ба баромади илмӣ ба фазои байналмилалии илм, таҳкими афзалиятҳои дастовардҳои олимони вилоят ва ба даст овардани иттилооти зарурӣ доир ба комёбиҳо ва равишҳои рушди илм дар ҷаҳон мусоидат менамояд.

Омор параметрҳои миқдории падидаҳо ва равандҳои соҳаи илм ва инноватсияро дар ягонагӣ бо табиати сифатии онҳо меомӯзад. Вазифаи асосии омори иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба маълумоти боэътимоди оморӣ оид ба ҳаҷм, сохтор ва динамикаи захираҳо ва натиҷаҳои фаъолияти илмию инноватсионӣ, таъсири онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии дар вилояти Хатлон мебошад. Ба андешаи мо, дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия ба манфиати кор

хоҳад шуд. Зеро мувофиқи он неруи илмӣ бояд ҳамчун манбаъҳо, имкониятҳо, воситаҳо, захираҳое, ки барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ истифода мешаванд, шарҳ дода шаванд Таҳқиқотҳои дигар соҳаҳои вилоят маҳз бо ҳамин равия инкишоф ёфтааст. Истифодаи маҷмуи нишондодҳое, ки ҷузъи кадрии иқтидори илмиро тавсиф мекунанд, махсусан чунин нишондиҳандаҳо, аз қабили ҳиссаи олимон дар шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли минтақа, нишондиҳандаҳои ҳайати кормандони илмии тадқиқотӣ, институтҳои илмӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, корхонаҳои инноватсионӣ ва дар вилояти Хатлон таҳқиқшаванда, новобаста аз шакли моликият, нашрия ва фаъолияти патентӣ, ташкили чорабиниҳои илмӣ, ҳамкории илмӣ, натиҷаҳои молиявии фаъолияти таҳқиқотӣ хеле самаранок ба назар мерасанд.

Нишондиҳандаҳои баровардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ бо нишондиҳандаҳои чойивазкунии кадрҳои ҷавон дар муассисаҳои илмии вилоят ба мақсад мувофиқ ба назар мерасанд. Дар ин маврид олимони ҷавонро бояд номзадҳои илм – то 35 - сола, докторхои илм – то 40-сола фаҳманд. Ниҳоят, дар баробари баҳо додан ба шумораи муассисаҳои олие, ки дар он аспирантура ва докторантура ва кадрҳои илмӣ тайёр мекунанд, аз ҷумла дар вилоят аз руи ихтисосҳои махсус дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Шуроҳои диссертатсионии махсус мавҷуданд ба он диққат додан лозим аст.

Ҳамин тариқ, Л.Е.Миндели ва В.Е.Чистякова унсурҳои зерини иқтидори илмиро ҷудо мекунанд: 1) шумораи ташкилотҳое, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом медиҳанд; 2) шумораи кормандон ва сохтори он; 3) фаъолияти нашрӣ; 4) ҳаҷми хароҷот барои тадқиқоти илмӣ; 5) дастгирии молиявӣ барои КИТТК[64]. Дар баробари ҳамин масъалаи кифоя будани ин маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтидори илмиро ҳамчун масъалаи конунӣ дида баромадан бамаврид аст.

[64] Миндели, Л. Э., Чистякова, В. Е. Академический сектор научного потенциала России. - М.: ИПРАН РАН, 2013. - 408 с.

Ба ҳамин тариқ, баҳо додан ба иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилоят вазифаи мураккаби байнисоҳавӣ мебошад, ки ҳалли он танҳо бо усулҳои оморӣ имконнопазир мебошад.

Ҳамин тариқ гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳолати бартараф накардаи мушилоти мавҷуда, рақобатпазирӣ аз рӯи суръати истифодаи навоварии илмиву техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолоти илмталаб, самаранокии равандҳои инноватсиониро дар вилоят интизор шудан бисёр кори мушкил мебошад. Вобаста ба ин, истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва ташаккули заминаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ яке аз вазифаҳои муҳимми МИҲД дар вилояти Хатлон мебошад, ки қабули тадбирҳои махсусро доир ба рушди инноватсионӣ ва ба вуҷуд овардани шароити зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои бартараф намудани мушиклотҳои ошкоршударо талаб мекунад.

Барои ҳал намудани мушкилотҳои ошкоршуда соҳаи илм ва инноватсия, истифодаи самараноки иқтидори илмӣ-техникӣ барои рушди иқтисодиёти ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби бештари грантҳо барои корҳои илмӣ-тақиқотӣ, таҳияи стратегияи таъмини базаи моддию техникӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ барои солҳои 2022-2030, пурзур намудани назорат аз болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва техникаи инноватсионӣ, аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқотчиёне, ки аз муасисаҳои илмӣ ва олии вилояти Хатлон дар назди Шуроҳои диссертатсионӣ, дифои рисолаи илмӣ менамоянд, то як муддати муайян (5-сол) ҷорӣ намудани коеффиссент, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон, дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия ба роҳ мондан лозм мебошад. Дар сурати татбиқи ин тадбирҳои пешниҳодшуда, иқтидори кадрии вилоят ба суръатбахшии таҷдиди техникӣ ва технологӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ муяссар гардида, афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва ҳаҷми маҳсулоти инноватсиониро дар вилоят таъмин менамояд.

## 3.2. Интихоби самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон

Вобаста ба роҳҳои пешниҳодшуда барои ҳалли мушкилоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон, барои минбаъда мо самтҳои афзалиятнокро ҷиҳати беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилоятро интихоб намудем. Зеро мақсади инкишоф иқтидори илмӣ-техникии минтақа ба вуҷуд овардани системаи пурсамари дастгирии давлатии рушди илм мебошад, ки он мутамарказгардонии неруи илмӣ ба самтҳои ба минтақаҳо афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, суръатбахши ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва истифодаи амалии инноватсияҳо, ба вуҷуд овардани технологияҳои рақобатпазир, талабгории коркардҳои илмӣ аз тарафи истеҳсолот, тиҷорат, корфармоён, нуфузи баланд ва ҷозибияти бештари меҳнати илмӣ, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои тайёр кардани олимон ва мутахассисони ҷавон ва дар ниҳояти кор ба болобурди неруи ақлонии ҷомеа то чунин сатҳе, ки он ба суръат гирифтани пешрафти вилояти Хатлон ва муваффақ шудан ба мақсадҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030-ро боис мегардад.

Тадбирҳои давлати оид ба дастгирии КИТТК ҳамчун сиёсати давлатии илмию техникӣ аз маҷмуи принсипҳо ва усулҳо иборат мебошад, ки дар самти ташаккул ва рушди иқтидори илмию техникии кишвар ва ноил шудан ба ҳадафҳои муҳимтарини стратегии тамоми ҷомеа, бо муҳайё намудани шароити зарурии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилие, ки ҳам ба афзоиши донишҳои илмӣ ва ҳам татбиқи амалии онҳо дар шакли навигариҳои мушаххас ва маҳсулоти дар асоси онҳо асосёфта мусоидат мекунанд, нигаронида шудааст[65].

Ҳамин аст, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи илм ва инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Борҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали

[65] Алиев А.Б., Ананьева Е.П. и др. Прогнозирование, планирование и моделирование: междисциплинарный подход и конвергенция знаний / Под редакцией О.А. Подкопаева. Самара, 2015. С.133

Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ самтҳо ва ислоҳоти бахши воқеии иқтисод тавассути навоварӣ, зарурати дастгирии фаъол ва мустақим, ҳавасмандгардонӣ ва идоракунии инноватсия, такмили заминаи меъёрӣ, ҳавасмандгардонии воридоти техникаву технологияҳои нав барои истеҳсол ва содироти молҳои рақобатпазир бо истифода аз технологияҳои муосир таъкид намуда буданд. Инчунин, дар шароити муосир вазифаи асосии давлат, пеш аз ҳама: таъмини рушди устувори иқтисодӣ, тадриҷан боло рафтани сатҳ ва сифати зиндагии мардум тавассути татбиқи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти он, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ мебошад[66].

Ба андешаи Пороткин Е.С. «....воситаҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии илмию технологӣ тадбирҳои ҳавасмандкунии мустақим ва ғайримустақими равандҳои инноватсионӣ мебошанд, ки самаранокии онҳо дараҷаи фаъолиятро дар истифодаи дастовардҳои илмии муосири соҳаи соҳибкорӣ муайян мекунад»[67]

Манфиатҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон талаботи навро нисбат ба илм пеш мегузоранд. Вобаста ба ин, масъалаи зарурати ба таври аниқ муайян кардани мақоми ҳуқуқӣ ва вазифаҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳамаи бахшҳои илм дар вилоят бо дарназардошти мавқеъ ва нақши онҳо дар илм, рушди иҷтимоиву иқтисоди ва муваффақ шудан ба мақсадҳои афзалиятдоштаи илмӣ муҳим мебошад. Дар байни ин афзалиятҳо бахшҳои марбут ба истеҳсолот, кишоварзӣ, технологияҳои иттилоотӣ, хадамоти тиббӣ ва молиявӣ ва энергетика мебошанд. Инро ба назар гирифта, мо самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти вилояти Хатлонро, ки барои рушди иқтидори илмӣ-техникии ииноватсионӣ минтақа мусоидат менамояд, дар расми 3.1.1 тасвир намудаем.

---

[66] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон / Рӯзномаи ҷумҳурият. 2010, 2011, 2012, 2013

[67]Поротькин Е.С. Стимулирование инноваций в аграрном секторе экономики // Экономические науки. 2008. № 40. С. 228-231.




**Расми 3.2.1.- Самтҳои афзалиятнокдоштаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

**1.** Дар байни самтҳои афзалиятноки самти гидроэнергетика, истифодаи комплексӣ ва оқилонаи захираҳои об, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва технологияҳои сарфаи энергия, ба андешаи мо, инҳоянд:

- рушди минбаъдаи гидроэнергетика, дар шаҳрҳои Норак, Левакант ва ноҳияи Данғара;

- гузаштан ба энергияи каммасрафи манзил ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, ба системаҳои гармидиҳии автономии дорои самаранокии баланд ва гармидиҳии идорашаванда, сохтмони манзилҳои каммасраф ва дигар воситаҳои истеъмоли энергияи маишӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон, аз ҷумла шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб Норак, Левакант ва ноҳияи Данғара,;

- истифодаи оқилонаи захираҳои об;

- 2-3 баробар зиёд кардани ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, пеш аз ҳама гидроэнергетикаи дарёҳои хурду миёна, энергияи офтоб ва шамол бо самаранокии баланд;

Барои вилояти Хатлон, мушаххас намудани афзалиятҳои инноватсионӣ дар ин бахш, аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ин масъала на танҳо аз он сабаб, ки вилояти Хатлон захираҳои обӣ ва шароити иқлимӣ, комплекси сӯзишворӣ ва энергетикӣ, ки яке аз манбаи асосии ММM ва шуғли ҳазорҳо коргарон мебошад, балки аз сабаби он ки вилоят бо энергия таъмин намудани як қатор мамлакатҳо аз қабили Афғонистон, Покистон, Узбекистон мавқеи махсус дорад ва ин омил метавонад, нақши ҷумҳуриро дар фазои минтақавии иқтисодӣ ва энергетики низ муайян намояд.

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар назар аст, ки истеҳсоли неруи барқ 40 млрд кВт соат афзоиш дода шавад, ки аз ин 41,6 млрд кВт соат истеҳсоли неруи барқ дар НБО дар назар дошта шудааст[68]. Дар ин ҳолат гузариш ба технологияҳои каммасраф ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия бояд дар системаи афзалиятноки стратегияи пешравии инноватсионӣ ҷойи асосиро ишғол намояд. Зеро

---

[68] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С.82

технологияҳои каммасраф, метавонанд самаранокии истифодаи энергияро даҳҳо маротиба зиёд намуда, барои вилояти Хатлон низ фоиданок гардад. Дар баробари ҳамин Айзенберг Ю. Б. бо «....ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар фаъолияти иқтисодии ҳам корхонаҳо ва ҳам дар сатҳи хонаводаҳо яке аз қадамҳои муҳим дар ҳалли бисёр мушкилоти экологӣ - тағирёбии иқлим, ифлосшавии атмосфера (масалан, партовҳо аз неругоҳҳои ҳароратӣ), камшавии энергия ва захираҳои маъданӣ ва ғайра мебошад.[69]Ҳами тариқ, барои муваффақ шудан дар ин самт, мавҷудияти захираи пешрафтаи илмию техникӣ нақши асосӣ дорад.

**2. Кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ;**

- татбиқи системаи устувор ва аз нигоҳи экологӣ баробаркардашудаи пешбурди кишоварзӣ мувофиқ ба иқлми табииву хоҷагидории ноҳияиҳои вилояти Хатлон;

- такмили сохтори истифодаи замин ва об, мувофиқсозии таносубҳои ҳаҷмҳои истеҳсолоти зироатҳои озуқаворӣ ва техникӣ, рушди пахтакорӣ, гандум, чорвопарварӣ, боғдорӣ ва соҳаҳои дигари кишоварзӣ;

- ба вуҷуд овардани системаи самараноки тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ;

- истифодаи усулҳои биотехнологӣ дар кишоварзӣ;

- селексия ва парвариши ҷинс, навъ ва зотҳои нави ҳайвоноти кишоварзӣ;

- такмили усулҳои мубориза бо зараррасонандаҳо ва касалиҳои махсусан хатарноки растанӣ ва ҳайвоноти кишоварзӣ, коркарди усулҳои пешгирӣ ва табобатӣ бо истифодаи доруҳои нав;

- гузариш ба истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, захирасарфакунанда ва босуръат пешравандаи кишоварзӣ.

Кишоварзӣ, дар вилояти Хатлон яке аз ҳадафҳои стратегиест, ки дар он ба равандҳои инноватсионӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Татбиқи

---

[69]Айзенберг Ю. Б. Энергосбережение — одна из важнейших проблем современной светотехники // Светотехника. — 2007. — № 6. — С. 6–10.

бомуваффақияти самтҳои интихобшуда дар марҳалаи ҳозира ба пурзур намудани фаъолияти институтҳои илмии кишоварзӣ ва филиалҳои он дар вилоят, баланд бардоштани сифати таҳқиқотҳои илмӣ, ба вуҷуд овардани таклифҳои аълосифат, ки барои қатъиян баланд шудани самараи кишоварзӣ имконият медиҳанд, идоракунии фаъолияти инноватсиониро дар самти фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ диққати махсус лозим мебошад. Чунки соҳаи кишоварзии вилоят дорои иқтидори баланди рушд ва ҷорӣ намудани инноватсия мебошад. Дар ин ҳолат, муҳимтарин вазифаи соҳаи кишоварзии вилоят худтаъминкунӣ ва ба таври доимӣ таъмини маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят ва сатҳи ҷумҳурӣ мебошад. Ва агар вилояти Хатлон дар кӯтоҳтарин муддат ба баланд бардоштани суръати рушд дар заминаи сифатан нави инноватсионӣ соҳаи кишоварзиро таъмин накунад, дар ниҳоят рақобатпазирии худро аз даст дода, вилоят ва ҷумҳурӣ дар замони имрӯзаи Ковид-19, ба мушкилот рӯбарӯ хоҳад шуд. Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, қайд намудаанд «Тибқи маълумоти расонаҳо ва Созмони Милали Муттаҳид имрӯзҳо дар даҳҳо кишвари сайёра гуруснагӣ идома дорад»[70]. Дар ин ҳолат, танҳо бо ҷидду ҷаҳди якҷояи давлат, илм ва корхонаҳои кишоварзӣ дар оянда фаъолияти инноватсиониро дар хоҷагии қишлоқи мамлакат зиёд кардан мумкин аст. Ин на танҳо самаранокии истеҳсолот, балки рақобатпазирии онро дар бозори байналмилалии озуқаворӣ низ баланд мебардорад. Дар ҳамин радиф олимони ватанӣ Садридинов Сайфидин ва Қурбонали Партоев таъкид намудаанд, ки «.....баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва ҳосили умумии зироатҳои кишоварзӣ дар асоси гузариш ба технологияҳои нави инноватсионӣ, роҳи асосии зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти озуқа дар шароити муосир ва асоси рушди иқтисоди кишвар мебошад»[71].

[70] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 13:10, шаҳри Душанбе
[71]Садридинов С. Қурбонали П. Инновации в сельском хозяйстве: обеспечение продовольственной безопасности страны

**3. Амнияти экологӣ:**

- мониторинги муҳити зист, таҳияи чорабиниҳо оид ба барқарор ва ҳифзи табиат;

- коркарди технологияҳои тоза кардани обҳои равон, безараргардонии партовҳо ва бетаъсиргардонии партовҳои корхонаҳои саноатӣ;

- таҳлили таъсири антропогенӣ ва техногенӣ ба тағйироти иқлим, мониторинги ҳолати атмосфера ва гидросфера;

- таҳлили тағйироти иқлим, таъсироти антропогенӣ ва техногенӣ ба гуногуншаклии биологӣ, низоми табииву экологӣ ва кишти зироатҳои кишоварзӣ;

- мониторинги гуногуншаклии биологӣ ва амнияти биологӣ;

- мониторинги радиатсионӣ ва амнияти радиатсионии аҳолӣ ва муҳити зист;

- мониторинги ҳолати сейсмологӣ дар марзи вилояти Хатлон, коркарди усулҳои пешгӯӣ кардани заминларзаҳо, таъмини амнияти сейсмологӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ба даст даровардани иттилооти бефосила ва зуди сейсмологӣ.

4. Тандурустӣ;

- мониторинги иҷтимоиву иқтисодӣ, санитариву гигиенӣ ва экологии сиҳатии аҳолӣ;

- ҳифзи сиҳатии модар ва кӯдак;

- эпидемиология, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сирояткунанда;

- эпидемиология, пешгирӣ ва табобати бемориҳои дилу раг, эндокринӣ, онкологӣ, гастроэнтерологӣ ва касбӣ, сил, нашъамандӣ, бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинси гузаранда, ВИЧ/СПИД, Ковид-19;

- коркарди доруҳои нави табобатӣ.

5. Маориф ва илм:

- тарбия ва такмили ихтисоси кадрҳои илмиву омӯзгории тахассуси олӣ;

---

http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=5777%3A2018-01-04-04-57-38&Itemid=216

- омода ва нашр кардани китобҳои дарсии силсилаи нав барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва мактабҳои олии касбии вилоят.

6. Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ:

- рушд ва таъмини дастрасии инфрасохтори муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ ба доираи васеи аҳолӣ, дастгирии рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар вилоят;

- таъмини самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ ва соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ, соҳаҳои илм, тандурустӣ, маориф.

7. Таҳқиқот дар самти муҳайё намудан ва таъмини ҷойҳои корӣ:

-назорат кардани талаботи хоҷагии халқи вилояти Хатлон бо қувваи корӣ.

- таъсиси заминаи иттилоотӣ барои ташаккули низоми самараноки таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ;

-муайян намудани сохтори мавҷудаи шуғл (минтақавӣ, соҳавӣ, ихтисоси касбӣ, ҷинс ва синну сол ва ғайра);

-муайян намудани талаботи умумии аҳолӣ вилояти Хатлон ба ҷойҳои корӣ;

-муайян намудани самтҳои асосии мусоидат ба шуғли аҳоли дар асоси тамоюлҳои умумии рушди иқтисодиёт ва зарурати тағйир додани сохтори шуғл;

- ҳалли масъалаҳои ба эътидол овардани бозори меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои вазъияти душвори иҷтимоию иқтисодии вилоят.

8. Таҳқиқот дар самти соҳаи сайёҳӣ:

- инкишоф ва такмили инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла вобаста ба он (нақлиёт, хуроки умумӣ);

- таъсиси марказҳои нави сайёҳии афзалиятнок;

- таблиғ ва имиҷи иттилоотии вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи мусоид барои сайёҳӣ дар бозорҳои дохилии сайёҳӣ ва ҷаҳонӣ;

- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва вобаста ба он;

- таъмини шароити бехатарии шахсии сайёҳон.

9. Таҳқиқот дар самти хизматрасонии нақлиёт дар минтақа:

- роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасонии нақлиётии вилояти Хатлон  дар системаи ҷумҳуриявии нақлиёт.

- проблемаҳои тарифи оқилонаи нақлиёт бо воситаҳои нақлиёт бо назардошти ҳамкории мусоиди иқтисодии онҳо дар системаи ягонаи нақлиёти вилоят.

- таҳлили мушкилот ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳтар кардани интиқоли мусофирон дар шаҳрҳои вилояти Хатлон:

- таъмини дастрасии хизматрасониҳои нақлиётӣ барои аҳолӣ, аз ҷумла рушди босуръати нақлиёти ҷамъиятӣ, роҳи оҳани мусофирбар, субсидия додани нақлиёти дорои аҳамияти иҷтимоӣ;

- таҳкими танзими давлатӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ вилоят;

- истифодаи технологияҳои муосири логистикӣ дар соҳаи нақлиёт, рушди комплексии ҳамлу нақли контейнерӣ, интиқоли борҳо бо истифода аз боргоҳҳо, бастаҳои нақлиётӣ, ки суръати коркард ва интиқоли молро хеле баланд мебардорад, сатҳи захираҳои анборҳо ва воситаҳои гардонро коҳиш медиҳад.

Татбиқи самтҳои пешниҳодшуда, дар рушди соҳаи нақлиёт, сифати хизматрасонӣ ва талаботи муосирро нисбат ба сифат ва ҳаҷми хизматрасонии нақлиётӣ, ки баланд бардоштани рақобатпазирии вилояти Хатлонро дар бозори ҷумҳуриявӣ хидматрасонии нақлиёти мусоидат менамояд. Дар ин ҳолат маблағгузории давлатӣ ба таъмири роҳҳо, таъмини бехатарии нақлиёт, дар ҳолати корӣ, нигоҳ доштани объектҳои инфрасохтори нақлиётии давлатӣ ва субсидияҳои нақлиёти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок равона карда шавад.

10. Комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ, ба вуҷуд овардани маводи нав ва технологияҳои муосир:

- ба вуҷуд овардани маводи нав, коркард ва дар саноат истифода кардани технологияҳои муосир;

- коркарди технологияҳои аз нав кор кардани алюминӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр;

- коркарди технологияҳои аз нав кор кардани пахта ва навъҳои дигари ашёи хоми кишоварзӣ;

- ба вуҷуд овардан ва истифода кардани технологияҳои сарфаи захираҳои кампартов ва аз нигоҳи экологӣ тозаи коркарди комплексии захираҳои ашёи хоми маъданӣ;

- ба вуҷуд овардан ва аз худ кардани технологияҳои коркарди такрории захираҳои пасмонда;

- коркарди технологияҳои масолеҳи сохтмонӣ;

Аввалан ин афзалиятҳо ба мақсадҳои Стратегияи рушди мамлакат то соли 2030 мутобиқат мекунад ва бавежа ин соҳаҳо мустақиман ба ҳайси самтҳои имконпазири дастрасии пешоҳангии технологӣ ва мутаносибан ва устувор гаштан дар бозорҳои васеъшаванда ва бозорҳои нав пайдошавандаи минтақа, маҳсулоти аз назари технологӣ пешрафта метавонанд бошанд.

Дигар ин, ки самтҳои интихобшудаи таҳқиқоти илмӣ дар вилояти Хатлон метавонад ба рушду нумуи вилоят мусоидат намоянд. Вале дар айни замон, бо сабаби мавҷудияти масъалаҳои ҷиддие, ки ба имкониятҳои маҳдуди маблағгузорӣ ва таҳкими заминаи моддиву техникии илм алоқаманд мебошанд ва ҳамчунин бо дарназардошти суръати фавқулодаи баланди рушди илми ҷаҳонӣ рақобати афзоишёбандаи мактабҳои илмӣ ва талаботи воқеии рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон, масъалаи беҳад муҳим муайян кардан ва ҷудо намудани самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар ояндаи наздик, мутамарказ гардонидани неруи илмӣ ба ин самтҳо, дастгирии институтҳои ташаккулёфта ва самаранок фаъолияткунандаи илмӣ ва дар як вақт ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқот доир ба бахшҳои навтарин ва тезрушдкунандаи илм нақши муҳим мебозад. Барои ин бояд Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва вилояти Хатлон, филиалҳои институтҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ захираҳои асосиро барои таъмини заминаи моддиву техникии илм ва тайёру тарбия кардани кадрҳои илмӣ чораҳои заруриро ба роҳ монанд.

Ин дар навбати худ, дар сатҳи муосир анҷом додани корҳои илмӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии коркардҳои илмиро таъмин намуда, ниҳоят дар амал татбиқи бештар ёфтани натиҷаҳои таҳқиқотро суръат мебахшад. Яъне, дар асоси самтҳои ояндадори афзалиятдошта ва нави таҳқиқот барномаҳои комплексӣ ва мақсаднок ташаккул меёбанд, ки дар онҳо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, иҷрокунандагон, марҳала ва муҳлатҳои иҷрои кор, ҳаҷм ва манбаъҳои маблағгузорӣ, натиҷаҳои чашмдошт, тавсияҳои амалӣ, самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешаванд.

Минбаъд, ин соҳаҳо ба ҳайси системаи бозтавлидкунанда хизмат хоҳанд кард, чунки дар онҳо ҳаҷми калони фаро гирифтан ва натиҷаи татбиқи технологияро, ки ба усулҳои нав тааллуқ доранд интизор шудан лозим аст.

Хулосаҳое, ки дар боло гуфта шуд, инчунин дар бахши назариявӣ ва амалии кор, андешаҳои донишмандон, мутахассисони варзида, инчунин таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба даст оварда шудаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки бидуни беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникии мутобиқаткунанда ба системаи инноватсионӣ дар вилояти Хатлон, кӯшишҳо ва ташаббускориҳо натиҷаи мавриди назарро нахоҳанд дод ва захираҳо беҳуда масраф хоҳанд шуд.

Навиштаҳои болоро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса кард, ки системаи мукаммали ба рушди иқтидори илми-техникии инноватсионӣ равона шуда дар вилояти Хатлон ҳанӯз дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Дурнамои ояндаи системаи инноватсионии минтақавӣ мутобиқ ба муқаррароти Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи то соли 2021-2025 ба муносибати лоиҳавӣ алоқаманд аст, яъне амалӣ намудани як қатор лоиҳаҳо, ки аз рӯйи ҳаҷм, самтҳо, иштирокчиён ва натиҷаҳои интизорӣ гуногун мебошанд. Дар айни ҳол, аз ҳама бештар бозёфти лоиҳаи «дӯзанда» (масалан, технопарк, ки консепсияи он дар поёнтар баррасӣ хоҳад шуд), ки аз як тараф, ба сохтани шароитҳои муносиб барои амалӣ намудани фаъолияти илмӣ-техникӣ равона карда шудааст, аз тарафи дигар бошад, ба муттаҳид намудани талошҳои ҳамаи манфиатдорон ба ин парк ва унсурҳои системаи инноватсионии минтақавӣ равона

карда шудааст, диққатҷалбкунанда мебошад.

### 3.3. Роҳҳои такмили идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон

Тамоми фаъолияти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон дар ниҳояти кор ба такмил додани роҳҳои идоракунии он дар равандҳои истеҳсолот ва такрористеҳсоли маҳсулоти минтақавӣ нигаронида шудааст ва ба натиҷаҳои он низ бояд аз нуқтаи назари муайяншуда ва фоиданокии ҳақиқии иҷтимоӣ татбиқ намудани онҳо маҳз ба роҳ монда шавад. Бешубҳа, чунин роҳҳо на танҳо ба сифати фаъолияти илмию техникӣ, балки ба хусусиятҳои фаъолияти механизми хоҷагӣ, вобаста аст.

Ҳамин тариқ, дар байни олимон ва кормандони сохторҳои давлатӣ дар бораи дастгирии давлатӣ барои рушди инноватсия дар минтақа андешаи гуногун вуҷуд дорад. Аз як тараф, коршиносон дар бораи зарурати идоракунии давлатӣ, дастгирии рушди инситутсионалӣ изҳори назар мекунанд. Аз тарафи дигар, фишангҳои идоракунии давлатӣ танҳо дар сатҳи миллӣ дида мешаванд ва онҳо ба сатҳи минтақавӣ ба таври равшан баҳо медиҳанд. Аммо тамоми коршиносон роҳи раҳоӣ аз вазъиятро дар истифодаи ҳадди аксар аз тамоми фишангҳои қудрати давлатӣ, пеш аз ҳама ду фишангҳои асосӣ (сохтори буҷети давлатӣ ва сохтори андоз) барои ба роҳи инноватсионии рушд табдил додани кишвар медонанд.

Ба андешаи мо, ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ, яъне таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, таъсиси маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ технопаркҳо ва дигар сохторҳои махсусгардонидашуда яке аз омилҳои асосӣ барои такмил додани захираҳои ташкилӣ ва идоракунии иқтидори илмӣ-техникии вилояти Хатлон, зарур аст:

- таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо;
- таъсиси маркази мутахассисию таҳлилӣ;

- таъсиси маркази байналмилалии трансфери технологияҳо;

- таъсиси маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ;

- таъсиси фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар вилоят;

- таъсиси Раёсати рушди инноватсионӣ дар сохтори идоракунии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он.

Дар сатҳи донишгоҳ:

- таъсиси маркази инноватсионии ҷавонон;

-такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон

Такмил додани базаи инфрасохотори иқтидори илмӣ-техникии вилояти Хатлонро дида баромада, вазифа, мақсад ва натиҷаҳои эҳтимолии фаъолияти онҳоро мушаххас мекунем.

Мақсад аз таъсиси «Маркази интиқоли технологияҳо» баланд бардоштани рақобатпазирии бахшҳои воқеии иқтисодиёти вилоят тавассути ташкили интиқоли технологияҳои пешқадам, инчунин фаъол гардонидани фаъолияти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ тавассути ташаккул ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ мебошад. Ба андешаи Лушников А.В «...интиқоли технология яке аз механизмҳои асосие мебошад, ки робитаи илм ва истеҳсолотро таъмин менамояд, ки онро бояд роҳбарони касбӣ, ки дар ташкилотҳои махсус кор мекунанд, амалӣ намоянд. Ин ташкилотҳо пеш аз ҳама марказҳои интиқоли технология мебошанд, ки самаранокии равандҳои интиқоли технологияро таъмин мекунанд»[72]. Бо дарназардошти ҳамин гуфтаҳо мо самтҳои асосии фаъолияти «Маркази интиқоли технологияҳо» пешниҳод менамоем:

- ба тартиб даровардан, арзёбӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнии мавҷуда дар донишгоҳ/институти илмӣ;

---

[72] Лушников А.В./ Роль центров трансфера технологий в развитии малого и среднего инновационного бизнеса С.114. file:///C:/Users/%D0%A4/Downloads/rol-tsentrov-transfera-tehnologiy-v-razvitii-malogo-i-srednego-innovatsionnogo-biznesa.pdf

- пешбурди фаъолонаи иттилоот дар бораи коркардҳо, объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки иқтидори тиҷоратӣ доранд;
- машваратҳои иттилоотӣ, молиявӣ, маркетингӣ ва дигар машваратҳо ба таҳиягарон ва харидорони эҳтимоли моликияти зеҳнӣ ҷиҳати рафъи монеаҳо дар тиҷоратикунонии технологияҳо;
- таъсис ва рушди субъектҳои инфрасохтори инноватсионӣ;
- тиҷоратикунонии коркардҳои илмию техникӣ;
- ҷустуҷӯи лоиҳаю технология ва ғайра мебошад.

Яке аз воситаҳои таъсиррасонӣ ба иқтисодиёти минтақа бо мақсади ба таври муносиб татбиқи ҳадафҳои пешбинишуда бизнес-инкубаторҳо мебошад. Интихоби ин ё он намуди сохтори ташкилии инкубатор дар ҳар як ҳолати мушаххас аз шароитҳои ибтидоии минтақа, дараҷаи рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ ва имкониятҳои молиявии ташкили бизнес-инкубатори пешбинишаванда вобаста аст ба ақидаи Яковенко Н. Н. «.... бизнес-инкубаторҳо қодиранд, ки на танҳо тиҷорати хурдро инкишоф диҳанд, балки ба рушди системаҳои иқтисодии минтақа таъсири комплексӣ расонанд»[73]

Мақсад аз ташкили бизнес-инкубаторҳо инҳоянд:
- рушди иқтисоди минтақавӣ;
- рушди технологияҳои баланди инноватсионӣ дар вилояти Хатлон;
- рушди соҳибкории хурди тамоюли инноватсионидошта, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ барои корхонаҳои истеҳсолии хурд;
- барқарор намудани алоқаҳои байни корхонаҳои калони саноатӣ ва корхонаҳои хурд;
- ҳавасмандгардонии раванди таъсис ва дастгирии ҳамаҷонибаи рушди фирмаҳои нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ.

[73] Яковенко Н. Н. / Опыт создания инновационного бизнес-инкубатора в Ставропольском крае/ Инновационная Россия. С.23

Ба ташкили бизнес-инкубаторҳо бо назардошти таҷрибаи беҳтарини мамлакатҳои ИМА, Олмон ва Британияи Кабир дар заминаи донишгоҳу донишгоҳҳои минтақа таъсис дода шаванд. Хизматҳое, ки бизнес-инкубатор метавонад барои донишҷӯён, аспирантҳо ва муҳаққиқони донишгоҳ пешниҳод кунад, дар байни корхонаҳои хурди инноватсионии технологӣ талабот зиёд аст. Ҳамзамон, самти асосии рушди истеҳсолоти инноватсионии корхонаҳои хурду миёна дар минтақа, ки аз ҷониби донишгоҳ пешниҳод ва дастгирӣ мешавад, бояд таъсиси системаи самараноки дастгирии Марказҳои интиқоли технологияҳо (МТМ) ҳамчун унсурҳои пайвасткунанда бошад.

Барои ҳаллу фасли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, истифодаи иттилооти оперативӣ, пурра ва саҳеҳ дар бораи вазъияти иқтидори илмӣ-техникии вилояти Хатлон ва равандҳое, ки дар қаламрави он ҷараён доранд, зарур мебошад. Дастрасӣ ба ин чиз фақат дар ҷараёни махсус ташкилшудаи мушоҳидаи системавӣ, мониторинг имконпазир мегардад. Дар аксари субъектҳои вилояти Хатлон системаҳои мониторинги доимии рушди илмию техникие, ки қодир ба пешниҳоди иттилооти зарурӣ бошанд, қариб, ки вуҷуд надорад. Ин чиз, қабл аз ҳама, ба сабабҳои зерин вобаста мебошад:

а) мушоҳидаи системаи омории рушднаёфтаӣ минтақа;

б) мавҷуд набудан ва нопуррагии пойгоҳи дода шудаҳо дар бораи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронидашуда, таҳияҳои омода, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва амсоли инҳо.

Ҳамин тариқ, ташкилоти ягонае, ки қодир ба татбиқи мониторинги доимии рушди илмию техникӣ бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии дахлдор мебошад, шуъбаи минтақавии системаи давлатии иттилоотии илмию техникӣ ва дигар ташкилотҳои махсусгардонидашуда метавонад Маркази мутахассисию таҳлилӣ (ММТ) бошад. Вазифаҳои асосии он метавонанд инҳо бошанд:

а) пешгӯйӣ-таҳлилӣ:

- мониторинги иқтидори илмию техникии инноватсионии минтақа;

- мониторинги рушди соҳибкории хурду миёнаи минтақа;

б) илмӣ-таҳқиқотӣ:

- иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ;

в) консалтингӣ:

- кумак ба ташкилотҳои менеҷменти доимӣ, таҳияи бизнес-планҳо, стратегияҳои рушд ва ғ.

Ҳамин тариқ, таъсиси маркази мутахассисию таҳлилӣ имконият хоҳад дод, то мониторинги доимӣ дар минтақа аз болои равандҳое, ки ба амал меоянд, ба мақсади ба даст овардани иттилооти зарурӣ барои муайян кардани дурнамои рушди илмию техникии он ташкил карда шавад.

Марҳилаи аз ҳама мушкили марбут ба алоқаманд кардани илм ба истеҳсолот ва тиҷоратисозии инноватсияҳо, яъне табдили дастовардҳои илмию техникӣ ба маҳсулоти инноватсионии барои истеҳсолот қобили қабул ва барои бозор ҷолиб маҳсуб меёбад. Дар вилояти Хатлон равандҳои инноватсионӣ ба иллати як қатор масоил, дар ҳамаи марҳалаҳо, шурӯъ аз ҷустуҷӯ ва бозёфтҳо то татбиқи онҳо ва ҳамроҳии он ба амал меоянд, ба мушкилот рӯ ба рӯ мебошанд. Аз ин рӯ, таъсиси марказе, ки ҳамаи занҷири табдили ғоя ва моли ҷадид ё хизматрасониро таъмин мекунад, муҳим аст. Ба истилоҳ «роҳбалад»-и инноватсияҳо дар бозор метавонад Маркази байналмилалии трансфери технологияҳо баромад кунад. Дар байни вазифаҳои асосии он метавон мавридҳои зеринро ҷудо кард:

а) ташкилию коммуникатсионӣ:

- кор бо корхонаҳо ва ташкилотҳо аз он ҷумла бо аудити технологӣ;

- ташкили ҳамкории ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти илмию техникӣ;

б) молиявию сармоягузорӣ:

- ҷалби воситаҳои ватанӣ ва фондҳои хориҷии грантдиҳанда, барнома ва лоиҳаҳо ва ғ.

- ҷалби сармоягузории венчурӣ (сектори бонкӣ);

в) ҳамкории илмию техникии байналмилалӣ:

- кор дар шабакаҳои байналмилалии трансфери технологияҳо (дар якҷоягӣ бо шабакаи трансфери технологияҳои ҷумҳуриявӣ), аз он ҷумла ҷойгир кардани дархостҳои технологӣ ва пешниҳодҳо;

- таъмини иштироки корхонаҳо ва олимони минтақа дар лоиҳаҳои байналмилалии илмӣ-техникӣ;

- ба амал баровардани тарҷумаҳои касбии техникӣ ва ҳамроҳии музокираҳо.

Ҳамин тариқ, ташкили маркази байналмилалии трансфери технологияҳо қадами муҳимтарин дар роҳи истиқрори иқтисоди инноватсионӣ дар минтақа, муттаҳид ва координатсияи олимони вилояти Хатлон ва ихтироъкорони он мебошад.

Таъмини корхонаҳои хурди инноватсионӣ бо таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ, аз имкон берун аст, ба он хотир, ки ҳаҷми на он қадар калони истеҳсолот имкон намедиҳад, ки ба таври самаранок дастгоҳҳои гаронарзиш мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳангоми баланд будани нархи таҷҳизоти муосир, хариду баҳрабардории самараноки онро зимни истеҳсоли маҳсулоти худӣ танҳо ширкати ба таври кофӣ калон ба худ иҷозат дода метавонад. Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои нав барои корхонаҳои хурд, инчунин муҳаққиқони ҷудогона ва коллективи онҳо мушкил хоҳад буд. Аз ин вазъият танҳо дар сурати истифодаи коллективонаи таҷҳизот дар чаҳорчӯби сохтори махсус сохта шуда – маркази истифодаи дастаҷамъона ва коркарди маълумот баромадан мумкин аст. Вазифаҳои асосии он инҳо мебошанд:

а) таъминкунанда:

- ба корхонаҳо, донишгоҳҳои вилояти Хатлон, муҳаққиқони ҷудогонаи иқтидорҳои ҳисоббарор ва таҷҳизоти махсус барои гузаронидани ҳисобҳои мураккаб ва таҳқиқотҳои илмӣ пешниҳод мегардад;

б) иттилоотӣ:

- сохтан ва пеш бурдани пойгоҳи электронии додашудаи корхонаҳо ва ташкилотҳои вилоят (таъмини моддию техникӣ, захираҳои кадрӣ, талабот ба

фондҳои таҷдидшуда ва инноватсияҳо, имкониятҳои аз худ кардани истеҳсолоти соҳавӣ ва ғайрисоҳавӣ);

- сохтан ва пеш бурдани пойгоҳи электронии додашудаҳои инноваторҳо, технологияҳо, лоиҳаҳо, фондҳои грантӣ ва барномаҳои мақсаднок;

- кор бо пойгоҳи додашудаҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ;

в) коммуникатсионнӣ:

- таъмини мубодилаи иттилоотӣ дар байни истифодабарандагон ва истеҳсолкунандагони инноватсияҳо;

- сохтан ва пеш бурдани Web–портали «Илм ва инноватсияи вилояти Хатлон»;

- кор бо воситаҳои ахбори омма дар соҳаи муаррифии ҳам олимони ҷудогона ва ҳам технологияҳо ва инчунин фаъолияти илмию техникӣ дар маҷмуъ.

Ба шарофтати сохтани маркази истифодаи дастаҷамъона ва коркарди маълумот дар минтақа имкони ҳамкорӣ бо дигар марказҳои минтақа истифодаи дастаҷамъона, ки дорои таҷҳизоти нодир дар соҳаҳои гуногуни фаъолият мебошанд, пайдо мешавад.

Ҳамин тариқ, ташаккули маркази истифодаи дастаҷамъона ва коркарди маълумот дастрасии иштирокчиёнро ба фаъолияти илмӣ-техникӣ нисбат ба захираҳои лозима ҳам дар қаламрави вилояти Хатлон ва дар ҷумҳурӣ аз он таъмин мекунад.

Яке аз масъалаҳои асосии рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон нарасидани кадрҳои баландихтисос мебошад. Дар аксарияти корхонаҳои калон, миёна ва хурд норасоии мутахассисоне, ки қодир ба татбиқи лоиҳаҳо оид ба таҳия ва татбиқи технологияҳои нав ва оқилона дар бозор ба пеш бурдани маҳсулоти илмталаб машғул бошанд, намерасад. Аз ин рӯ, ташкили системаи самараноки омодагии менеҷерони инноватсионӣ, такмили ихтисоси дигар мутахассисон ва таҳсили пасаздипломӣ аз рӯйи ихтисоси «Менеҷменти инноватсионӣ» зарур мебошад.

Маркази омодагии менеҷерҳои инноватсионӣ (МОМИ) метавонад, ба унвони таҳдоби ин система баромад кунад. Вай метавонад, функсияи таълимиро дар якҷоягӣ бо ДДБ ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар амал татбиқ намояд.

- омодагии менеҷерҳои инноватсионӣ**;**
- таълим ва омодагии «инноваторҳо»;
- такмили ихтисос дар соҳаи идоракунӣ ва инноватсияҳо.

Ҳамин тариқ, ташаккули маркази омодагии менеҷерҳои инноватсионӣ имкон хоҳад дода, системаи самараноки омодагӣ, такмили ихтисос ва таҳсилоти баъдидипломӣ барои кор дар шароитҳои иқтисодиёти инноватсионӣ сохта шавад.

Мазмуни фаъолияти илмию техникӣ аз таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои ҷудогона, ки дар шакли ташаббусҳои байнисоҳавӣ ба тағйирёбии кардиналӣ ҳам дар иқтисодиёти минтақа ва ҳам дар шакли таҳқиқот фундаменталӣ ва татбиқӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ғ. мусоидат мекунанд, иборат мебошад. Теъдоди чунин лоиҳаҳо мантиқан ба таври кофӣ зиёданд, чунки ба ин навъи фаъолият, яъне истеҳсоли мавод ва хизматрасонӣ теъдоди зиёди одамон машғуланд. Аз ин ҳама гуногунӣ интихоби он лоиҳаҳое, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами вилоят равона карда шудаанд, дастгирии онҳоро метавон дар чаҳорчӯбаи фонди махсус ташкил карда шуда ба монанди фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ таъмин кард. Ба вазифаҳои асосии он ин мавридҳоро нисбат додан мумкин аст:

а) молиявӣ:

- гузаронидани озмунҳо ва лоиҳаҳо;
- сармоягузории таъсиси ширкатҳои инноватсионӣ;
- дастгирии рушди пурҳаракатии олимони ҷавон;

б) ҳавасмандкунанда;

- таъсиси стипендияҳо, грантҳо ва мукофотҳо барои олимони нисбатан

боистеъдоди ҷавон ва мутахассисон.

Ҳамин тариқ, бунёд кардани фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ ба иштирокчиёни фаъолияти илмӣ-техникии инноватсионӣ имкон хоҳад дод, ки ба захираҳои молиявӣ ҳам дар қаламрави минтақа ва ҳам ҷумҳурӣ аз он дастрасӣ пайдо кунанд.

Дар сатҳи донишгоҳ:

Дар иқтисодиёти вилояти Хатлон, ки ба донишҳо, таҳсилоти олӣ ва илм такя мекунад, – соҳаҳои муҳимме, ки на танҳо барои ҷойҳои мушаххаси корӣ мутахассис тайёр карда, доираи касбӣ ва умумифарҳангии онҳоро васеъ мекунанд, балки як идда боистеъдодонро барои баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо омода мекунанд. Хусусан одамони боистеъдод, пурҳаракат ва эҷодкор, бояд дар сафи пеши тағйирот қарор дошта, бахшҳои нави илм ва техникаро аз худ намоянд. Аз ҳама муҳим на ҳузури ҷавонони боистеъдод, балки имкони дар амал татбиқ кардани иқтидори онҳо мебошад, яъне дар ҳаёт татбиқ кардани навовариҳо ва идеяҳо мебошад. Чунин звеное, ки мутахассисони ҷавонро бо илм, истеҳолот ва бозор мепайвандад, метавонад «Маркази инноватсионии ҷавонон» бошад. Мақсади асосии он тиҷоратисозии технологияҳо ва дарёфтҳои мутахассисони ҷавони корхонаҳо, хонандагон ва хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии вилояти Хатлон буда, натиҷаи он дар ҳудуди вилоят сохтан ва роҳандозии соҳибкории аз назари технологӣ пешрафта мебошад:

а) кадрӣ:

- кори системавӣ бо ҷавонони нисбатан боистеъдод, ки қобилият ва хоҳиши машғул шудан бо илмро доранд;

- ташвиқ ва тарғиби модели соҳибкории рафтор дар байни аҳолӣ (хусусан ҷавонон), омодагии менеҷерҳои инноватсионӣ ва «инноваторҳо», яъне таҳиягарони тасмимҳои инноватсионӣ ва ғояҳое, ки дар оянда метавонанд тиҷоратисозӣ карда шаванд.

б) ташкилию моддӣ:

- ҳамкорӣ барои таъсис додани ширкатҳои хурди инновасионӣ;

- ба инноваторҳо пешниҳод кардани фазою маконҳои корӣ, лабораторияҳо, таҷрибавию истеҳсолии муҷаҳҳаз бо таҷҳизот ва ба онҳо расонидани хизматрасонии машваратӣ.

Ҳамин тариқ, таъсис додани «Маркази инноватсионии ҷавонон» ба ҷавонон имкон медиҳад, ки худро татбиқ кунанд, минтақа бошад, иқтидори илмию техникии мавҷударо ҳар чи бештар истифода карда, миқдори инноватсияҳои муваффақи тиҷоратиро, ки ба амал бароварда шудаанд, афзоиш диҳад.

Мақсади асосии такмили фаъолияти технопаркҳо дар назди донишгоҳҳо ин муттаҳид кардани олимон, муҳаққиқон, мутахассисони як соҳа, ки дар он дар доираи инфрасохтори ягона метавонанд таҳқиқот гузаронанд ва дар раванди татбиқи натиҷаҳои онҳо иштирок кунанд. Аз ин лиҳоз, кам кардани давраҳои инноватсионӣ вазифаи асосии паркҳои технологӣ шуда истодааст. Аслан, онҳо нақши миёнаравро мебозанд, ки хизмати махсус пешниҳод мекунанд, ва барои табодули иттилоот шароити мусоид фароҳам меоранд.

А.Мазур бар ин бовар аст, ки паркҳои технологӣ то андозае суръатдиҳандаи равандҳои инноватсионӣ буда, ба ташаккули заминаи илмию техникии кишвар мусоидат мекунанд[74].

Ба андешаи Тошматов М.Н., Мирзораҳимов Н.Т., парки технологӣ шахси ҳуқуқие, ки дорои инфрасохтори махсус буда, рӯйхати хидматҳоро ба ширкатҳои пуршиддат бо афзалиятҳои муайян пешкаш намуда, инчунин лоиҳаҳои инноватсиониро, ки ба эҷод ва ҷорӣ намудани технологияҳои баланд дар истеҳсолот, ҳифзи ҳуқуқӣ ва тиҷоратии моликияти зеҳнӣ мусоидат мекунанд[75].

---

74 Современные инновационные структуры и коммерциализация науки / Под ред. А.Мазура. — Харьков: Ин-т монокристаллов, 2000. - 256 с.

75 Тошматов М.Н., Мирзорахимов Н.Т. Технологический парк как важный инструмент в формировании инновационной экономики Республики Таджикистан. Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. No4. 2016. - С.442-446.

Мутобиқ ба маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол дар ҳайати МТОК - и вилояти Хатлон 6 адад технопаркҳои донишгоҳӣ мебошад.

**3.3.1.-Паркҳои технологии назди МТОК - и вилояти Хатлон**

| № | Номи муассиса | Намуди фаъолияти парк | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Парки инновати-онию технологӣ | Парки илмӣ (ё таҳқиқотӣ ) | Технополис: Инкубаторҳои технологӣ (Бизнес -инкубаторҳо) |
| 1 | ДДБ ба номи Носири Хусрав | + | | |
| 2 | ДДК ба номи А.Рӯдакӣ | + | | |
| 3 | Донишгоҳи давлатии Данғара | | + | |
| 4 | Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон | + | | |
| 5 | Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб | + | | |
| 6 | Донишгоҳи тиббии Данғара | + | | |

**Таҳияи муаллиф**

Аз паркҳои таъсисдодаи муассисаҳои таълимӣ 5 парки инноватсионию технологӣ ва 1 парки илмӣ (ё таҳқиқотӣ) мебошад, ки барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи аълосифат ва рушди муассисаҳои истеҳсолии инноватсионии хурд ва миёна хизмат менамояд. Мутаасифона қисмате аз паркҳои амалкунанда ба гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, дузандагӣ ва ба монанди инҳо машғул буда ба талаботи парки технологии замони муосир мутобиқат намекунад. Технопаркҳо дар ташаккули системаи инноватсионии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла дар ноҳияҳои Кӯшониён, Данғара ва шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб нақши на он қадар назаррас доранд.

Ба назари Мирзораҳимов Н.Т., зарур аст, ки дар заминаи донишгоҳ ё корхонаҳои бузурги саноатии ватанӣ, ки дар марҳилаи муфлисӣ қарор доранд, парки технологӣ таъсис дода шавад, зеро таъсиси технопаркҳо метавонанд

заминаи воқеии дар Тоҷикистон шаванд, ки дар онҳо инфрасохтори изофӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо ширкатҳои инноватсионӣ ҷойгир карда мешаванд[76].

Аммо, ҳамон тавре ки мо мебинем, аввалан, технопарке, ки дар яке аз минтақаҳои мамлакат сохта мешавад, бояд дар муқоиса ба таҷрибаи пештара ба талаботи ҷорӣ ва дурнамои талаботи субъектҳои мушаххаси иқтисодӣ дар минтақа ва дар маҷмуъ ҷавобгӯ бошад. Ба ҳамин хотир дар вилояти Хатлон консепсияи рушди инноватсионии минтақавиро барои такмили фаъолияти технопаркҳо бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои ИМА, Италия, Испания таҳия кардан ба манфиати кор мебошад. Чунки таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки Паркҳои технологӣ ҳамчун сохтори миёнарав бо ихтироъкорону навоварон, вазорату идораҳо ва сохторҳои марбута ҳамкории зичро ба роҳ монда, дар татбиқи дастоварҳои илму техника дар истеҳсолот нақши муҳим мебозанд. Сонияи, технопарки назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон бояд майдончаҳои лабораторӣ ва таҷрибавию истеҳсолӣ дошта бошад, ки бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз буда, имкон диҳад, ки сикли сарбаста доир ба истеҳсоли маҳсулоти инноватисонӣ сохта шавад.

Вобаста ба ҳамин мушкилот мо самтҳои нави фаъолияти паркҳои технологии назди МТОК-и вилоятро таҳия менамоем. Вобаста ба ҳайати муассисон метавон мақсадҳои зерини сохтани технопаркро ҷудо кард:

1. Интенсификатсияи раванди сохтан ва тавзеи инноватсия дар қаламрави вилояти Хатлон.

2. Сохтани шароит барои баланд бардоштани арзиши изофаи маҳсулоти дар минтақа истеҳсолшаванда.

3. Рушди ба кор машғул будан ва некуаҳволии аҳолӣ, афзоиши даромадҳои буҷети донишгоҳҳо.

Барои дастрасӣ ба мақсадҳои зикршуда, технопаркро лозим аст, ки як қатор вазифаҳоро иҷро намояд, аз байни онҳо метавон инҳоро ҷудо кард:

---

[76]Мирзорахимов Н.Т. / Теоретические аспекты инновационного развития национальной экономики / дисс. Душанбе -2020. С.119.

- таъмини талаботи ҷорӣ ва дурнамои корхона ва ташкилотҳо барои инноватсия;

- сохтани шароитҳои муносиб барои ба даст овардани маҳсулоти фаъолияти зеҳнӣ ва тиҷоратисозии минбаъдаи онҳо;

- ташаккули ҳавасмандиҳо барои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ ҷиҳати татбиқи тасмимҳои инноватсионӣ;

- тавсеаи захираҳои кадрии бахши инноватсионӣ аз ҳисоби омодагӣ ва ҷалби ҷавонони боистеъдод ба он, сохтани шароит барои ташкили фаъолияти он.



**Расми 3.3.1. - Чорабиниҳои асосӣ дар самти такмили низоми идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон**
**Таҳияи муаллиф**

Ҳамин тариқ, технопарк имкон медиҳад, ки арзиши изофашудаи маҳсулоти дар минтақа истеҳсолшаванда баланд бардошта шуда, сохтани объектҳои моликияти зеҳнӣ дар қаламрави минтақа ва татбиқи онҳо дар иқтисодиёт тақвият бахшида шавад. Гузашта аз ин, он ба ҳайси звенои пайвасткунанда дар байни ҳукумат, илм, маориф ва саноат баромад мекунад, ки онҳоро ба як системаи инноватсионии минтақавии фаъолияткунандаи самаранок, муттаҳид мекунад.

Ба ҳамин хотир ба ҳар як низоми идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон барномаҳои мақсадноки комплексӣ, технологияҳо, тавсияҳои амалӣ ва чорабиниҳо дигар бояд амалӣ гарданд (расми 3.3.1). Зеро бе бунёди системаи васеъи такрористеҳсоли кадрҳо барои КИТТК-и вилояти Хатлон ба ҳаракати онҳо дар роҳи инноватсионии рушд умед бастан мумкин нест. Ба ин муносибат, ба мақсад мувофиқ аст, ки муносибати комплексӣ ба таҳияи чорабиниҳо барои тараққиёти илмию-техникӣ бо мақсади табдил додани вилояти Хатлон ба минтақае ки дар бозорҳои дохилию ҷаҳонӣ бо маҳсулоти баландтехнологӣ рақобатпазир гардад, мебошад.

Бо дарназардошти он, ки дар сатҳи минтақаҳо, нақшаи чорабиниҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ то давраи то 35 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда истодааст, аммо ин чорабиниҳо ҳамчун унсурҳои бунёдӣ ҳалли комплексии марбут ба фаъолгардонии фаъолияти созандаи аҳолӣ, рушд ва истифодаи самараноки иқтидори илмию техникӣ ва инноватсионии вилоятро дар бар мегиранд, ниҳоят муҳим ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки ҳамаи роҳҳои пешниҳодшуда барои такмилдиҳии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии вилояти Хатлон, бояд ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсиониро муайян намояд. Барои ин бояд тамоми қисмҳои таркибии сиёсати иқтисодии давлат тавассути пешгӯӣ, таҳияи барномаҳо, стратегияҳо, қонун, қарорҳо ва санадҳои танзимкунандаи соҳа дар шароити захираҳои маҳдуди вилоят (моддӣ ва молиявӣ, идоракунӣ, кадрҳо) пароканда нашавад, балки ба идора кардани омилҳои асосии инкишофи инноватсионӣ (афзоиши фаъолияти эҷодӣ ва ихтироъкорӣ, ҷорӣ намудани таклифҳои навоварӣ ва ғайра), инчунин ба ҳалли масъалаҳои конкретие, ки самараи бевосита ё таъхирнопазир мебахшанд, равона карда шуда, инчунин барои рушди иқтисодиёти минтақаҳо пайваст карда шаванд. Стратегияи пешгӯӣ таъмини базаи моддию техникӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ барои солҳои 2022-2030 ба он нигаронида шудааст, ки рушди дарозмуддати минтақа дар заминаи вазъи тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмию техникӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст. Вазифаи асосӣ дар ин стратегия дарёфти самтҳои стратегии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар фазои рушди иқтисоди минтақаҳо ва баромадан ба бозори ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин сурат роҳҳои пешниҳодшудаи идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ барои расидан ба ҳадафаҳои стратегии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он имкониятҳои нав мекушоянд, аҳамияти асосӣ дорад. Бар асоси ин бояд роҳҳои пешниҳодшуда барои беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникӣ ташаккул дода, барномаҳои мақсадноки илмию техникӣ таҳия ва рушди неруи илмию истеҳсолии вилояти Хатлон ҳавасманд карда шаванд.

**Хулосаи боби сеюм:**

Дар маҷмуъ, аз ҷамъбасти боби мазкур чунин хулосаву пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Дар ҳолати бартараф накардаи мушилоти мавҷуда, рақобатпазирӣ аз рӯи суръати истифодаи навоварии илмиву техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолоти илмталаб, самаранокии равандҳои инноватсиониро дар вилоят интизор шудан

бисёр кори мушкил мебошад. Вобаста ба ин, истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва ташаккули заминаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ яке аз вазифаҳои муҳимми МИҲД дар вилояти Хатлон мебошад, ки қабули тадбирҳои махсусро доир ба рушди инноватсионӣ ва ба вуҷуд овардани шароити зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои бартараф намудаи мушиклотҳои ошкоршудаaро ба роҳ монад.

2. Барои ҳал намудани мушкилотҳои ошкоршуда соҳаи илм ва инноватсия истифодаи самараноки иқтидори илмӣ-техникӣ барои рушди иқтисодиёти ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби бештари грантҳо барои корҳои илмӣ-тақиқотӣ, таҳияи стратегияи таъмини базаи моддию техникӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ барои солҳои 2022-2030, пурзур намудани назорат аз болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва техникаи инноватсионӣ, аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқотчиёне, ки аз муассисаҳои илмӣ ва олии вилояти Хатлон дар назди Шуроҳои диссертатсионӣ, дифои рисолаи илмӣ менамоянд, то як муддати муайян (5-сол) ҷорӣ намудани коеффиссент, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон, дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия ба роҳ мондан лозм мебошад. Дар сурати татбиқи ин тадбирҳои пешниҳодшуда, иқтидори кадрии вилоят ба суръатбахшии таҷдиди техникӣ ва технологӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ муяссар гардида, афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва ҳаҷми махсулоти инноватсиониро дар вилоят таъмин менамояд.

3. Самтҳои афзалиятноке, ки мо интихоб намудем яъне Таҳқиқот дар самти гидроэнергетика, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, тандурустӣ, маориф ва илм, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, муҳайё намудан ва таъмини ҷойҳои корӣ, соҳаи наклиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ, ба вуҷуд овардани маводи нав ва технологияҳои муосир ба мақсадҳои Стратегияи рушди мамлакат то соли 2030 мутобиқат мекунад ва бавежа ин соҳаҳо мустақиман ба ҳайси

самтҳои имконпазири дастрасии пешоҳангии технологӣ ва мутаносибан ва устувор гаштан дар бозорҳои васеъшаванда ва бозорҳои нав пайдошавандаи минтақа, маҳсулоти аз назари технологӣ пешрафта метавонанд бошанд.

4. Самтҳои интихобшудаи таҳқиқоти илмӣ дар вилояти Хатлон метавонад ба рушду нумуи вилоят мусоидат намоянд. Вале дар айни замон, бо сабаби мавҷудияти масъалаҳои ҷиддие, ки ба имкониятҳои маҳдуди маблағгузорӣ ва таҳкими заминаи моддиву техникии илм алоқаманд мебошанд ва ҳамчунин бо дарназардошти суръати фавқулодаи баланди рушди илми ҷаҳонӣ рақобати афзоишёбандаи мактабҳои илмӣ ва талаботи воқеии рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон, масъалаи беҳад муҳим муайян кардан ва ҷудо намудани самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар ояндаи наздик, мутамарказ гардонидани неруи илмӣ ба ин самтҳо, дастгирии институтҳои ташаккулёфта ва самаранок фаъолияткунандаи илмӣ ва дар як вақт ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқот доир ба бахшҳои навтарин ва тезрушдкунандаи илм нақши муҳим мебозад. Барои ин бояд Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва вилояти Хатлон, филиалҳои институтҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ захираҳои асосиро барои таъмини заминаи моддиву техникии илм ва тайёру тарбия кардани кадрҳои илмӣ чораҳои заруриро ба роҳ монанд.Ин дар навбати худ, дар сатҳи муосир анҷом додани корҳои илмӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии коркардҳои илмиро таъмин намуда, ниҳоят дар амал татбиқи бештар ёфтани натиҷаҳои таҳқиқотро суръат мебахшад.

5. Тамоми фаъолияти иқтидори илмӣ-техникӣ ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ, яъне таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, таъсиси маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ, технопаркҳо ва дигар сохторҳои махсусгардонидашуда яке аз омилҳои асосӣ барои такмил додани захираҳои ташкилӣ ва идоракунии иқтидори илмӣ-техникии вилояти Хатлон мебошад.

6. Роҳҳои пешниҳодшуда барои такмилдиҳии идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ, бояд ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионии вилояти Хатлонро

муайян менамояд. Барои ин бояд тамоми қисмҳои таркибии сиёсати иқтисодии давлат тавассути пешгӯӣ, таҳияи барномаҳо, стртегияҳо, қонун, қарорҳо ва санадҳои танзимкунандаи соҳа дар шароити захираҳои маҳдуди вилоят (моддӣ ва молиявӣ, идоракунӣ, кадрҳо) пароканда нашавад, балки ба идора кардани омилҳои асосии инкишофи инноватсионӣ (афзоиши фаъолияти эҷодӣ ва ихтироъкорӣ, ҷорӣ намудани таклифҳои навоварӣ ва ғайра), инчунин ба ҳалли масъалаҳои конкретие, ки самараи бевосита ё таъхирнопазир мебахшанд, равона карда шуда, инчунин барои рушди иқтисодиёти минтақаҳо пайваст карда шаванд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

Таҳқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон дод, ки чунин хулоса ва пешниҳодҳоро манзур гардонем:

1. Дар заминаи ҷамъбасткунии андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, таърифи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа таҳия ва илман асоснок карда шудааст: “Иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа - ин маҷмуи сохторҳои ташкилӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техникӣ-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтироот у пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд” [5-М].

2. Бо назардошти шароити рушди нобаробари минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқи хусусиятҳои идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ ва тамоюлҳои инкишофи инноватсионии он дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, дар як вақт амалӣ кардани тамоми самтҳои пешрафти илмӣ-техникии иноватсионии давлатҳои омӯхташуда ғайриимкон буда, танҳо лоиҳаҳои муҳими инноватсиониеро, ки ба сатҳи рушди иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон, таъсири мусбӣ мерасонанд, аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ кардан ба мақсад мувофиқ мебошад [6-М].

3. Таҳлилҳои маълумотҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли таҳсили 2015-2016 то соли 2019-2020 нишон дод, ки теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 105,2%, аз ҷумла 1 адад дар вилояти Хатлон ва 1 адад дар ВМКБ афзоиш ёфтааст. Таҳқиқот собит сохт, ки таъсисдиҳӣ ва зиёд намудани шумораи муассисаҳои таҳсилотӣ олии касбӣ бевосита ба беҳтаршавии иқтидорӣ илмӣ-техникӣ дар вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқот зарурати таъсиси ҳадди ақал 4 муассисаи олии дигар дар вилояти Хатлон асоснок карда шуда, таъсири мусбии ташаккули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии нав дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар зерсистемаи инноватсионӣ нишон дода шудааст [10-М].

4. Исбот гардидааст, ки афзоиши рушди иқтисодӣ ва иқтидори кадрҳои дараҷаи илмидошта дар ҳар як муассисаи таҳсилоти олӣ нишондиҳандаи муҳимтарин мебошад. Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки шумораи умумии омӯзгорон дар МТОК дар соли таҳсили 2020-2021 2126 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 17,1 фоизро омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта мебошад. Ҳамин нишондод дар сатҳи МТМК-и вилоят бошад, дар соли таҳсили 2020-2021 1,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз мушкили ҷидди соҳа гувоҳӣ медиҳад. Аз рӯи баҳодиҳии самаранокӣ ва рейтинги пешсафӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон аз рӯйи блокҳои алоҳида мавқеи хеле баланд доранд: «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» – ҷойи 1-юм; «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав» - ҷойи 2-юм, « Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон» - ҷойи 3-юм ва миёни муассисаҳои таҳсилотӣ миёнаи касбӣ бошад, «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён» ҷойи 1-умро ишғол мекунанд. Аз рӯйи баҳои умумии интегралӣ Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб дорои дараҷаи «паст»-и иқтидори илмӣ ва илмию техникї мебошанд. Аз таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, ки дар вилояти Хатлон мушкилоти кадрӣ ҳанӯз ҳалли худро пайдо накардааст, ки ин омил, дар самти тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат монеи ҷиддиро пеш меорад [10-М].

5. Нишондиҳандаи дигари иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа,

ки ба такмил ниёз дорад, ин мавҷудияти маҷаллаҳои илмии тақризшаванда мебошад, ки натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимонро дарҷ мекунанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он 42 маҷаллаи тақризшаванда мавҷуд мебошад, ки дутои он ба вилояти Хатлон рост меояд, ки ин нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд (4 адад маҷаллаи илмӣ) кам мебошад. Вале пешравӣ дар самти шумораи маводҳои илмии чопшуда ба назар мерасад, чунончи теъдоди мақола, гузориш ва фишурдаҳои илмӣ дар соли 2016 ба 1511 адад ва ҳамин нишондод дар соли 2020 ба 2291 адад расида, афзоиши он 151,6 фоиз баробар гаштааст [10-М].

6. Мушкилоти рушди минтақавӣ то андозае ба устувории иқтисодиёти вилояти Хатлон таъсир расонида, дар ҳолати бартараф накардани онҳо, рақобатпазирӣ аз рӯйи суръати истифодаи навоварии илмиву техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолоти илмталаб, самаранокии равандҳои инноватсионӣ дар вилоят мувофиқи матлаб намебошад. Дар рафти таҳқиқот ҷиҳати рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон чунин монеаҳои асосӣ ошкор карда шуданд: таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддиву техникии соҳаи илм; ташаккули нокифояи заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ; норасоии кадрҳои илмӣ дар вилоят; набудани робитаи зарурии илму истеҳсолот; нокифоягии маълумотҳои оморӣ баҳри омӯзиш ва таҳлил намудани иқтидори илмӣ-техникӣ, ки барои рушди устувори иқтисодиёти вилояти Хатлон таъсири манфии худро мерасонанд [10-М].

7. Дар кор хулоса бароварда шудааст, ки дурнамои маълумгардидаи рушди илм, техника ва инноватсия дар пасманзари норасоии манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ, фарсудашавии пойгоҳи моддӣ ва техникии соҳаи илм дар вилояти Хатлон - аз як тараф ва аз тарафи дигар – мубориза шадиди рақобатӣ дар байни мактабҳои пешбари илмӣ, талаботи афзояндаи рушди хоҷагии минтақавӣ ва суръати баланди рушди илм дар миқёси ҷаҳон барои тамаркуз додани иқтидори илмӣ-техникӣ ба самтҳои муҳимтарину афзалиятнок, барои кори самарабахши муасиссаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва соҳаҳои ниҳоят тез рушдёбандаи илм хеле муҳим

мебошанд [1-М].

8. Барои такмилдиҳии идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ ва рушди иқтисодиёти инноватсионии вилояти Хатлон, бояд тамоми қисмҳои таркибии сиёсати иқтисодии давлат тавассути ояндабинӣ, таҳияи барномаҳо, стратегияҳо, қабули қонуну қарорҳо ва санадҳои танзимкунандаи соҳа дар шароити захираҳои маҳдуди моддӣ ва молиявӣ, идоракунӣ, кадрҳо, барои тақвияти ташаббускориҳои инноватсионӣ, ҷоннок кардани муносибати навҷӯёна дар байни оммаҳои коргарон, инчунин ба ҳалли масъалаҳои мушаххасе, ки самараи бевосита ё таъхирнопазир мебахшанд, равона карда шаванд [1-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:**

1. Сохтори воҳиди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа пешниҳод гардидааст, ки аз се унсур: захиравӣ, натиҷавӣ, идоракунӣ иборат буда, онҳо ба ҳамдигар печида, ҳамчун як воҳиди бутун гардида, боиси тағйироти миқдорӣ-сифатӣ дар шакли инноватсия мешаванд:

-таркиби захиравӣ, асоси фаъолият ва рушди иқтидори илмӣ-техникӣ дар сатҳи минтақаи алоҳида маҳсуб ёфта, аз унсурҳои ташкилӣ, иттилоотӣ, кадрӣ, молиявӣ, моддӣ ва техникӣ иборат мебошад;

-таркиби натиҷавӣ - ин натиҷаи фаъолияти соҳаи илм ва техника буда, татбиқи захираҳои мавҷудбудаи минтақа ва имкониятҳоро инъикос мекунад;

- таркиби идоракунӣ - қобилияти соҳаи илмӣ-техникии минтақа бо он тавсиф меёбад, ки дар асоси механизмҳои муассири иқтисодӣ шароитро барои фаъолияти навҷӯёна, эҷодкорона, инноватсионии кормандон фароҳам меорад, ки бо ҷоннок шудани онҳо усулҳои самарабахши идоракунии равандҳои инноватсионӣ ташаккул меёбанд [5-М].

2. Пешниҳод мешавад, ки ҷанбаҳои зерини таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар шароити вилояти Хатлон татбиқ карда шаванд:

- дастгирии давлатии сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, аз он лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки барои онҳо захираҳо мавҷуданд, зарур аст. Вобаста ба ҳамин мо, таъсиси Фонди давлатии инноватсионӣ ва таҳияи қонунгузорӣ барои ташаккули

системаи имтиёзноки сармоягузорӣ, кам кардани андозҳо дар тиҷоратикунонии инноватсияњо ва мутамарказ кардани дастгирии давлатии ҳифз ва рушди технологияҳои муҳимро, ки аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шудааст, дар заминаи истифодабарии таҷрибаи Ҷопон мувофиқи мақсад медонем.

- ташаккул ва рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ бидуни сармояи хусусӣ ғайриимкон буда, як низоми нави андозбандиро ташаккул додан зарур аст, ки сармоягузорӣ ва равандҳои навовариро ҳавасманд кунад. Пешниҳод мегардад, ки дар зарфи ду соли аввали истеҳсоли маҳсулоти нав, он аз андоз озод карда шуда, аз манбаи андози фоидае, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионие, ки ба барномаҳои давлатӣ шомиланд, хориҷ карда шавад. Ба сифати намуна метавон ба механизми калидии дастгирии давлатии рушди илм ва технологияҳои пешрафта дар Британияи Кабир истинод намуд, ки имтиёзҳо дар пардохти андоз барои ташкилотҳо ва муассисаҳое дода мешаванд, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд [6-М].

3. Зимни татбиқи таҷрибаи хориҷии рушди иқтидори илмӣ-техникӣ ва ташаккули системаи инноватсионӣ дар сатҳи минтақа бояд ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ ва сиёсии вилояти Хатлон, инчунин хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии он диққат дода шавад. Пешниҳод мегардад, ки Консепсияи рушди инноватсионии минтақавӣ барои такмили фаъолияти технопаркҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои ИМА, Италия ва Испания таҳия ва ќабул карда шавад [6-М].

4. Такмили системаи тайёрии илмӣ, мутобиққунии он ба эҳтиёҷоти воқеии хоҷагии минтақа, таъмини ҳамгироии илм ва истеҳсолот, маблағгузории мактабҳои пешбари илмӣ, бунёди низоми ҳавасмандгаронӣ барои ҷалби насли ҷавон ба соҳаи илм ва маориф, таъсиси шуроҳои диссертатсионии иловагӣ, бо назардошти зарурат ва ҷой доштани иқтидори илмӣ дар дигар муассисаҳои олии вилоят ва амсоли он зарур мебошад. Танҳо бо ҳамин роҳ метавон гузаришро ба роҳи инноватсионии рушд, аз ҷумла дар сатҳи минтақаҳо таъмин намуд [7-М]..

5. Барқарор намудани таълими мақсадноки мутахассисон дар доираи таҳсилоти баъдидипломӣ, инчунин барои ба даст овардани таҷрибаи амалӣ ба аспирантҳо барои иштирок дар лоиҳаҳои таҳқиқотии кафедраҳои донишгоҳҳо тавсеа ва дастгирии иловагии моддӣ-молиявӣ, инчунин пешниҳоди имтиёзҳое (грантҳо, қарзҳо), ки барои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ шароит муҳайё мекунанд, аз қабили зиёд намудани маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ДДК ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара барои нашри мақолаҳои илмӣ, ба роҳ монда шавад [0-М].

6. Барои ҳал намудани мушкилотҳои ошкоршуда соҳаи илм, инноватсия, ҷоннок кардани истифодаи иқтидори илмӣ-техникӣ барои рушди иқтисодиёти ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионї, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби бештари грантҳо барои корҳои илмӣ-тақиқотӣ, таҳияи стратегияи таъмини базаи моддию техникӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ барои солҳои 2022-2030, пурзӯр намудани назорат аз болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва техникаи инноватсионӣ, аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқотчиёне, ки аз муасисаҳои илмӣ ва олии вилояти Хатлон дар назди шуроҳои диссертатсионӣ рисолаи илмӣ ҳимоя мекунанд, то як муддати муайян (5-сол) ҷорӣ намудани коэффиссент, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон, дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия ба роҳ мондан лозим мебошад [10-М].

7. Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар вилояти Хатлон, ки дар таҳқиқот нишон дода шудаанд, яъне самти гидроэнергетика, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, тандурустӣ, маориф ва илм, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, муҳайё намудан ва таъмини ҷойҳои корӣ, соҳаи нақлиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ, ба вуҷуд овардани маводи нав ва технологияҳои муосир ба мақсадҳои Стратегияи миллии рушди то давраи соли 2030 мутобиқат мекунанд ва, хусусан, ин соҳаҳо метавонанд мустақиман ба ҳайси самтҳои имконпазири

дастрасии пешоҳангии технологӣ ва устувор гаштан дар бозорҳои васеъшаванда ва бозорҳои нав пайдошавандаи минтақа, маҳсулоти аз назари технологӣ пешрафта, эътироф карда шаванд [1-М].

8. Барои мукаммалгардонии фаъолияти иқтидори илмӣ-техникӣ ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ, яъне таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, таъсиси маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансферии технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ, технопаркҳо ва дигар сохторҳои махсусгардонидашуда њамчун омили асосӣ барои такмил додани захираҳои ташкилӣ ва идоракунии иқтидори илмӣ-техникии вилояти Хатлон пешниҳод карда мешавад [1-М].

## РУЙХАТИ АДАБИЁТ

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:


1. Бюллетени Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019 №2-3 (10-11).-8-10.
2. Қарори раиси вилояти Хатлон аз 14-уми ферали соли 2020 №45
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ ш. Душанбе, 16 апрели соли 2012, № 822.
4. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 С.25
5. Declaration on science and the use of scientific knowledge: принята Всемирной конференцией ЮНЕСКО «Наука для XXI века: новые обязательства», Будапешт,


